ПАЁЗ МУСАЕВ, ҶАҲОНГИР МУСАЕВ

# ГЕОГРАФИЯ

## Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми
мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

Нашри шашуми такмилдодашуда



*Вазорати таълими халқи Республикаи Ўзбекистон тасдиқ намудааст*

САРРЕДАКСИЯИ ШИРКАТИ
САҲҲОМИИ ТАБЪУ НАШРИ "ШАРҚ"
ТОШКАНД – 2019

УЎК: 91(575.1)(075)
КБК 65.04я721
М – 97

М у қ а р р и з о н:

***Н. САФАРОВА***, дотсенти кафедраи география ва методикаи таълими он дар Донишгоҳи давлатии омўзгории Тошканд ба номи Низомӣ, номзади илмҳои география;
***А. ҶАББОРОВ,*** дотсенти кафедраи методикаи омўзонидани географияи Донишкадаи давлатии омўзгории Қўқанд ба номи Муқимӣ;
***Ш. ХОЛМУРОДОВ,*** омўзгори калони кафедраи география ва методикаи таълими он дар Донишгоҳи давлатии омўзгории Тошканд ба номи Низомӣ;
***С. БЕРДИЕВА,*** омўзгори фанни географияи мактаби таълими миёнаи умумии рақами 213-уми ноҳияи Мирободи шаҳри Тошканд.

Тарҷумон: **Абдулло Субҳон**

М – 97 **Мусаев, Паёз.**
**Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон**: китоби дарсӣ барои синфи 8-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Муаллифон: П. Ғ. Мусаев, Ҷ. П. Мусаев. – Т. “Шарқ”, 2019. – 176 саҳ.
I. Ҳаммуаллиф.

**УЎК: 91(575.1)(075)**
**КБК 65.04я721**

Метавонед тавассути сканеркунонии аломатҳои QR – коди мазкур оиди мавзўъҳои китоби дарсӣ аз маълумотҳои интернет истифода баред.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шуд.**

ISBN 978-9943-26-921-7

© П. Мусаев, Ҷ. Мусаев, 2004, 2014, 2019.
© Сартаҳририяти ШСТН “Шарқ” , 2004, 2014, 2019.

http://eduportal.uz

# БОБИ I. СОХТИ МАВҚЕИ ГЕОГРАФӢ ВА МАЪМУРИЮ ҲУДУДИИ ЎЗБЕКИСТОН

## Дарси 1-ум

## МУҚАДДИМА

***Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон чиро меомўзонад?***

Шумо акнун метавонед дар асоси донишҳои пештар ҳосилнамудаатон доир ба табиати рўйи Замин, аз ҷумла, мамлакатамон, ба дигарон низ маълумот диҳед. Ба ҷуз ин ҳама, донишҳое низ ҳастанд, ки онҳо ба фаъолияти одамон, тарзи ҳаёт ва тафовутҳои ҳудудии истеҳсолот вобастаанд. Фанне, ки ана ҳамин донишҳоро меомўзонад, *географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ* номида мешавад. Он масъалаҳои иктисодӣ ва ичтимоии ба ташкили фаъолияти аҳолӣ вобастаро, чӣ дар як мамлакати муайян ва чӣ сартосари ҷаҳон, меомўзонад. Имсол мо *географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ватани азизамон – Ўзбекистонро* меомўзем.

Дарҳақиқат, завод, фабрика, фирма, беморхона, муассисаи таълимӣ ё корхонаҳои хидматрасонӣ сабуксарона дар ҷойҳои ростомада бунёд гарданд, сабаби саргардонии одамон ва беҳуда сарф гардидани меҳнату маблағ мешаванд. Дар ниҳояти кор, ин ба самаранокии меҳнати ичтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад.



> *Самаранокии меҳнати иҷтимоӣ* миқдори даромади миллиест, ки аз ҳисоби банд будани ҳар як коргар бо истеҳсолоти моддӣ ба даст меояд.

Самаранокии меҳнат ба таъмини истеҳсолот бо мошинҳо, коргарони соҳибмалака, нерўи барқ, сарватҳои табиӣ, бунёди корхонаву манзилҳои аҳолинишин дар ҷойҳое, ки муҳити табиӣ осеб намебинад, шароити кор ва истироҳати меҳнаткашон ва хидматрасонии маданию маишӣ вобаста аст.

Агар ашёи хом, сўзишворӣ, манбаъҳои энергия ва коргарон дар канори ҳам бошанд, самаранокии истеҳсолот таъмин мегардад. Аммо чунин ҷойгузинӣ кам иттифоқ меафтад. Агар дар баъзе ҷойҳо ашёи хом нарасад, дар ҷойҳои дигар сўзишворию энергия камчин аст. Биноан, дар барномаҳои миллии рушди мамлакат ба масъалаҳои ҷойгиркунии аҳолию истеҳсолот ва истифода аз сарватҳои табиӣ ва ташкили ҳудуди яклухт эътибори алоҳида дода мешавад.

http://eduportal.uz

*Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон* иқтисодиёти миллии мамлакатро дар робита ба шароити аҳолӣ ва табиӣ омўхта, тамоюлҳои умумии ташкили ҳудудии онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок менамояд.

Географияи синфи 8-ум шуморо бо донишҳое мусаллаҳ месозад, ки ба афзудани самаранокии меҳнат дар мамлакат, ҳифзи захираҳои табиӣ ва таъмини некўаҳволии аҳолӣ кўмак мерасонанд. Ҳамчунин, бобати афзудани дониши географиатон аз усулҳои мустақил ва манбаъҳои гуногун истифода бурданро меомўзад.

Бо мурури вакт маълумотҳое, ки барои натиҷагириҳои ин фан асос гардидаанд – далелҳои ашёӣ тағйир меёбанд. Маълумотҳои рақамӣ, расм, харитаю схемаҳо ва ҳатто номи ҷойҳо шояд фарқ кунанд. Ин ҷиҳати ба географияи иқтисодӣ ва ичтимоӣ хос аз ҳодисаҳо хабардории пайгиронаро тақозо дорад.

Халқамон дар роҳи тараққиёт ҷасорат нишон медиҳад. Дар таҳким бахшидани истиқлолият, хусусан шумо ҷавонон, бояд фаъол бошед, коратон баракате дошта бошад. *Зеро бобати гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ самаранокии меҳнат омили муҳиму асоситарин мебошад*. Омўхтани географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ўзбекистон ба дарки муҳимияти ин вазифа – фидоӣ будан, иштироки фаъол дар ҳаёти ичтимоию иқтисодӣ кўмак мерасонад.

Ин китоб, дар баробари ошно кардани шумо бо иқтисодиёти миллии мамлакат, имкон медиҳад, ки аз адабиётҳои гуногун ва маълумотҳои муҳими дахлдори соҳа истифода баред. Шумо аз ин китоб усулҳои тасвиру баёни объект ва ҳодисаю ҷараёнҳои географияи иқтисодиро меомўзед.

1. Кўшиш намоед, камаш ду мафҳуму истилоҳи иқтисодиву иҷтимоиро, ки дар саҳифаи дуюми муқоваи китоб омадаанд, шарҳ диҳед.
2. Ба фикри шумо, дар ҷойгирсозии корхонаҳои истеҳсолӣ кадом омилҳо муҳиманд? Ҳаракат кунед, ки ҷавобатон асоснок бошад.

http://eduportal.uz

# Дарси 2-юм МАВҚЕИ ГЕОГРАФИИ ЎЗБЕКИСТОН

*Мавқеи географӣ гуфта чиро мегӯянд?*

Яке аз хусусиятҳои мамлакат, ҳудуд, вилоят, шаҳр, маҳалла, ҳатто ҳавлии муайян он аст, ки дар рӯйи Замин мавқеи нотакрор доранд. Инро мавқеи географӣ меноманд. Моҳиятан, мавқеи географӣ ба тарзи мавқеи *географии табиӣ*, *мавқеи географии иқтисодӣ ва мавқеи географии сиёсӣ* гурӯҳбандӣ мешавад.



Агар *мавқеи географии табиӣ,* асосан, нисбат ба ҷойгиршавии обеъектҳои бузург, мисли уқёнус, баҳр, дарё, кӯҳ, биёбон, ҷангал, талу теппаҳо муайян гардад, мавқеи географии *иқтисодӣ* бо минтақаҳои озоди иктисодӣ, роҳҳои тиҷоратии ҷаҳон, марказҳои бузурги савдою саноатӣ ва имкониятҳои истифодабарӣ аз сарватҳои табиӣ муайян карда мешавад. *Ба мавқеи географии сиёсии* давлати алоҳида бошад, аз он нуқтаи назар баҳо медиҳанд, ки дар як давраи муайян ба моҷароҳои ҳарбии дар ҳудуду давлатҳо рӯйдодаистода ё мумкин аст рӯй диҳанд, то куҷо иртибот дорад.

Объектҳои географӣ байни ҳам иртибот доранд. Дар фазои ҳамин иртибот мавқеи географӣ дар миқёси микро, мезо ва макро намоён мегардад. Акнун бо ҷиҳатҳои ба худ хоси мавқеи географии Ватанамон ошно мешавем.

***Мавқеи географии табиӣ*.** Обу ҳавои кишварамон қариб ки беборишу хушк аст. Эътибор диҳед, мадҳияи давлатии мамлакатамон бо сатри “Кишвари офтобиам” оғоз меёбад. Ба шарофати мавқеи географии табиӣ дер давом кардани рӯзҳои офтобӣ имкон медиҳад, ки дар хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва ҳаёти маишии мамлакатамон сарфу хароҷотҳои молиявӣ кам шаванд. Осмони софамон ба тадкиқотҳои астрономӣ низ имкон медиҳад. Беҳуда нест, ки кайҳоншиносони бузург: Абӯрайҳони Берунӣ, Аҳмад ал-Фарғонӣ, Мирзо Улуғбек дар сарзамини мо ба воя расидаанд.

***Мавқеи географии иқтисодӣ*.** Рушди ҳар як мамлакат бе робитаҳои иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ тасаввурнопазир аст. Миқёси робитаҳои иқтисодии хориҷӣ бошад, ба тақсимоти байналхалқии меҳнат ва имкониятҳои мавқеи географии иқтисодӣ вобаста аст. Дар зинаҳои муайяни тараққиёти инсоният роҳҳои бузурги байналхалқии тиҷоратӣ омили муҳим гардидаанд.

Имкониятҳои мавқеи географии иқтисодӣ бо гузашти давр метавонад тағйир ёбад. Ба ин воқеаҳои сиёсӣ, пайдоиши захираҳои бузурги сарвати табиӣ ва коркарди онҳо, такмил ёфтани воситаҳои нақлиёт сабаб

http://eduportal.uz

мегарданд. Инро дар мисоли дигаргуниҳои дар мавқеи иқтисодию географии кишварамон рӯйдода метавон дид.

Маълум, ки аз асри II то милод то асри XVI милодӣ роҳи асосии тиҷорат – “Роҳи бузурги абрешим”, ки Шарқро (Ҳиндустон, Хитой) бо Ғарб (кишварҳои Аврупо) мепайваст, тавассути Осиёи Марказӣ гузаштааст. Ва ин шоҳроҳ ба авҷ гирифтани табодули мол дар бозорҳои Осиёи Марказӣ, рушди ҳунармандию деҳқонӣ, равнақи шаҳрҳо ва илму фарҳанг такон бахшидааст. Дертар вақте роҳҳои савдои байни Шарқу Ғарб аз хушкӣ ба баҳру уқёнусҳо кӯчид, созгории мавқеи иқтисодию географии Осиёи Марказӣ аз байн рафт.

Дар охирҳои асри XIX ба Осиёи Марказӣ роҳи оҳан кашида шуд. Дар натиҷа шаҳрҳое, мисли Самарқанду Тошканд тавассути роҳи оҳан бо ноҳияҳои марказии Русия пайвастанд. Ин имкон дод, ки вазъи мавқеи иқтисодию географии Ўзбекистон то ҷое беҳ гардад. Аммо дар аҳди шӯравӣ аз мусоидии мавқеи иқтисодию географӣ, асосан, иттиҳоди собиқ манфиатдор буд.

Маълум, ки Ўзбекистон дар дунё яке аз ду мамлакатҳоест, ки имкони бевосита ба баҳру уқёнусҳо баромаданро надорад, барои ба уқёнусҳо баромадан, бояд камаш ду мамлакатро убур намояд. Давлати дуюм Лихтенштейн аст. Ин аст, ки Ўзбекистон сохтори нақлиёташро такмил дода, барои баромадан ба уқёнуси дунё чорабиниҳо андешид.



***Ба туфайли истиқлолият*** Ўзбекистон бо давлатҳои хориҷӣ ҳуқуқи роҳандозии робитаҳои озодро ба даст даровард. Дар муддати кӯтоҳи таърихӣ роҳҳои хушкӣ ва ҳавоие, ки ӯро бо ҳамсояҳои азалӣ – Афғонистон, Покистон, Эрон, аз ғарб бо Туркия, аз шарқ бо Хитой мепайванданд, кушода шуданд. Мавқеи иқтисодию географии Ўзбекистон беҳ шуд.

Хусусан, дар натиҷаи иштироки Ўзбекистон дар лоиҳаи “Як макон, як роҳ” имконияти аз нав барқарор намудани рӯҳияи Роҳи абрешим, рушди ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ, якҷоякунии инфрасохтори нақлиёти мамлакатҳо пайдо шуд. Гоҳо баъзе имкониятҳои ҳудудии давлатҳои ҳамсоя низ метавонад ба мавқеи иқтисодию географии мамлакат таъсир расонанд. Масалан, баъди сохта шудани роҳи оҳани Туркманистон – Эрон, Ўзбекистон аз он дар робитаҳои хориҷӣ истифода бурд.

Пас, дар баҳо додан ба мавқеи иқтисодию географии ҳар гуна мамлакат ба гиреҳҳои бузурги нақлиётии он, аз ҷумла, ҷойгузиниаш нисбат ба роҳҳои баҳрӣ ба эътибор гирифта мешудааст. Ин аст, ки мавқеи иқтисодии географии Ўзбекистон торафт хуб мегардад.

http://eduportal.uz




*Расми 1.* Мавқеи микрогеографии Ўзбекистон.

Дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ мавқеи сиёсию географӣ низ омили муҳим ба шумор меравад. Истиқлолияти Ўзбекистон аз ҷониби аҳли ҷаҳон эътироф гардида, бо ў беш аз 130 давлати дунё робитаҳои дипломатӣ дорад, аксарияташон сафоратхонаҳои худро кушодаанд. Дар навбати худ, дар бисёр кишварҳо сафоратхонаҳои Ўзбекистон фаъолият доранд. Ба узвияти созмонҳои байналхалқии гуногун, аз ҷумла, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, ҳамчунин пазируфта шудани ҳамсояҳои девордармиёни он – ҷумҳуриҳои дўсту бародари Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба ин созмонҳо, омили мусбати муайянкунандаи мавқеи сиёсиву географӣ мебошад.

**1.** Ба фикри шумо, дар байни вилоятҳои мамлакат кадомаш мавқеи созгори иқтисодиву географӣ дорад? Ҷавобатонро асоснок кунед.
**2.** Мавқеи иқтисодиву географии ноҳиятонро дар асоси нақша хаттӣ тасвир намоед:
а) хусусиятҳои сарҳадии ноҳия;
б) кадом ҷиҳатҳои ноҳияи ҳамсоя ба рушди хоҷагии ноҳиятон саҳм мегузорад?
в) тавассути кадом навъи нақлиёт ноҳиятон бо дигар ноҳияҳо робита дорад?
**3.** Аз атласи таълимии синфи 8 муайян намоед. ки мамлакатамон аз укёнусҳо чӣ қадар дур аст?

http://eduportal.uz

## Дарси 3-юм

# СОХТИ МАЪМУРИЮ ҲУДУДИИ ЎЗБЕКИСТОН

Сохти маъмурию ҳудудии Ўзбекистон, қиёфаи ҳудудии сарҳадҳо дар идора ва рушди он нақши муҳим доранд. Ҳудуди Ҷумҳурии Ўзбекистон 448, 9 ҳазор км. кв. буда, аз ҳудуди давлатҳои пешрафтатарини ҷаҳон: Ҷопон, Олмон, Британиёи Кабир, Италия калон (расми 2) аст. Пойтахташ – шаҳри Тошканд. Сохти маъмурию ҳудудии Ўзбекистон 3 зинаро ташкил медиҳад. Дар зинаи аввал Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, 12 вилоят ва шаҳри Тошканд қарор дорад. Дар навбати худ Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо аз ноҳияву шаҳрҳои тобеъ ташкил ёфтаанд. Шаҳри Тошканд аз ноҳияҳои дохилишаҳрӣ таркиб ёфтааст.

Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва ноҳияҳои вилоятҳо аз шаҳру шаҳракҳо ва ҷамоатҳои шаҳрвандии тобеи онҳо (расми 3) иборатанд.

Шумо медонед, ки вилоятҳои мамлакатамон Андиҷон, Бухоро, Ҷиззах, Навоӣ, Намангон, Самарқанд, Сирдарё, Сурхондарё, Тошканд, Фарғона, Қашқадарё ва Хоразм номида мешаванд. Ҳудуд ва теъдоди аҳолии вилоятҳо аз якдигар фарқи калон дорад. Тўли солҳои истиқлолият дар шумора ва номгузории вилоят тағйирот рўй дод. Теъдоду номи ноҳия, шаҳр, шаҳрак, деҳа ва авулҳо, дар баробари рушди иҷтимоию иқтисодӣ, тағйир ёфта истод.

Дар Ўзбекистон ташкил додани вилоят, ноҳия, шаҳр, шаҳрак, деҳа, овул, барҳам ва тағйир додани сарҳади онҳо, кўчондани марказҳои




*Расми 2.* Майдони Ҷумҳурии Ўзбекистон (вазъи соли 2018).




*Расми 3.* Сохтори маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

маъмурӣ, ҳамчунин ба сисилаи шаҳру шаҳракҳо дохил кардани манзилҳои аҳолинишин дар асоси Қонун ба тартиб дароварда мешавад.

Кори ташкил ва барҳам додани вилояту ноҳияҳо, тағйир додани сарҳади онҳо бино ба пешниҳоди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҷониби Олий Маҷлис ба амал татбиқ карда мешавад.

Сарҳади Ҷумҳурии Қароқалпоқистон метавонад танҳо бо ризоияти он дар асоси қарори Ҷӯқорғи Кенгес аз ҷониби Олий Маҷлис тағйир дода шавад. Кори ташкил ва барҳам додани ноҳияҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон мувофиқи пешниҳоди Ҷумҳурии Қароқалпоқистон аз ҷониби Ҷӯқорғи Кенгес бо ризоияти Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба амал татбиқ карда мешавад. (Моддаи 69-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон).

Кори ташкил ва барҳам додани деҳаю овулҳо ва тағйир додани сарҳади онҳо бино ба дархостномаи ҳокимони ноҳияҳои дахлдор аз ҷониби шӯрои вилоятии депутатҳои халқ, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бошад, аз ҷониби Ҷӯқорғи Кенгес ба амал татбиқ карда мешавад.

Бино ба тобеият низ шаҳрҳои мамлакатамон ба 3 тоифа ҷудо мешаванд:

1. Дар тобеияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон;
2. Дар тобеияти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо;
3. Шаҳрҳои дар тобеияти ноҳия буда.

Ба силсилаи шаҳрҳои тобеи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо тибқи қоида шаҳрҳое дохил шуда метавонанд, ки марказҳои пешомадноки иқтисодию маъмурӣ ба шумор меравaнд, камаш 30 ҳазор нафар аҳолӣ доранд ва дорои аҳамияти муҳими маъмуриянд.

Хива ва Шаҳрисабз аз навтарин шаҳрҳоеанд, ки (соли 2017) ба тобеияти вилоят гузаронида шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки ба шаҳрҳои қадимии воқеъ дар ҳудуди Ўзбекистон сайёҳон бештар ворид шаванд.

Ба силсилаи шаҳрҳои тобеи ноҳия, тибқи қоида, шаҳрҳое дохил шуда метавонанд, ки камаш 7 ҳазор аҳолӣ дошта, дорои корхонаҳои саноатӣ ва ифрасохтори рушдкардаанд.

Ба силсилаи шаҳрҳои тобеи ноҳия дохил кардани шаҳраку манзилҳои аҳолинишин, аз нав ташкил додани онҳо, бино ба дархостномаи ҳокимони вилояти дахлдор ва пешниҳоди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон аз ҷониби Олий Маҷлис, дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бошад, бино ба дархостномаи ҳокимони ноҳияи дахлдор ва пешниҳоди ҳукумати Ҷумҳурии Қароқалпоқистон аз ҷониби Ҷўқорги Кенгес ба амал татбиқ карда мешавад.

Ба силсилаи шаҳракҳо, тибқи қоида, пунктҳои аҳолинишине дохил шуда метавонанд, ки дар наздикии корхонаҳои саноатӣ, сохтмонҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва дигар объектҳои муҳим қарор дошта, аҳолиашон камаш 2 ҳазор нафар аст.

1. Бо истифода аз адабиётҳои иловагӣ, номи мамлакатҳоеро, ки майдонашон аз майдони Ўзбекистон калон ва хурд аст, пайдо карда дар дафтаратон ҳар чӣ бештар қайд намоед.
2. Дар кадом вилоятҳои Ўзбекистон аҳолӣ бештар, дар кадомашон камтар, майдони кадомашон бузургтар ва кадомашон хурдтар аст? Инро аз ҷадвали 1-уми китоб муайян кунед.
3. Дар харитаи бематни синфи 8-ум харитаи сохти маъмурию ҳудудиро ранг кунед. Шаҳрҳоеро, ки пойтахти Ҷумҳурии Ўзбекистон, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва маркази вилоятҳоянд, муайян намоед.

http://eduportal.uz

# Дарси 4-ум

## ХАРИТАҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ

Шумо дар дарсҳои географияи табиии синфҳои 5 – 7 бо харитаҳои гуногуни табиӣ сарукор доштед. Акнун дар синфи 8-ум барои афзудани донишҳоятон доир ба аҳолию иқтисодиёт аз харитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ истифода мебаред. Дар харитаҳои мазкур манзилҳои аҳолинишин, конҳои кандании фоиданок, марказҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ ва ҷойгузинии роҳҳои алоқа нишон дода мешаванд. Барои тасвири онҳо дар харитаҳо аз усулҳои ба худ хоси нуқта, картодиаграмма ва картограмма истифода мебаранд.

***Харитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ*** ҳодиса ва ҷараёнҳои иҷтимоию хоҷагиро инъикос менамоянд. Чунин харитаҳо ба мавзӯъҳои гуногун: таърихӣ, аҳолӣ, хоҷагӣ ва соҳаҳои он, соҳаи хидматрасонӣ, таълим ва маданият, рекреатсион, нақлиёт, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ (расми 4.) ва ғайра тақсим карда мешаванд.

Бузургтарини ин гуна харитаҳо харитаи саноатист. Зеро онҳо аз як




*Расми 4.* Дарозӣ ва зичии роҳҳои оҳан (соли 2018) .

http://eduportal.uz

тараф дар бораи хелҳои гуногуни саноат маълумот диҳанд, аз тарафи дигар доир ба ҳудуди алоҳида, истеҳсолоти саноатии мамлакат ё ҷаҳон маълумот медиҳанд. Ҳамчунин, ин гуня харитаҳо таърих ва зинаҳои тараққиёти саноатро низ инъикос карда метавонанд.

***Харитаҳои хоҷагии*** деҳот мавқеи географӣ, шарту шароити ривоҷёбӣ ва таъсири мутақобилаи соҳаи мазкурро бо муҳити атроф ифода менамоянд. Дар ин соҳа метавон харитаҳои деҳқонӣ, чорводорӣ ва маҷмӯиро дар алоҳидагӣ омӯхт. Дар ин гуна харитаҳо майдонҳои кишти маҳсулоти хоҷагии деҳот, ҳосилнокии киштзор, навъҳои чорводорӣ, самарадории онҳо ва шарту шароити хоҷагидорӣ инъикос меёбанд. Ҳамчунин, аз ин гуна харитаҳо самтҳои азнавкоркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот ва масъалаҳои рушди соҳаи мазкурро метавон омӯхт.

Харитаҳои аҳолӣ, асосан, маълумотҳоро доир ба саршумори аҳолӣ, ҷараёни инкишофи он, мавқеи географӣ, зичӣ, таркиби ҷинс ва синну соли аҳолӣ, ҷараёнҳои демографӣ (таваллуд, фавт, никоҳ ва ғ.) муҳоҷирати аҳолӣ, фаъолияти касбӣ, шуғли ӯ дар соҳаҳои гуногун ва таркиби миллии аҳолиро дар бар мегиранд.

Ҳоло доираи амалкарди харитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ вусъат пайдо карда, нисбат ба харитаҳои иқтисодӣ харитаҳои иҷимоӣ зиёд мегарданд. Масалан, имрӯз харитаҳое ба вуҷуд меоянд, ки масъалаҳои электоралӣ (яъне, интихобот ва овоздиҳӣ), ҳамчунин, дар кадом ҳудудҳо рӯй дода истодани қонуншиканиҳоро нишон медиҳанд.

Дар асри XXI – асри технологияҳо, ҷойи харитаҳои пешинаро харитаҳои электронӣ ишғол менамоянд. Имрӯз барномаҳои Google map ва GPS, ки дар байни мардум оммавӣ гардидаанд, мавриди истифодаи бештаранд. Тавассути чунин харитаҳои электронӣ имкони муайян кардани мавқеи ҷойгиршавии объектҳо (мисли шаҳр, корхонаи саноатӣ, тарабхона, сартарошхона ва ғ.) дидани сураташон ва аниқ кардани фосилаи онҳо мавҷуд аст.

1. Дар атласи синфи 8 бо кадом аломатҳо ишора шудани «заминҳои обёришаванда», «шаҳри аҳолиаш аз 100 нафар зиёд» ва «қубурҳои газ»-ро дар дафтаратон нависед.
2. Бо кӯмаки атласи таълимӣ харитаи бематни синфи 8-умро доир ба ягон мавзӯъ ранг кунед. Дар гузоштани аломатҳои шартӣ аҳамият диҳед.
3. Аз харита номи ҷойҳоеро ёбед, ки номи рӯзҳои ҳафтаро доранд. Дар кадом вилоятҳо ҷойгир шудани онҳоро дар дафтаратон қайд намоед.

http://eduportal.uz

# Боби II. АҲОЛӢ, САРВАТҲОИ ТАБИӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ ЎЗБЕКИСТОН

## Дарси 5-ум

## ШАРОИТ ВА САРВАТҲОИ ТАБИИИ ЎЗБЕКИСТОН

Фарқи шароити табиӣ аз сарватҳои табиӣ

Сарзамини Ўзбекистон нотакрор аст. Вобаста ба ин табиату сарватҳояш низ гуногунанд.

***Шароити мусоиди табиӣ*** – омили муҳими самаранокии истеҳсолот.

Шароити табиӣ, ***хусусан, дар хоҷагии деҳот, истихроҷи канданиҳои фоиданок ва ҳаракати*** наклиёт равшан ба назар мерасад. Релефи кўҳӣ, биёбону шўрхок ва чариҳо аз худ кардани заминро душвор мегардонанд. Дар хушксолиҳо оби дарёҳо кам шуда, заминҳои кишт ташна мемонанд. Аммо тараққиёти илму техника истеҳсолотро ба шароити табиӣ бениёз мегардонад. Таъсири инсон ба табиат пурзўр гардида, сабаби рўй додани ҳодисаҳои нохуш низ мегардад.

***Сарватҳои табиӣ*** аз шароити табиӣ тафовут дошта, ба истеҳсолот иртиботи бевосита доранд, яъне пойгоҳи ашёи хом ва энергетика мебошанд.

***Сарватҳои зеризаминӣ (захираҳои минералӣ)*** аз муҳимтарин сарватҳои табииand. Дар саноат ва ниёзҳои маишӣ аз онҳо васеъ истифода бурда мешавад (расми 5).

Ўзбекистон сарватҳои зиёди зеризаминӣ дорад. Аммо ниёзмандии иқтисодиёти он ба ашёи хом ва сўзишворӣ торафт меафзояд. Ҳоло қариб нисфи сарватҳои табиӣ истифода бурда мешаванд. Бо вуҷуди ин, онҳоро бояд сарфакорона истифода бурд. Зеро сарватҳои табиӣ адошавандand, онҳоро наметавон аз нав барқарор кард.

***Шартҳои асосии истифодаи оқилона аз сарватҳои барқарорнашаванда:***

- истихроҷи пурраи канданиҳо аз конҳо;
- халалдор накардани муҳити атроф;
- истифодаи маҷмўъӣ – мукаммал аз моддаҳои арзишнок;
- идома додани ҷустуҷўҳои пайгирони географӣ;

http://eduportal.uz




*Расми 5.* Навъ ва корбурди сарватҳои табиӣ.

- дар сарфи ашёи хому сӯзишворӣ ба воҳиди маҳсулот истифода аз техника ва технологияи сарфакунанда.

Барои баҳрабардории насли оянда аз сарватҳои барқарорнашаванда бояд оқилона истифода бурд. Об аз сарватҳои дигари табиӣ мебошад. Дар хоҷагии деҳот ва корхонаҳои саноатӣ об зиёд сарф мешавад.Корхонаҳо нисбат ба аҳолии шаҳрҳои калон оби ошомиданиро бештар «хӯрда» истодаанд. Об сарвати табиии барқароршаванда аст.

Заминҳои ҳосилхези хоҷагии деҳот, растанӣ ва ҳайвоноти мавриди ниёзи аҳолӣ (моҳӣ, ҳайвонҳои ёбоӣ) ва ҳавое, ки барои инсон зарур аст, низ ба сарватҳои табиии адошаванда ва барқароршаванда мансубанд. Дар шаҳрҳое, мисли Тошканд, Фарғона, Навоӣ ва ҳудуди баъзе ноҳияҳо кислороди таркиби ҳаво эҳтиёҷи аҳолиро қонеъ нагардонда истодааст. Ҳол он ки манбаи кислород тӯли даҳҳо сол барқарор мешаванд. Замини ҳосилдор аз он ҳам сусттар барқарор мешавад.

Шароити кишварамон барои расонда додани маҳсулоти хоҷагии деҳот мусоид аст. Он агроиқлими сарвати табииаш адонашаванда мебошад. ***Энергияи офтоб*** сарвати адонашавандаи мамлакатамон аст. Ба энергияи электрикӣ табдил додани гармии офтобояндаи дурахшон дорад.

1. Шароит ва сарватҳои табиӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ чӣ аҳамият доранд?
2. Кадом навъҳои сарвати табииро медонед?
3. Аҳамияти сарватҳои табиӣ чӣ хел арзёбӣ мегарданд?
4. Аз харита ёбед, ки барои истихроҷи сарватҳои табиӣ дар кучои кишварамон шароити мусоид мавҷуд аст?

## Дарси 6-ум

# АҲАМИЯТИ ШАРОИТ ВА САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

*1. Дар ҳудуди Ўзбекистон кадом минтақаҳои табиӣ мавҷуданд?*
*2. Доир ба канданиҳои фоиданоки Ўзбекистон чиҳоро медонед?*

Бино ба шароити табиӣ ва аҳамияташон дар хоҷагӣ ҳудуди Ўзбекистонро ба биёбон, талу теппа ва чарогоҳҳо метавон ҷудо кард.

Дар Ўзбекистон мавзеъҳои 400 метр баланд аз сатҳи баҳр ***минтақаи биёбон*** маҳсуб меёбанд.

Ин ҷойҳо барои чарогоҳанд, аммо сарвати хўрокии биёбон хеле кам аст. Барои парвариши як гўсфанд 2 - 3 гектар чарогоҳ лозим аст. Биноан, дар биёбонҳои Ўзбекистон метвон то 10 млн. сар гўсфанд парвариш кард. Вале самараи биёбонҳо, дар ҳисоби ҳар гектар, назар ба заминҳои обӣ 100 маротиба кам аст.

Дар минтақаҳои биёбон нафт, газ, олтингўгирд барин захираи сарватҳои табиӣ мавҷуданд (расми 6). Мисол, захираи газ аз 2 триллион метри мукааб зиёд аст. Дар Сурхондарё ва Қизилқум кони фосфорит мавҷуд. Олтингўгирд, конҳои намаки натрий ва магний барои саноати кимиё ашёи хоми муҳиманд. Ашёи хоми сохтмон – регу шағал низ бисёр аст.

Қисмати аз сатҳи баҳр 400 – 1200 метр баланди ҷумҳурӣ ***минтақаи талу теппа*** маҳсуб меёбад.

Иқлими талу теппаҳо нисбат ба иқлими биёбон мўътадилтар аст. Анвои растанӣ зиёд ва хокашон аз пўсидагиҳо боянд. Ин ҷойҳо, асосан, обикоранд, дар ҷойҳои аз сатҳи баҳр 1000 метр баланд усули лалмикорӣ роҳандозӣ мешавад. Аз он ки замини адирҳо барои деҳқонӣ мусоидаст, одамон аз қадим дар ҳамин ҷойҳо деҳқонӣ карда, сатҳи он ва олами растаниву ҳайвоноташро тағйир додаанд.

http://eduportal.uz




*Расми 6.* Канданиҳои фоиданоки ҳудуди Ўзбекистон.

Дар Ўзбекистон ***минтақаи кўҳӣ дар*** баландӣ, яъне 1200 м. аз сатҳи баҳр ҷой гирифтаанд.

Тобистони кўҳҳо нисбатан кўтоҳ буда, борон бисёр меборад. Хокаш пур аз пўсидагиҳост. Дар кўҳҳо ривоч, роба, зира, ҳулбўйи кўҳӣ, дар баландтар хуч, зирк барин гиёҳу буттаҳо, дар болотар аз онҳо бодом, писта, дўлона, заранг, себ, чормағз, нок, олуча барин дарахтони ёбоӣ мерўянд. Бодому пистаро мечинанд. Дар натиҷаи бо дарахтони ёбоӣ пайванд кардани дарахтони мевадори хонагӣ аҳамияти хоҷагии кўҳҳо торафт афзун мегардад.

Аз иқлими давоии минтақаи кўҳӣ ва табиати зебою нотакрори он барои муолиҷа ва истироҳат истифода мебаранд.

Кўҳҳо канданиҳои фоиданоки зиёд доранд. Дар кўҳҳои атрофи Оҳангарон конҳои гили ба оташ тобовар, ангишти сиёҳи хокистарранг, маъдани мисс ва конҳои тилло мавҷуданд. Дар кўҳҳои Нурато конҳои мармар (Ғозғон) ва волфрам ҳаст.

Дар камари кӯҳҳои баланд ва баландии кӯҳҳои паст ***минтақаҳои чарогоҳ*** мавҷуданд.

Дар ин минтақаҳо ҳаво бештар хунук буда, сатҳи замин барфпӯш аст. Тобистони кӯҳ кӯтоҳу сербориш мебошад. Ҷойҳои мусоиди кӯҳҳо барои чарогоҳ истифода бурда мешаванд.

***Об – сарвати табиӣ.*** Барои хоҷагии деҳот, саноат ва аҳолии Ӯзбекистон барфи кӯҳҳо манбаи обанд. Кӯҳҳо сарчашмаи ҳамаи дарёҳои кишваранд.

Тӯли 3 – 4 моҳ 70 – 95 фоизи оби солонаи дарёҳо ба фасли баҳор ва аввали тобистон рост меояд. Оби дарёҳо дар ***обанборҳо*** ҷамъ шуда, давоми сол сарфакорона истифода мешаванд.

Барои наолудани обҳои равон обҳои мавриди истифодаи саноат ва хоҷагиҳои маишию коммуналӣ тоза карда мешаванд. Об дар Ӯзбекистон, баробари сарвати табиӣ будан, арзиши миллӣ низ ба шумор меравад. Дарёҳо, ба ҷуз манбаи обёрӣ, манбаи нерӯи барқ низ мебошанд.

Аз НБО-е, ки дар дарёҳо бунёд гардидаанд, соле 5 млрд. кВт с. энергия ҳосил мешавад. Дар кишварамон, барои барпо кардани обанбори сунъӣ, дарёҳоро баста НБО месозанд.

***Сарватҳои замин***. Майдони умумии Ӯзбекистон 44,4 млн. гектар мебошад. Ними онро майдонҳои хоҷагии деҳот ташкил медиҳанд.

Ҳарчанд сарвати замини кишварамон зиёд аст, аз он моҳирона бояд истифода бурд. Вагарна заминҳо ба биёбон табдил меёбанд. Заҳбур канда, гурезонидани обҳои зеризаминӣ, обшӯй кардани заминҳо ва киштгардон дар роҳи беҳбуди кор чорабиниҳои муҳими мелиоративӣ ва агротехникӣ ба шумор мераванд.

1. Аҳамияти дар иқтисодиёти Ӯзбекистон доштаи шароити табииро фаҳмонда диҳед.
2. Дар харитаи бематн канданиҳои фоиданоки кишварамонро ранг кунед.
3. Ба ноҳияатон тибқи нақшаи зерин таърифи географӣ диҳед: а) хусусиятҳои мавқеи географӣ; б) заминҳоеро, ки метавон барои деҳқонӣ ва чорводорӣ истифода бурд; в) Пешомади азхудкунии заминҳои иловагӣ; г) Ему хошоки мавҷуда то куҷо ба ниёзҳои чорводорӣ ҷавобгӯянд? д) Барои ҳифзи сарватҳои табиӣ ва истифодаи дуруст аз онҳо чӣ чорабиниҳо андешида мешаванд?

http://eduportal.uz

# Дарси 7-ум

## АҲОЛИИ ЎЗБЕКИСТОН

Шароиту сарватҳои табиӣ имкон медиҳанд, ки Ўзбекистон дар оянда давлати бузург шавад. Аммо ин сарватҳо танҳо тавассути меҳнати ақлию ҷисмонӣ эҳтиёҷи одамон ва рушди ҷамъиятро таъмин карда метавонанд. Барои ташкили меҳнати миллионҳо нафар бояд саршумори аҳолӣ ва таркиби ҷойгиршавии он дар мамлакат ба ҳисоб гирифта шавад. Ўзбекистон яке аз мамлакатҳои такрор истеҳсолкунандаи (захираҳои меҳнат) омили аҳолӣ ва инсон мебошад. Аҳолии Ўзбекистон дар соли 2019 аз 33,2 млн. зиёд шуд (расми 7).

Бино ба маълумоти бунёди аҳолишиносии СММ (с. 2018) Ўзбекистон дар ҷаҳон, аз рўйи саршумори аҳолӣ, дар ҷойи 44- ум қарор дошт. Аҳолӣ, аз ҳисоби зиёд будани теъдоди таваллудшудагон нисбат ба шумораи фавтидагон, зиёд мешавад. Инро афзоишёбии табиӣ меноманд. Аҳолӣ аз ҳисоби муҳоҷиршавӣ низ меафзояд, ки инро афзоиши механикӣ меноманд (расми 8).

Муҳоҷиршавӣ маънои кўчиданро дорад. Муҳоҷиршавӣ ба кўчиши дохилию берунӣ тақсим мешавад. Дар дохили як мамлакат аз манзиле ба дигар манзил кўчиданро муҳоҷиршавии дохилӣ меноманд. Аз мамлакате кўчида рафтан (эмигратсия) ё ба мамлакате омадан (иммигратсия) – ро муҳоҷиршавии берунӣ меноманд.




*Расми 7.* Афзоиши аҳолии Ўзбекистон (млн.).




*Расми 8.* Афзоиши табиӣ ва механикии аҳолӣ (с. 2018 ҳазор нафар)

http://eduportal.uz




*Расми 9.* Бардавомии умри аҳолии Ўзбекистон (синну сол).

Тўли солҳои истиқлолият дар мамлакатамон нишондиҳандаҳои таваллуду фавт низ тағйир ёфанд. Агар дар соли 1991 723, 4 ҳазор кўдак ба дунё омада бошад, соли 2001 ин нишондиҳанда 513 ҳазор нафарро ташкил дод. Дертар, ба сабаби беҳ шудани вазъи зиндагӣ, зоиш зиёд шуд ва соли 2017 716 ҳазор нафар кўдак ба дунё омад. Ҳоло аҳолии Ўзбекистон соле беш аз ним миллион нафар меафзояд. Хулоса, метавон гуфт, ки агар дар даҳсолаи аввал шумораи зоиш тамоюли камшавӣ дошт, дар даҳсолаи дуюм ва даврахои баъдӣ зоиш зиёд гардид. Суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ дар зичии аҳолӣ (шумораи аҳолӣ дар ҳудуди 1 км. кв.) низ ифода меёбад. Агар 1 аср қабл зичии аҳолии мамлакат дар ҳар як км. квадратӣ 10–11 нафарро ташкил дода бошад, имрўз ин нишондиҳанда аз 70 нафар зиёд аст. Бардавомии умр нишонаи беҳ шудани сифати зиндагии аҳолӣ мебошад. Ин нишондиҳанда соли 2016 дар мамлакатамон 73, 8 - ро ташкил додааст (расми 9).

Нишондиҳандаҳои давомияти умр солҳои охир тамоюли зиёдшавӣ дошт. Масалан, соли 1991 ин нишондиҳанда 66,4 солро ташкил карда бошад, соли 2000 - ум 70,8, соли 2010 - ум 73,0 - ро ташкил дод.

Аз солҳои аввали истиқлолият дар соҳаи тиббӣ кишварамон низ ислоҳотҳо оғоз ёфтанд. Бисёр қонун, фармон, қарор ва барномаҳои аз ҷониби давлатамон қабулшуда, ба амал татбиқ мегарданд. Ин аст, ки дар ҷумҳурӣ дараҷаи фавт, аз ҷумла нишондиҳандаҳои фавти кўдакону модарон коҳиш ёфт ва ин ба давомияти умри аҳолии ҷумҳурӣ бетаъсир намонд.

1. Бо истифода аз чадвали якуми қисми илова зич ё тунук ҷойгиршавии аҳолиро дар вилоятҳо муайян намуда, сабабашро фаҳмонед.
2. Омили инсон чист? Таъсиргузории онро ба рушди иқтисодиёт ва ҷойгиршавӣ аз куҷо метавон донист?
3. Ниёзи ба омили инсон доштаи иқтисодиёт чӣ хел қонеъ гардонда мешавад?

## Дарси 8-ум

## ТАРКИБИ АҲОЛИИ ЎЗБЕКИСТОН

***Захираҳои меҳнатӣ.*** Ҳамаи аҳолӣ лаёқати корӣ доранд. Мардони аз 16 то 60-сола, занони аз 16 то 55-сола ба меҳнат коршоямaнд. Дар баъзе соҳаҳои истеҳсолот аз синни 40-у 50 ба нафақа мебароянд. Шахсони синну соли нафақа ҳуқуқи кор карданро доранд. Хонандагоне, ки синни 15-ро пур кардаанд, дар вақтҳои холӣ, метавонанд кор кунанд.

Ба меҳнат коршоямон беш аз ними аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд. Қисми асосии ба меҳнат коршоямон дар саноат, хоҷагии деҳот ва сохтмон кор мекунанд. Онҳо канданиҳои фоиданок, мошин, хўрокворӣ ва молҳои саноатӣ истеҳсол менамоянд, пахта, ғалла, картошка, ангур мепарваранд, биноҳо месозанд, яъне сарвати моддӣ меофаранд. Маҳсули меҳнати ходимони илм, маориф, фарҳанг ва тиб дигархелтар аст. Меҳнати онҳо низ заруру фоиданок мебошад (расми 10).

***Фаъолияти меҳнатии одамон*** ба ду соҳа: соҳаи истеҳсолгарони неъмати моддӣ ва истеҳсолнакунандагони неъмати моддӣ тақсим мешавад.

Бо рушди илму техника нақш ва теъдоди онҳое, ки неъмати моддӣ истеҳсол намекунанд, меафзояд. Барои ин, қабл аз ҳама, бояд дар соҳаи истеҳсолот самаранокии меҳнат зиёд гардад. Танҳо ҳамон сурат як қисми аҳолии ба меҳнат қодир метавонанд ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ гузаранд. Дар баробари шумора ва малакаи коршоямон камолоти маънавии онҳо низ аҳамияти муҳим касб менамояд.

***Таркиби ҷинсии аҳолӣ*****.** Ба таркиби аҳолӣ аз рўйи ҷинс ва синну

http://eduportal.uz




*Расми 10.* Бино ба соҳаҳои иқтисодиёт тақсимшавии аҳолии бо кор банд (соли 2017).

сол қаробат ҷустан аҳамияти калон дорад (расми 11). Зеро такрор истеҳсол кардани аҳолӣ ва омили инсон ба ҳамин ҷиҳатҳо вобаста аст. Бар асари Ҷанги дуюми ҷаҳон солҳои 1945 – 1960 дар таркиби аҳолии Ӯзбекистон теъдоди мардон аз занон кам буд. Бо гузашти солҳо ин тафовут кам шуд. Соли 1959 занон 52 фоиз, мардон 48 фоизро ташкил доданд. Ҳоло дар таркиби аҳолӣ теъдоди занону мардон қариб, ки баробар шудааст.

Дар даҳсолаҳои охир дар таркиби миллии аҳолӣ, зоиш ва саршумори намояндагони миллатҳои гуногун низ, бо назардошти муҳоҷиршавӣ, дигаргуниҳои назаррас рӯй доданд (расми 12). Соли 1989-ум ӯзбекон




*Расми 11.* Таркиби синну сол ва ҷинси аҳолӣ (млн. нафар).

http://eduportal.uz




*Расми 12.* Таркиби миллии аҳолӣ (ба ҳисоби фоиз)

71,5 фоизро ташкил карда бошанд, соли 2017-ум ин нишондиҳанда ба 84 фоиз расид. Ҳамчунин, дар мамлакат теъдоди қароқалпоқу тоҷикон низ зиёд шуд.

Ҳамоҳанг бо таркиби миллӣ, таркиби динӣ низ гуногун аст. Қисми асосии онро мусалмонон ташкил медиҳанд.



1. Фаъолияти одамони соҳаи истеҳсолот аз фаъолияти одамони истеҳсолнакунанда чӣ фарқ дорад?
2. Таркиби миллии аҳолиро аз расми 12 -ум таҳлил кунед. Муайян кунед, ки дар саҳми вакилони миллатҳои гуногун чӣ  дигаргуниҳо рӯй медиҳанд?
3. Пирамидаи синну сол ва ҷинси аҳолиро таҳлил намоед. Сабаби  аввал зиёд будани теъдоди мардон, дертар зиёд шудани занонро шарҳ диҳед.



## Дарси 9-ум МАНЗИЛҲОИ АҲОЛИНИШИН

Бар асари шароити табиӣ, машғулоти одамон ва сабабҳои гуногуни иҷтимоию таърихӣ пунктҳои аҳолинишини шаҳр, шаҳрак, деҳа ва овул ташаккул ёфтаанд.



Дар мамлакатамон ***119-то шаҳр, 1071- то шаҳрак*** ва ***беш аз 11  ҳазор деҳаю овул ҳаст*** (соли 2019).

Пунктҳои аҳолинишин – шаҳрҳои Самарқанд, Қӯқанд, Бухоро, Хева ва Тошканд, баъди пайдо шудани ҳунармандӣ ва савдою тиҷорат ба вуҷуд омадаанд. Онҳо аз шаҳрҳои қадимитарини дунёянд. Дар ибтидои асри  XX дар Ӯзбекистон қариб 20 шаҳр буд. Онҳо дар соҳили рӯду дарёҳо ва роҳҳои корвонгузар ташаккул ёфтаанд. Сайёҳи

http://eduportal.uz

араб Ибни Батута зебоии шаҳрҳои асрҳои миёнаи моро мавриди тасвир қарор дода, аз онҳо завқ бурдааст: «Мо саҳроро убур карда ба Хоразм расидем. Ин шаҳри калону муҳим, зебо ва бузурги туркиён буда, бозорҳои аҷиб, кӯчаҳои фарох, иморатҳои муҳташам ва мазеъҳои хуррам дорад. Дар шаҳр ҳаёт меҷӯшад, аҳолиаш чунон зиёд аст, ки баҳри пурҷӯшро ба ёд меорад.» Ибни Батута ба сайри Самарқанд идома дода, онро чунин тасвир менамояд: «Самарқанд аз шаҳрҳои бузургу зебост. Ин воҳа дар соҳили дарёи ал-Қассирин воқеъ аст. Дар соҳили дарё сарою биноҳои бузург қад рост кардаанд, ки онҳо аз маҳорати баланди аҳолии Самарқанд дарак медиҳанд».

Ҳоло дар шаҳрҳои қадимӣ намунаҳои меъмории даврҳои гуногун бо биноҳои серошёна ва кӯчаҳои фарохи замонавӣ ҳамоҳанганд.

Шаҳрҳо бо назардошти саршумори аҳолӣ ба шаҳрҳои калон (аҳолиаш беш аз 100 ҳазор нафар), шаҳрҳои бузург (беш аз 250 ҳазор нафар аҳолӣ), бузургтарин (беш аз 500 ҳазор) ва шаҳрҳои миллионер тақсим мешаванд (расмҳои 13 –14).

Онҳо якчанд вазифаҳоро (функсияҳо) иҷро мекунанд. Ин гуна




*Расми 13.* Шаҳрҳои Ӯзбекистон.

http://eduportal.uz




*Расми 14.* Шаҳрҳои аҳолиашон аз 100 ҳазор нафар зиёд (ҳазор нафар).

шаҳрҳоро шаҳрҳои сервазифа меноманд. Масалан, Тошканд – пойтахти мамлакат, шаҳри саноатӣ, нақлиётӣ ва маркази таърихию фарҳангист. Шаҳрҳои сервазифа зуд ривоҷ меёбанд, дар шафати онҳо шаҳрҳои ҳамроҳ ба вуҷуд омада, агломератсияҳоро ташкил медҳанд. Шаҳри Тошканд дар мамлакатамон агломератсияи бузургтарин аст. Шарти мақоми шаҳрро гирифтани пунктҳои аҳолинишин дар ҳамаи мамлакатҳо яксон нест.



Дар Ӯзбекистон барои мақоми шаҳрро гирифтани пункти аҳолинишин аҳолии он бояд 7 ҳазор нафар ва бештар аз он бошад, ҳамчунин аз 2/3 қисми бошандагони онро бояд коргару хидматчиён ва аъзои оилаи онҳо ташкил диҳад.

Ҳамчунин, дар ин маврид тарзи зиндагии шаҳр низ ба назар гирифта мешавад (расми 15).

Шаҳракҳо дар ҷойҳое ташаккул меёбанд, ки саноат дар ҳоли ривоҷёбист. Шаҳракҳои Искандар, Кегейли, Улуғбек, Ғозғон, Зомин аз ин ҷумлаанд. Аҳолии ин гуна шаҳракҳо дар шабакаҳои муайян хидмат мекунанд (шаҳраки кончиён, нафтчиён ...). Шаҳрҳои нав (Ангрен, Бекобод, Олмалиқ, Чирчиқ, Навоӣ, Учқудуқ, Тахиатош, Зарафшон ...) дар ҷойҳое бунёд гардидаанд, ки обу канданиҳои фоиданок доранд. Шаҳраки Тоқчиён (вил. Сурхондарё) дар пойгоҳи кони ангишт ба вуҷуд омадааст. Шаҳракҳои

http://eduportal.uz




*Расми 15.* Соҳаҳои ифодакунандаи тарзи зиндагии шаҳр.

Янгийўл, Гулистон, Янгиер дар пойгоҳи аз худ кардани заминҳои нав ва саноати азнавкоркарди ашёи хом қад рост кардаанд.

Барои рушди пунктҳои аҳолинишин ба ҷиҳатҳои зерин эътибор дода мешавад:

* ҳангоми ба нақшагирии шаҳрҳо фосилаи байни ҷойи зист ва ҷойи кори одамон набояд аз 4 – 5 км дур бошад;

* аз нав сохтани шаҳрҳои қадимӣ тибқи талаботи замон;

* Дар шаҳрҳои бузург дигар насохтан ва кўчондани корхонаҳое, ки сабаби афзудани аҳолӣ ва коҳиш ёфтани вазъи экологӣ мегарданд. Пунктҳои *аҳолинишини деҳа*. Манзилҳое, ки бошандагонаш, асосан, бо корҳои хоҷагии деҳот машғуланд, маҳсулоти хоҷагии қишлоқро аз нав кор мекунанд ва дигар амалҳои ба деҳот хосро анҷом медиҳанд, пунктҳои аҳолинишин маҳсуб меёбанд.

Тақсимшавии пунктҳои мазкур бино ба саршумори аҳолӣ:

Пунктҳои бузурги аҳолнишин – теъдоди аҳолиашон беш аз 5 ҳ. нафар;

Пунктҳои калони аҳолинишин – аҳолиашон аз 3 то 5 ҳ.

Пунктҳои миёнаи аҳолинишин – аҳолиаш аз 1 то 3 ҳ.

Пункти хурди аҳолинишин – теъдоди аҳолиаш то ҳазор нафар. Бино ба сабабҳои табиӣ, иқтисодӣ ва таърихӣ деҳаҳои мамлакатамон зиёд буда, ба якдигар наздик ҷойгир шудаанд. Ба сабаби суръати афзоиши аҳолӣ теъдоди мавзеъҳои аҳолинишин зиёд, майдонашон васеъ мегардад. Дар деҳаҳои калон муассисаҳои таълимӣ, маданию маишӣ ва бемористонҳо

http://eduportal.uz




*Расми 16.* Тағйирёбии саҳми аҳолии шаҳру деҳот.

бо суръат бунёд мегарданд. Онҳо бо гази табий, оби ошомиданӣ ва барқ муттасил таъминанд. Ин аст, ки тарзи ҳаёти деҳот ба тарзи ҳаёти шаҳр наздик мешавад.

Дар навбати худ, доман паҳн кардани пунктҳои аҳолинишин сабаби кам шудани заминҳои корам мегардад. Биноан, муайян кардан ва тағйир додани сарҳади пунктҳои аҳолнишин аз ҷониби мақомоти ҳокимияти ноҳия, тибқи лоиҳаҳои банақшагирӣ, сохтан ва сохти замини дохилихоҷагии онҳо, ба амал татбиқ мегардад.

Дар деҳот, ба туфайли рушди соҳибкорӣ ва тиҷорати хурд, корхонаҳои зиёди саноатӣ бунёд мегарданд. Бино ба омилҳои болоӣ, ҳоло ба бисёр пунктҳои аҳолинишин мақоми шаҳрак дода шудааст. Ин аст, ки беш аз ними аҳолии ҷумҳурии аграрие, ки то истиқлолият 60 фоизи аҳолиаш дар деҳот мезист, ҳоло дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад (расми 16).

1. Дар Ўзбекистон кадом омилҳо ба ташаккулёбии шаҳрҳо бештар таъсир мерасонанд?
2. Бо истифода аз харита:
   а) конҳои кандании фоиданок;
   б) навъи нақлиёт;
   в) номи шаҳракҳоеро, ки дар асоси истеҳсолоти хоҷагии деҳот таркиб ёфтаанд, дар дафтаратон нависед.
3. Шаҳри шумо ё ҳамсояшаҳратон кадом вазифаҳоро (функсия) иҷро мекунад?
4. Пунктҳои аҳолинишин чанд навъанд?
5. Ба паҳншавӣ ва зичии географӣ иртибот доштани шуғли аҳолиро бо мисолҳо фаҳмонед.

http://eduportal.uz

# БОБИ III. СОХТИ ТАРКИБИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

## Дарси 10-ум СОХТИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ЎЗБЕКИСТОН

Рўзи 1 сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нави мустақил – Ҷумҳурии Ўзбекистон пайдо шуд. Шурўъ аз ин рўз он роҳи тараққиёти «ба худ хосу мувофиқ» - ро интихоб намуд. Ба худ хосии ин роҳ дар панҷ тамоюли рушди иқтисодии мамлакат ифода ёфтааст.

***Тамоюлҳои рушди иқтисодии Ўзбекистон:*** 1. Бартарии иқтисодиёт




*Расми 17.* Сохти иқтисодиёти миллии Ўзбекистон.

http://eduportal.uz




*Расми 18.* Саҳми тиҷорати хурд дар маҳсулоти яклухти дохилӣ.

ба сиёсат. 2. Давлат – ташаббускори ислоҳотҳо. 3. Волоияти қонун дар ҳамаи соҳаҳо. 4. Ба амал татбиқ намудани сиёсати иҷтимоии пурзӯр. 5. Зина ба зина гузаштан ба муносибатҳои бозаргонӣ.

Иқтисоди бозор сохти иқтисодиёти Ӯзбекистонро куллан тағйир медиҳад. Дар мамлакате, ки дар гузаштаи наздик хоҷагии деҳоти пешрафта дошт, саҳми саноат, хусусан саноати вазнин зиёд мегардад. Аз солҳои аввали истиқлолият ба барҳам додани яккаҳокимии пахта эътибор дода шуд. Саноат, аз ҳисоби автомобилсозӣ, истеҳсоли техникаи компутерӣ, телефонҳои мобилӣ, маҳсулоти электротехникаи гуногуни маишӣ, бисёрсоҳавӣ гашт. Дар мамлакатамон, баъди қабули ***Стратегияи амалиёт бино ба панҷ самти рушди устувори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017 - 2021*** таркиби иқтисодиёти миллӣ ба зинаи нави такомул баромад. Аз ҷумла, дар самти сеюми Стратегияи амалиёт, ки «Рушди иқтисодиёт ва либераликунонӣ» ном дорад, вазифаи таъмини мутаносибӣ ва барқарории иқтисодиёти миллӣ, дар таркиби он афзун гардондани саҳми соҳаи хидматрасонӣ ва тиҷорати хурду соҳибкорӣ гузошта шудааст. Ин аст, ки дар мамлакатамон саҳми саноат, пеш аз ҳама саҳми саноати вазнин торафт меафзояд. Дар натиҷаи чунин дигаргуниҳо, ***дар таркиби маҳсулоти умумии дохилӣ саҳми саноат беш аз 30,6 фоизро ташкил медиҳад*** (с. 2018). Ҳол он ки ин нишондиҳанда соли 2000–ум аз 14, 2 фоиз иборат буд. Ҳоло иқтисодиёти мамлакатамон: саноат, хоҷагии деҳот, нақлиёт, сохтмон, алоқа, савдо, илм, таълим, тандурустӣ барин соҳаҳои ба ҳам вобастаро муттаҳид месозад (расми 17).

Рушди босуръати саноати вазнин, хусусан мошинсозӣ, ба аз

нав таҷҳизонидани хоҷагии деҳоту саноати хурокворӣ бо мошину механизмҳои самарабахш, таҳким бахшидани иқтидори мудофиаи давлат имкон дод. Муҳимаш, мамлакат аз тобеияти техникӣ раҳо ёфт. Шарти дигари зина ба зина ба иқтисоди бозор гузаштани мамлакат рушди тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ мебошад. Дар натиҷаи дастгирии ҳамаҷониба ва рушди бештари тиҷорати хурд, саҳми он ба маҳсулоти умумии дохилӣ муттасил меафзояд (расми 18).

Хоҷагии деҳоти Ӯзбекистон то истиқлолият, асосан, бо роҳи ***экстенсивӣ*** ривоҷ ёфт.

***Хоҷагидории экстенсивӣ*** – усули истеҳсолотро, ба ҷойи он ки аз дастовардҳои илму техника ва имкониятҳои механизатсияи замонавӣ истифода шавад, аз ҳисоби азхудкунии босуръати сарватҳои табиӣ ривоҷ додан аст.

Дар усули хоҷагидории экстенсивӣ сӯзишворӣ, омили инсон, хусусан об, бисёр сарф мегардад. Зиёд сарф шудани об яке аз сабабҳои рӯй додани фоҷеаи Арал мебошад. Истифодаи нодуруст аз замин сабаби олуда шудани табиат ва камҳосилии он гардид. Пас, роҳи экстенсивӣ, ҳарчанд тараққиётро як муддат таъмин менамояд, оқибатҳои номатлуб низ доштааст. Биноан, давлатамон ҷонибдори усули хоҷагидории интенсивист.

***Хоҷагидории интенсивӣ*** – усули тез ҷорӣ кардани дастовардҳои илму техника ба иқтисодиёт, сарфакорона, бепартов, истифода бурдани ашёи хом ва сарватҳои табиӣ аст.

Дар асоси усули хоҷагидории интенсивӣ ва технологияи замонавӣ бо давлатҳои хориҷӣ корхонаҳои муштарак ташкил дода мешаванд.

Рушди иқтисодиёти миллии Ӯзбекистон бо роҳи интенсивӣ имкон медиҳад, ки ҳосилнокии меҳнат, сифати маҳсулот ва самаранокии истеҳсолот ҷавобгӯйи андозаҳои ҷаҳон бошанд.

1. Интенсивикунонии истеҳсолот чӣ маъно дорад?
2. Роҳи экстенсивӣ ба куҷо мебарад?
3. Кадом соҳаҳо неъмати моддӣ истеҳсол наменамоянд?

http://eduportal.uz

# Дарси 11-ум

# САНОАТ – ТАКЯГОҲИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Ўзбекистон, агар то истиқлолият, асосан, ба пахтакорӣ ва қарокўлипарварӣ ихтисосонида шуда буд, ҳоло иқтисодиёташ дорои садҳо соҳаҳои ихтисосонидашудаанд (расми 19).

***Саноат*** – соҳаи муҳими иқтисодиёт неъматҳои моддӣ истеҳсол менамояд. Дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт тараққиёти техника ба саноат вобаста аст. Рушди саноат сабаби пайдоиши пунктҳои нави аҳолинишин ва роҳҳои нақлиётист. Хоҷагии деҳот, сохтмон, савдо ривоҷ меёбад, бо рушди саноат истифода аз табиат низ куллан тағйир меёбад.

Мисли дигар соҳаҳои иқтисодиёт саноат низ аз корхонаҳои гуногун (завод, кон, истгоҳи барқӣ...) иборат аст. Аксарияти корхонаҳои саноатӣ мулки давлатӣ буданд, имрўз онҳо хусусӣ кунонида мешаванд. Корхонаҳои хусусии саноатӣ бино ба талабу пешниҳодоти муносибати бозорӣ кор мекунанд. Ин ҷараён ба суръати рушди саноат низ то ҷое таъсир мерасонад. Ҳоло дар саноати Ўзбекистон истеҳсоли газ, металлургияи




*Расми 19.* Гиреҳҳои муҳими саноатӣ.

http://eduportal.uz




*Расми 20.* Таркиби истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои саноат (ба ҳисоби фоиз).

ранга, мошинсозӣ ва коркарди металл, саноати сабуку хӯрокворӣ пешсафанд (расми 20).

Чанд омил сабаби ҷойгузинии саноат, хоҷагии деҳот ва нақлиёт мегарданд. Аз муҳимтаринашон кашфиёти илму техника аст: бо истифода аз энергия ва навъҳои нави ашёи хом, ҷараёнҳои нави технологӣ, воситаҳои нави нақлиёт, тамоюлҳои ҷойгирсозии истеҳсолот низ такмил меёбад. Корхонаҳо бино ба истифодабарӣ аз ашёи хом, сӯзишворӣ, энергетика, об ва ҳатто қувваи корӣ дар сифатҳое гурӯҳбандӣ мешаванд, ки ашёи хом, энергия, об ва меҳнатро бисёр талаб мекунанд.

Дар доираи корхонаи такядори ба ҳар кадоми онҳо хос даҳҳо корхонаи хурди истеҳсолӣ вобаста карда мешаванд. Инро шакли комбинатии истеҳсолот меноманд.

Ҳаҷми корхонаҳо як хел нест. Масалан, аксарияти корхонаҳои дӯзандагӣ агар дар як хона ғунҷанд, ҳудуди корхонаҳое мисли комбинати азнавкоркарди нафт ва металлургия ба майдони шаҳрҳои миёна баробар аст. Дар давраи тараққиёти техника марказонидани истеҳсолот ҳосилнокии меҳнатро зиёд мегардонад.



***Марказонидани истеҳсолот*** – дар корхонаҳои бузург муттаҳидшавии истеҳсолот аст.

Аммо ташаккул додани истеҳсолот дар ин шакл, ки бесобиқа нест, имрӯз сабаби пайдоиши мушкилиҳои зиёди иҷтимоию экологӣ мегардад.

Қариб ними аҳолии кишвари мо дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Барои бо кор таъмин кардани аҳолӣ хубӣ дошт, ки корхонаҳо бештар дар деҳаҳо сохта шаванд. Ин аст, ки ба ҷойи комбинатҳои бузург, ба

http://eduportal.uz

сохтани корхонаҳои миёнаи иқтисодии хурд эътибор дода мешавад. Аз ин рӯ, ***ихтисосонидан,*** яъне шакли ташаккул додани коркарди як навъи маҳсулот ба вуҷуд меояд. Дар корхонаҳои ихтисосонидашуда аз малакаи коргарон беҳтар истифода бурда шуда, ба коркарди маҳсулот маблағи зиёд сарф намегардад, меҳнат самарабахш мешавад. Ин гуна корхона бо корхонаҳое, ки ба он ашёи хом, деталл, қисмҳои мошин... расонда медиҳанд, алоқаҳои кооперативиро барқарор менамояд.

***Кооперативикунонӣ (ҳамкорӣ)*** – шакли истеҳсолиест, ки дар омода кардани маҳсулоти тайёр якчанд корхона иштирок менамояд.

Ихтисосонидан ва кооперативонӣ самаранокии меҳнати иҷтимоиро зиёд мекунад. Барои ба истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илму техника иттиҳодияҳои илмиву истеҳсолӣ ташкил дода мешаванд. Дар ин ҳолат институтҳои тадқиқоти илмие, ки навъҳои нави мошину маводро (материал) меофаранд, бо корхонаҳое, ки чунин маҳсулотҳоро истеҳсол менамоянд, муттаҳид мешаванд. Дар баробари ин, дар байни соҳаҳои гуногун робитаҳои истеҳсолӣ пурзӯр мегардад. Аз соҳаҳое, ки ҷараёни истеҳсолот ба ҳам пайвастааст, маҷмӯи байни-соҳавӣ таркиб меёбад.

***Маҷмӯъ*** – шакли муҳими истеҳсолот аст, ки ба самаранокии иқтисодиёт нигаронида шудааст.

Соҳаи муҳиму пештози истеҳсолот номи маҷмӯъи байнисоҳавиро мегирад. Ҳоло дар иқтисодиёти мо якчанд маҷмӯъи байнисоҳавӣ ташаккул ёфтаанд. Дертар бо анҳо шинос мешавеи.

1. Васеъшавии истеҳсолотро шарҳ диҳед.
2. Ихтисосонидан ва кооперативонидани истеҳсолот, яъне чӣ? Корхонаҳои ихтисосонидашуда чӣ афзалиятҳо доранд?
3. Дар тӯли солҳои истиқлолият чаро ба бунёди корхонаҳои хурду миёна эътибор дода шуд?

http://eduportal.uz

# Дарси 12-ум

# МАҶМӮИ СӮЗИШВОРИЮ ЭНЕРГЕТИКА

Ба ин маҷмӯъ сузишворӣ (истихроҷи сӯзишворӣ ва коркарди он) ва саноати электроэнергетика дохил мешавад (расми 21). Истеҳсоли нерӯи барқ ва истифодаи он омили муҳими баланд бардоштани иқтисодиёт мебошад. Олимон дар роҳҳи васеъ истифода бурдан аз энергияи офтоб, бод ва дигар манбаъҳо, ки адонашавандаанд, ковишҳо анҷом медиҳанд.




*Расми 21.* Таркиби маҷмӯи сӯзишвории энергетика.

Ба сарватҳои энергетикӣ ***сӯзишвориҳо*** (ангишт, нафт, торф, сланес, ҳезум) ва сарвати гидроэнергия (энергияи оби дарёе, ки аз болооб меафтад) дохил мешаванд. Сарватҳои сӯзишворӣ барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат манбаи асосии энергияанд. Барои муқоиса намудани саҳми навъҳои гуногуни сӯзишворӣ онҳо ба сӯзишвории шартӣ табдил дода мешаванд..



***Сӯзишвории шартӣ*** энергияест (7 млн. кал), ки аз сӯхтани 1 кг ангиштсанг ҳосил мешавад. Дараҷаи коэффитсиенти гармии он ба 1 баробар аст. Яъне гармие, ки аз сӯхтани дигар сӯзишвориҳо ҳосил мегардад, қиёсан ба коэффитсиенти гармии 1 кг ангиштсанг баробар аст. (расми 22).

Сӯзишвориҳои (торф, сланес, ангишти сиёҳи хокистарранг) гармияшон (калория) кам беҳтар аст, ки дар ҷойи истихроҷашон истифода бурда шаванд. Зеро, вақте ба масофаҳои дур бурда мешаванд, арзиши аслиашон зиёд мегардад. Қимати сарватҳои сӯзишворӣ ба ҷуз калорияи онҳо, ба

http://eduportal.uz

| Навъи сӯзишворӣ | Гармие, ки аз сӯхтани 1 кг сӯзишворӣ ҳосил мешавад | | Коэффитсиенти гармӣ |
|---|---|---|---|
| | Бо ҷоул | Бо калория | |
| Гази табиӣ | $4{,}4 \cdot 10^7$ | $10{,}6 \cdot 10^6$ | 1,5 |
| Нафт | $4{,}4 \cdot 10^7$ | $10{,}6 \cdot 10^6$ | 1,5 |
| Ангиштсанг | $2{,}9 \cdot 10^7$ | $7{,}0 \cdot 10^6$ | 1,0 |
| Ангишти сиёҳи хокистарранг | $1{,}3 \cdot 10^7$ | $3{,}1 \cdot 10^6$ | 0,45 |
| Сланеси сӯзанда | $1{,}8 \cdot 10^7$ | $2{,}1 \cdot 10^6$ | 0,30 |
| Торф | $1{,}4 \cdot 10^7$ | $3{,}4 \cdot 10^6$ | 0,48 |
| Ҳезуми хушк | $1{,}0 \cdot 10^7$ | $2{,}4 \cdot 10^6$ | 0,34 |

*Расми 22.* Гармии сӯзишвориҳои гуногун.

имконияти истифодабарӣ ва хароҷоти истихроҷ низ вобаста аст. Нафту газ сӯзишвориҳои камхарҷтаринанд, зеро истихроҷ ва бо қубурҳо интиқол додани онҳо ба ҷойи даркорӣ арзон меафтад (расми 23).

Истихроҷи сӯзишвориҳои гуногун ва энергияи истеҳсолнамуда (даромад) ва нисбати истифодаи онҳо дар истеҳсолот (хаҷкунӣ) балансисӯзишворию энкргетика номида мешавад.




*Расми 23.* Суръати харҷи сӯзишворӣ (нисбати соли 1995 ба ҳисоби фоиз).

1. Кадом навъҳои асосии сарватҳои энергетикиро медонед?
2. Балансисӯзишворию энергетикаро шарҳ диҳед.
3. Дар балансисӯзишворию энергетикаи Ӯзбекистон чӣ дигаргуниҳо рӯй медиҳад? Сабаби ин дар чист?

## Дарси 13-ум

# САНОАТИ НАФТ ВА ГАЗ

*Аз дарси 11-ум саҳми саноати сӯзишвориро дар маҳсулоти умумии саноат пайдо кунед.*

***Саноати газ***. Ҷавонтарин соҳаи саноати сӯзишворӣ – саноати газ солҳои охир зуд ривоҷ меёбад. Газ навъи арзони сӯзишворист. Он дар саноату ҳаёти маишӣ истифода бурда мешавад. Газ, ҳамчунин, ашёи хоми пурбаҳои кимиёвист. Нисбат ба дигар сӯзишвориҳо газ ҳаворо камтар олуда месозад.

Гази мамлакатамон нисбат ба ангишту нафт бештар аст. Конҳои газу нафт дар шафати ҳам ҷойгир шудаанд. Қисми ками газ (гази ҳамроҳ) бо нафт якҷо истихроҷ карда мешавад, аммо қисми асосии газ аз конҳои газ ба даст меояд. Дар миёнаҳои асри гузашта даставвал аз гази ҳамроҳе, ки дар конҳои нафти вилояти Фарғона дучор меомад, дар саноат ва ҳаёти маишӣ истифода бурда шуд. Ҳамон вақт дар Ўзбекистон соле 9 млн. метри мукааб гази табиӣ истихроҷ мегардид. Ҳоло ин нишондиҳанда қариб 60 млн. метри мукаабро ташкил медиҳад. Ба туфайли истифода аз гази табиӣ дар балански сӯзишвории мамлакат тағйироти ҷиддӣ рӯй дод.

Бино ба маълумотҳои созмони мамлакатҳои нафтфурӯш – СМН Ўзбекистон дар рейтинги газистихроҷкунандаҳо дар ҷойи чорум қарор дорад (расми 24).

| № | Мамлакат | Соле млрд метри мукааб | Сахми он % |
|---|---|---|---|
| 1 | ИМА | 751,063 | 20,66 |
| 2 | Русия | 642,242 | 17,66 |
| 3 | Эрон | 226,905 | 6,24 |
| 4 | Қатар | 182,830 | 5,03 |
| 5 | Канада | 174,051 | 4,79 |
| 6 | Хитой | 136,628 | 3,76 |
| 8 | Арабистони Саудӣ | 110,860 | 3,05 |
| 10 | Туркманистон | 81,765 | 2,25 |
| 13 | АМА | 61,084 | 1,68 |
| 14 | Ўзбекистон | 57,700 | 1,59 |
| 15 | Австралия | 56,293 | 1,55 |
| 16 | Нидерландия | 50,543 | 1,39 |
| 18 | Британияи Кабир | 43,022 | 1,18 |
| 22 | Мексика | 41,227 | 1,13 |
| 26 | Ҳиндустон | 31,139 | 0,86 |

**Манбаъ: СМН, с. 2017.**

*Расми 24.* Ҷойгоҳи Ўзбекистон дар байни мамлакатҳое, ки газ истихроҷ менамоянд.



http://eduportal.uz

Дертар, дар натиҷаи пайдо шудани конҳои газ дар ҳудуди вилоятҳои Бухоро, Сурхондарё, Қашқадарё ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Ўзбекистон ба содирот кардани газ сар кард. (расми 25). Ба сабаби он ки газ тавассути қубурҳо интиқол мёбад, хароҷоташ нисбат ба дигар сўзишвориҳо кам аст. Қубурҳои газ дарозтар мешаванд. Нахустин қубурҳои газ дар водии Фарғона сохта шуда буданд. Аз он ки рўзҳои сарди Ўзбекистон каманд, газ дар зимистон бештар истифода бурда мешавад. Дар шаҳрҳои газро зиёд истифодабаранда – Тошканду Фарғонаю Андиҷон газҳои тобистон дар анборҳои зеризаминӣ захиракардаро зимистон истифода мебаранд. Газ дар баробари сўзишвории хушсифат будан, ашёи хоми пурбаҳои саноати кимиё низ мебошад. Талаби ба газ доштаи саноати кимиё, истгоҳҳои барқии гармӣ ва хоҷагии маишӣ торафт зиёд мешавад. Биноан, роҳҳои нави исихроҷи газ ҷуста мешаванд, имкониятҳои газинтиқолдиҳии қубурҳои газ всеъ мегарданд.

***Саноати нафт***. Бе нафт иқтисодиёти муосирро наметавон пеш бурд. Нафт дар шакли хом истифода бурда мешавад. Аз он баъди коркард сўзишвориҳои гуногун – маҳсулоти кимиёвӣ гирифта мешавад. Хароҷоти истихроҷи нафт назар ба истихроҷи ангишт, ба ҳисоби миёна, 4 баробар кам аст. Истифодаи васеи нафт дар иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад, ки маблағи зиёд сарфа гардад.

Барои гирифтани воҳиди маҳсулот (бигирем, истихроҷи 1 т. нафт) дар пул ифода ёфтани ҳамаи хароҷотро арзиши аслии маҳсулот меноманд.

Арзиши аслии нафт на ба умқи кон, балки ба миқдори нафти дар он буда вобаста аст. Фаввора усули арзонтарини истихроҷи нафт буда, дар ин ҳолат нафт бо фишори дарунии кон зада мебарояд. Вақте фишор кам шавад, бо усулҳои гуногун зиёд мекунанд. Усули истихроҷи он бо кўмаки насосҳо васеъ паҳн шудааст. Тавассути қубурҳо интиқол додани он низ арзону (нисбат ба интиқол тавассути роҳи оҳан 4 баробар арзон) бехавф аст. Нафт тавассути қубур ба истеъмолгарон муттасил интиқол дода мешавад. Ба воситаҳои нақлиёти гуногун бор кардан ва фуровардани он маблағи зиёдро талаб мекунад. Пештар нафт дар ҷойи истихроҷгардидааш аз нав коркард мешуд. Ҳоло маҳсулоти саноати нафт ба ҷойи зарурӣ, баъди интиқол дода шудан, аз нав кор карда мешавад.



*Расми 25.* Корхонаи азнав-коркарди гази Муборак




*Расми 26.* Минтақаҳои нафти газдор.

Вагарна, барои навъҳои гуногуни нафтро интиқол додан, қубур ва хароҷоти зиёд лозим мешавад.

Дар натиҷаи корҳои геологию ҷустуҷӯӣ дар кишварамон конҳои зиёди нафту газ ёфт шуда истодааст (расми 26). Мисол, соли 1992 дар вилояти Намангон кони нафти Мингбулоқ ёфт шуд.

Бо назардошти афзудани эҳтиёҷ ба нафт, дар вилояти Бухоро заводе сохта шуд, ки соле 5 млн. тонна нафтро аз нав кор мекунад. Он аз соли 1997 ба кор сар кард. Ҳоло беш аз 50 хели маҳсулоти нафтро истеҳсол менамояд.

Нафти камчин ба Ўзбекистон воридот карда мешавад. Имрўз корхонаҳои азнавкоркарди нафт соле тавони азнавкоркарди 11 млн. тонна нафтро доранд.

Дар муқоиса бо мамлакатҳои рушдёфта, дар таркиби истеъмоли энергия саҳми маҳсулоти нафт дар мо бештар аст. Бояд оянда дар балансе сўзишворию энергетика саҳми маҳсулоти нафт камтар шавад. Барои ин автомобил ва тракторҳоро бояд бо технологияҳи нави каммасраф ҷиҳозонем. Ин кори басе мураккаб ва маблағталаб аст. Бинбобарин, то даҳсолаҳои наздик саҳми нафт дар баланс барқарор хоҳад монд.

1. Аввалин конҳои гази ба кор шурўъкардаро дар дафтар қайд намоед.
2. Аз харита ёбед, ки газ тавассути қубур аз кадом кон ба кадом шаҳрҳо интиқол меёбад.
3. Аз харита конҳои нафтро ёбед.
4. Ҷойгиркунии корхонаҳои азнавкоркарди нафту газ чӣ умумият доранд?

# Дарси 14-ум

## САНОАТИ АНГИШТ



*Расми 27.* Истихроҷи ангишт бо усули кушод дар кони Ангрен.

Саноати мазкур якчанд конро дар бар мегирад. Захираи ангишти онҳо 2 млрд. тоннаро ташкил медиҳад. Ангиштро даставвал соли 1950-ум аз кони Ангрен берун овардаанд. Кони мазкур ба сатҳи замин наздик аст. Дар он 9/10 қисми ангиштро бо усули кушод истихроҷ менамоянд (расми 27).

Ангишти бо усули кушод истихроҷнамудаи ҳар шахтёр аз усули дар шахта истихроҷгардида 6 баробар зиёд аст. Ба ҷуз ин, ҳавза ҳар қадар калон бошад, хароҷот ҳамон қадар кам мешавад. Сифати ангишти сиёҳи хокистарии Ангрен паст аст. Бо вуҷуди ин, захирааш аз дигар конҳои мамлакат зиёд буда, ба сатҳи замин низдик аст. Истихроҷи он босуръат идома дорад. Қисми асосии ангишт дар ИБГ-и назди кон кор фармуда мешавад. Як қисмаш ба газ табдил меёбад. Дар таркиби нафт аз элементҳои нодир бештар гилмоя ҳаст, истифода аз онҳо дар чараёни истихроҷ ба самаранокии кон меафзояд. Вале усули кушоди истихроҷи ангишт оқибатҳои номатлуб дорад: партовҳо майдонҳои калони заминро банд мекунанд, аз дуду дудаи он хоҷагии деҳот зарар мебинад.

Барои пешгирии оқибатҳои нохуш майдонҳои зарардида ***рекултиватсия***, яъне аз нав барқарор карда мешаванд, баландиҳои аз партовҳои шахта ҳосилшударо бо растаниҳо фаро мегиранд ва дигар чораҳо андешида мешаванд.

Соли 1950-ум дар ноҳияи Сариосиё кони ангишти Шарғун ба кор шурӯъ карда буд. Ангиштсанги босифати кони мазкур бо усули шахта истихроҷ карда мешавад. Ангишти майдаи онро дар ҷояш брекет мекунанд.



Тахти фишор ё омехтаи моддаи часпанда сахт кардани хокаи ангиштро ***брекет*** меноманд.

Ангишт аз болои кӯҳҳо ба дарозии 17 км. тавассути роҳи симии кашидашуда ба роҳи оҳан интиқол дода мешавад. Аз конҳои Ангрен,




*Расми 28.* Истифодаи ангишт дар иқтисодиёти миллӣ.

Шарғун ва Бойсун соле қариб 4 млн. тонна ангишт истихроҷ мегардад. Аммо ин миқдор ниёзи Ўзбекистонро ба ангишт қонеъ гардонда наметавонад. Зеро рушди металлургия ва кимиё барин соҳаҳои саноат эҳтиёҷи ба ангишт доштаро зиёд мегардонад (расми 28).

Бад-ин тариқ, мо донистем, ки захираҳои асосии ангишти Ўзбекистон дар конҳои Ангрен, Шарғун ва Бойсун ҷой гирифтаанд. Аз маълумоти дигаре низ доир ба саноати ангишт хабардор шавед. 97, 4 фоизи ангишти конҳои кишвари мо ангишти сиёҳи хокистарранг буда, боқимондааш ангиштсанг аст. Бештар (90 - 95 %) бо усули кушод истихроҷ кардани ангишт ба саноати ангишти кишвари мо хос аст. Солҳое, ки (1961) саноати газ ташаккул меёфт, дар генераторҳои гази зеризаминии кони ангишти Ангрен истгоҳи «Еростигаз», ки бо кўмаки ҳавои баландфишор ангиштро ба газ табдил медиҳад, ба кор шурўъ карда буд. Ҳоло як қисми ангишти сиёҳи хокистарӣ ба газ табдил меёбад. Бад - ин тариқ, аҳамияти ангиште, ки бо усули кушод истихроҷ карда мешавад, зиёд мегардад.

1. Конҳои ангишт, нафт ва газ дар куҷоҳо ҷойгир шудаанд?
2. Таркиби саноати сўзишворӣ дар оянда чӣ хел тағйир меёбад?
3. Хусусиятҳои кони ангишти Шарғуну Ангренро шарҳ диҳед.

# Дарси 15-ум



*Аз дарси 11-ум ҳиссаи электроэнергетикаро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

Барои рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ, бояд истеҳсоли нерӯи барқ нисбат ба дигар соҳаҳо ривоҷ ёбад.



Дар мамлакат қариб 90 % нерӯи барқ дар истгоҳҳои барқии гармӣ (ИБГ) истеҳсол карда мешавад..

Ӯзбекистон Сирдарё, Тошканд, Ангрен, Янги Ангрен, Навоӣ, Тахиатош, Талимарҷон барин ИБГ – ҳо дорад (расми 29). ИБГ– ҳо тез ва арзон сохта мешаванд. Барои иқтисодиёт паст будани арзиши аслии нерӯи барқ муҳим аст. Арзиши аслии нерӯи барқ ба хароҷоти истихроҷи сӯзишворӣ ва кашондани он вобаста аст. Ин аст, ки дар интихоби ҷой барои сохтани истгоҳи барқӣ




*Расми 29.* Истгоҳҳои баркӣ ва хатҳои интиқоли барқи Ўзбекистон.

http://eduportal.uz

хароҷоте, ки ба кашондани сӯзишворӣ ва интиқоли нерӯи барқ масраф мегардад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар хароҷоти кашондани сӯзишворӣ аз хароҷоти интиқоли барқ зиёд бошад, бояд истгоҳи нерӯи барқро ба манбаи сӯзишворӣ наздик, агар интиқоли нерӯи барқ қимат афтад, онро бояд ба истеъмолгарон наздик бунёд кард (ба нақша нигаред).

Сӯзишворӣ ⟷ ИБГ ⟷ Истеъмолгар
Сӯзишворӣ ⟷ ИБГ ⟷ Истеъмолгар

Бо рушди илму техника фосилаи интиқоли барқ сол аз сол дароз мешавад. Тавассути сим интиқол ёфтани нерӯи барқ яке аз афзалиятҳои он аст. Истифодаи нерӯи барқ дар ҳамаи ҷабҳаҳои иқтисодиёт афзалияти дуюми он аст. Истифодаи васеъ аз сӯзишвории маҳаллӣ бартарии сеюм, ниҳоят афзалияти чорумаш имконияти истеҳсол кардани он дар истгоҳҳои барқии муқтадир мебошад.

Ҷойгирсозии ИБГ-ҳои Ангрен ва Янги Ангрен дар наздикии кони ангишт ифодагри чист?

Дар ҷойҳои серистеъмол истгоҳҳои барқӣ бо назардошти кашондани сузишворӣ аз дигар ҷойҳо сохта мешаванд. ИБГ-ҳои бузург вилоятҳоро низ бо барқ таъмин менамоянд. Танҳо ИБГ-и Сирдарё соле 13 млрд кВс нерӯи барқ медиҳад. Ба истифода додани блоки якуми дорои 800 МВ -и Талимарҷон дар шабака ба сифати яке аз лоиҳаҳои бузург эътироф гардид (расми 30).


*Расми 30.* ИБГ-и Талимарҷон.

Аксарияти ИБГ-ҳо дар як вақт баробари нерӯи барқ энергияи гармӣ низ истеҳсол менамоянд.



Истгоҳи барқӣ, ки дар як вақт энергияи гармӣ истеҳсол мекунад, маркази барқии гармӣ (МБГ) номида мешавад.

Дар ҷараёни истеҳсоли нерӯи барқ оби гарми дар онҳо ҳосилшуда барои гарм кардани гармхонаҳо, биноҳо ва дигар ҷойҳо истифода бурда мешавад. Аммо оби гарм дар масофаи дуртар аз 20 км хунук мешавад. Биноан, ИБГ-ҳо дар назди корхонаҳо ва шаҳрҳои бузург сохта мешаванд. Дар Ӯзбекистон ИБГ-ҳои Фарғона, Муборак ва Тошканд мавҷуданд. Истгоҳҳои барқии обӣ аз маҷрои табии об нерӯ мегиранд. Арзиши ас-

http://eduportal.uz

лии нерӯи барқе, ки НБО-ҳо истеҳсол менамоянд, арзон аст (аз ИБГ-и иқтидори нерӯяшон баробар 4 маротиба арзон). НБО-ҳои дар дарёҳои кӯҳӣ бунёдгардида нерӯи барқи арзонтаринро истеҳсол менамоянд. Дар Ӯзбекистон, ба сабаби набудани сӯзишвории зарурӣ, аввал НБО-ҳо сохта шудаанд. Дар мамлакат НБО-и нахустин соли 1926 дар канали Бӯзсув сохта шуд. Дертар НБО-ҳои бунёдгардидаи Хишрав, Туямӯйин, Фарҳод, Хӯҷакент дар рушди саноати мамлакат нақши муҳим доштаанд. НБО-ҳо, баробари нерӯи барқ истеҳсол намудан, ба обёрии заминҳо, таъмини хоҷагиҳо бо об ва рушди моҳипарварӣ имконият фароҳам меоваранд. Дар дарёҳои обашон тез НБО-ҳоро метавон ба ҳам наздик бунёд кард. Дар натиҷа мисли иншоотҳои энергетикии Чирчиқ – Бӯзсув каскади (зина) НБО-ҳо ташаккул меёбад. Ин каскад бино ба шумораи (19 -то) НБО-ҳо дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол менамояд (расми 31).



Миқдори умумии истгоҳҳои барқии гармӣ ва обӣ дар Ӯзбекистон 37-ро ташкил медиҳад. Дар истгоҳҳои барқии обӣ соле қариб 60 млрд КВ с. нерӯи барқ ҳосил мешавад. (расми 32).

***Роҳҳои замонавии ҳосил кардани нерӯи барқ***. Дар мамлакатҳои гуногуни дунё, бо назардошти мавқеи географӣ ва шароити табиӣ нерӯи барқ, дар баробари усулҳои анъанавӣ, бо усулҳои ғайрианъанавӣ низ ҳосил карда мешавад. Истгоҳҳои барқии атомӣ (ИБА), энергияи боду офтоб ва энергияи аз лаппиши оби баҳр ҳосилшаванда аз он ҷумла аст.

Сол аз сол зиёд шудани саршумори аҳолӣ дар мамлакат ва эҳтиёҷ ба нерӯи барқ дарёфти роҳи ноанъанавии ҳосил кардани нерӯи баркро тақозо дорад. Бино ба маълумотҳо, имрӯз Ӯзбекистон ба 69 млрд КВ с. нерӯи барқ ниёз дорад. Дар боло ёдрас гардид, ки қисми асосии нерӯи барқ дар истгоҳҳои




*Расми 31.* Каскади гидроэнергетикии Чирчиқ – Бӯзсув

http://eduportal.uz




*Расми 32.* Афзоиши истеҳсоли нерӯи барқ (млрд КВ с.)

барқии гармӣ ҳосил карда мешавад. Барои ин соле 16, 5 млрд. метри мукааб газ, 86 ҳазор тонна мазут ва 2,3 млн. тонна ангишт масраф мегардад (с. 2018). Оянда ба сабаби рушди иқтисодиёт, афзоиши саршумори аҳолӣ ва болоравии сатҳи зиндагӣ талаб ба нерӯи барқ зиёд хоҳад шуд. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев вақте оиди истеҳсоли нерӯи барқ ҳарф зад, изҳор дошт, ки: «Дар ин соҳа агар истифода аз гази табиӣ ва ангиштро давом диҳем, шояд рӯзе захираҳояшон тамом шаванд. Ин дар назди насли оянда хатои набахшиданӣ ва ҷиноят аст».

*Аз ин рӯ, дар таърихи Ӯзбекистон нахустин бор дар ҳудуди мамлакат ИБА сохта мешавад.* ИБА маҷмӯъи бузургест, ки асосан, ба истеҳсоли нерӯи барқ пешбинӣ шуда, реактори ядро ва дигар сохторҳоро дар бар дорад. Дар ИБА барои нерӯи барқ ҳосил намудан, аз унсури радиоактивии фаъол – атомҳои уран истифода бурда мешавад. 1 кг. уран (сӯзишвории урани шартӣ) гармии аз 2, 5 тонна агишти сӯхта ҳосилшударо медиҳад. Бино ба маълумоти Агентии байналхалқии нерӯи атом, ҳоло дар 31 мамлакати дунё ИБА фаъолият доранд.

Аз ин рӯ, дар Ӯзбекистон, барои ба мақсадҳои осоишта истифода бурдан, сохтмони истгоҳи барқии атомӣ оғоз ёфт. Ба мувофиқа расида шуд, ки бо ҳамкории иттиҳодияи «Росатом» истгоҳи барқии атомӣ бунёд мегардад. Маҷмӯъи мазкур аз 2 блоки энергетикӣ иборат буда, иқтидори ҳар кадом 1 ҳазору 200 мегаватро ташкил хоҳад дод. Барои истгоҳи барқии атом блоки энергетикии бехатартарин ва замонавитарини дунё интихоб шудааст. Дар назар дошта шудааст, ки он то соли 2028 ба истифода дода мешавад.

***Баъди бунёди истгоҳи барқии атомӣ соле 3,7 миллиард метри мукааб гази табиӣ сарфа мегардад. Ин манбаъ аз нав коркард шуда, аз он маҳсулоти гаронбаҳои нафту кимиё истеҳсол карда мешавад.***

Нерӯи атом аз ҷиҳати экологӣ тоза аст. Ин гуна истгоҳҳо бӯйи зараровари газ ҳосил намекунанд. Дар натиҷа ҳаҷми паҳншавии бӯйи газе, ки аз сӯхтани гази табиӣ ҳосил мешавад, соле ба 3 миллион тона коҳиш меёбад. Дар роҳи пайдо ва аз худ кардани манбаъҳои нави энергия корҳои илмию тадқиқотӣ анҷом дода мешаванд. Ин аст, ки дар ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд иншооти «Физика -Офтоб», ки аз нерӯи Офтоб истифода мебарад, фаъолият дорад.

Дараҷаи баланди электриконидан – ба вуҷуд овардани низоми энергетикӣ мебошад. Ба туфайли низоми энергетикӣ, сарфи назар аз фасли сол ва шабу рӯз, истеъмолгарон бо нерӯи барқ муттасил таъмин карда мешаванд.



Аз як марказ идора кардани ноқилҳои баландшиддати истгоҳҳои барқии гуногун *низоми энергетикӣ* номида мешавад.

Дар Ӯзбекистон ҳамаи истгоҳҳои барқӣ муттаҳид гардида, низоми ягонаи энергетикиро ташкил додаанд.

Воридоту содироти байнидавлатии нерӯи барқ тавассути низоми ягонаи энергетикии Ӯзбекистон ба амал татбиқ карда мешавад. Ӯзбекистон нерӯи зиёдатии баркро ба Тоҷикистон, Қазоқистон ва Афғонистон содир мекунад.

1. Ном ва мавқеи ҷойгиршавии 5-то ИБГ, ки бо гази табиӣ кор мекунанд, гуфта диҳед.
2. Чиро «арзиши аслӣ»-и маҳсулот мегӯянд? Сабаби як хел набудани арзиши аслии нерӯи барқе, ки дар ҷойҳои мухталифи Ӯзбекистон истеҳсол карда мешавад, дар чист?
3. Низоми энергетикӣ чист? Фоидаи иқтисодии онро шарҳ диҳед.
4. Гуфта диҳед, ки нерӯи барқи чароғи хонаатон дар кадом истгоҳи барқӣ истеҳсол карда мешавад.

http://eduportal.uz

## Дарси 16-ум

# САНОАТИ КИМИЁ

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи саноати кимиё ва нафту кимиёро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

Саноати кимиёи Ӯзбекистон соли 1932, вақте кони кибрити (олтингӯгирд) Шӯрсув ба кор шурӯъ кард, ташаккул ёфтааст. Маҳсулоти он бештар ба мошинсозӣ (пластмасса, оина), саноати бофандагӣ (нах, рангҳо), хоҷагии деҳот (поруҳо, химикатҳои заҳрнок), нақлиёт (сӯзишвории мотор, равғанҳои молиданӣ, каучуки синтетикӣ), сохтмон (пленкаи часпанда, оина, пластик) кор фармуда мешуд.

Дар таркиби саноати кимиё ҳиссаи коркарди поруҳои минералӣ ҷойгоҳи худро дорад. Ҳамчунин, барои зараркунандагони хоҷагии деҳот дефолиантҳо истеҳсол карда мешавад. Он, баробари таъмини соҳаҳо бо ашёи хому материалҳо, аз дигар соҳаҳо энергия, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиётиро мегирад. Саноати кимиё партовҳои газ, ашёи хоми саноати пахта ва металлургияи рангаро аз нав кор мекунад. Пас, саноати кимиё дар робитаи дуҷонибаи байнисоҳавӣ қарор дошта, ба рушду ҷойгузинии бисёр соҳаҳо таъсир мерасонад (расми 33).




*Расми 33.* Таркиби саноати кимиё.

http://eduportal.uz

Саноати кимиё *материалҳои сунъие* меофарад, ки сифаташон аз маҳсулоти табиӣ баланд аст. Ба туфайли чунин материалҳо ҳам меҳнати одамон, ҳам ашёи хом сарфа мегардад.

Масалан, дар истеҳсоли капрон, назар ба тайёр кардани абрешими табиӣ, 20 баробар кам меҳнат сарф мешавад. Ҳамчунин, ба туфайли саноати кимиё заминаи комбинатикунонии истеҳсолот ба вуҷуд меояд. Чунончи, ҳам ҳосил кардани энергия аз ашёи хоми сӯзишворӣ – ангишт, нафт, ҳам маҳсулоти кимиё – бензин, парафин гирифтан ба дараҷаи комбинатҳои энергетикаю кимиё бардошта шуд.

*Комбинатикунонӣ* – дар як корхона муттаҳидшавии якчанд корхонаҳои истеҳсолии ба соҳаҳои гуногун тааллуқдоштаест, ки ҷараёни технологии саноатиашон ба якдигар вобаста аст.

Пойгоҳи ашёи хоми саноати кимиё бою рангин аст. Он аз канданиҳои гуногуни фоиданок, партовҳои истеҳсолот, чӯб, об, ҳатто аз ҳаво истифода мебарад. Аз он ки имконияти васеи истифодабарӣ аз ашёҳои хоми гуногунро доранд, корхонаҳои саноати кимиёро дар ҳама ҷо сохтан мумкин. Вале ба сабаби энергияю обро зиёд талаб кардани корхонаҳои кимиёвӣ ва таъсири номатлубашон ба табиат, онҳоро дар ҳама ҷо сохтан мувофиқи матлаб нест.

Корхонаи бузурги саноати кимиё – комбинати барқу кимиёи Чирчиқ соли 1940 ба кор шурӯъ кардааст. Комбинати мазкур аввал аз азоти таркиби ҳаво тавассути нерӯи барқ поруи азотдор истеҳсол мекард. Вақте гази табиии Бухоро тавассути қубур ба Чирчиқ интиқол дода шуд, комбинат онро ба сифати ашёи хом истифода бурд. Ин ба зиёд шудани маҳсулот ва коҳиш ёфтани нархи аслии он мусоидат намуд. Дар комбинат, ба ҷуз поруи азотдор, хлориди магний (моддае, ки барои резондани барги пахта истифода мешавад), пластмасса ва маҳсулоти синтезӣ барои гирифтани нах истеҳсол карда мешавад.

Заводҳои аз гази табиӣ поруи азотдор ва нахи кимиёвӣ истеҳсолкунанда дар шаҳрҳои Фарғонаю Навоӣ низ сохта шуданд. Соли 1946 дар Қӯқанд, соли 1957 дар Самарқанд заводи суперфосфат ба кор даромад. Соли 1988 дар Қизилқум комбинати фосфорит ба кор оғоз кард. Дар он 2,7 миллион тонна консентрати фосфорит истеҳсол гардид. Ҳамчунин, тӯли солҳои истиқлолият дар Қашқадарё заводи поруи калийдори Деҳқонобод, дар Қароқалпоқистон заводи содаи Қӯнғирот ба истифода дода шуд.

Дар мамлакатамон кони намак низ зиёд аст. Конҳои Хӯҷаикон, Борсакелмас, Бойбичакон ва Оққалъа дорои 90 миллиард тонна ашёи хоманд. Дар

http://eduportal.uz

Олмалиқ заводе, ки аммофоси баландсифат истеҳсол мекунад, бунёд гардид. Дар Ангрен корхонаҳои кимиёвӣ резина истеҳсол менамоянд. Заводи Муборак кибрити таркиби газро ҷудо мекунад. Аз партови корхонаҳои металлургияи ранга кислотаи сулфат мегиранд. Дар заводи резинаи Поп кафш, қубурҳои резинӣ, ҳамчунин барои мошину механизмҳо қисмҳои гуногуни резинӣ истеҳсол мегардад. Дар заводи



*Расми 34.* Маҷмӯи кимиёи Шӯртангаз.

Ҷиззах плёнкаҳои полиэтиленӣ ва қубурҳои пластмассагин омода карда мешаванд. Минералҳои истихроҷшудае, мисли кибрит, марганес, барий, талк, оҳаксанг эҳтиёҷи соҳаҳои гуногуни саноати кимиёро қонеъ мегардонанд. Ба заводҳое, ки саноати локу ранг, наху бофтаҳои сунъӣ (Фарғона), чарму пашми сунъӣ истеҳсол менамоянд, эътибор дода шуд.

Тибқи қарор дар бораи чораҳои рушди босуръати саноати кимиё дар солҳои 2018 – 2030 пешбинӣ шудааст, ки истеҳсоли маҳсулоти кимиё 4,5 баробар афзоиш меёбад.

Корхонаҳои гидролиз солҳои 50-уми асри гузашта барпо шудаанд. Дар заводҳои биокимиёи Янгийўл ва гидролизи Андиҷон ашёи хоми асосӣ – аз пасмондаи пунбадонаю шолӣ спирти техникии этилӣ, фурфурол, туршии озуқа (хамиртуруш) барин маҳсулотҳо истеҳсол гардидаанд. Шурӯъ аз солҳои 90-ум ин заводҳо аз ғалла спирти этилӣ баровардаанд. Дар натиҷа пеши роҳи воридоти спирт ба соҳаи хӯрокворӣ, тиб, атриёт ва ғ. гирифта шуд.

Дар Ӯзбекистон ба ҷойи сӯзишворӣ ва ашёи хом истифода бурдани гази табиӣ самарабахш аст. Истеҳсоли нахи кимиёвӣ аз гази табиӣ назар ба нахи Русия 40 – 50 фоиз арзон меафтад. Газе, ки аз конҳои Газлӣ, Муборак, Учқир, Одамтош, Шӯртан гирифта мешавад, бо конденсатнокии баланди худ фарқ мекунад (расми 34). Конденсати газ асоси синтези органикист. Аз ҳар тоннаи он метавон 50 кг каучуки сунъӣ, 150 кг массаи пластикӣ, 150 кг нахи сунъӣ, 100 кг моддаи рӯшноибахш, 400 кг сӯзишвории мотор гирифт.

1. Робитаи байнисоҳавии саноати кимиёро дар модел ифода кунед.
2. Омилҳои ҷойгиркунии корхонаҳои кимиёвӣ кадомҳоанд?
3. Корхонаи саноатии вилоятатон аз кадом ашёи хом истифода мебарад?
4. Дар харитаи бематн шаҳрҳоеро, ки корхонаҳои саноатӣ доранд, муайян намоед.

# Дарси 17-ум

## МЕТАЛЛУРГИЯИ СИЁҲ

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи металлургияи сиёҳро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

Маҷмӯи металлургия ду соҳа: металлургияи сиёҳ ва рангаро дар бар мегирад.



***Металлургияи сиёҳ*** – истихроҷи маъдани оҳан, об кардани чӯяну пӯлод, истеҳсоли прокат ва феррохӯлаҳоро дар бар мегирад.

Барои металлургияи муосир, қабл аз ҳама, коркарди металл дар комбинатҳои металлургӣ хос аст (расми 35).




*Расми 35.* Схемаи сеҳҳои комбинати металлургӣ.

Дар металлургия саҳми комбинатҳое, ки пайваста бо коркарди ашёи хом машғуланд, калон аст. Зеро дар комбинатҳо дар як вақт аз маъдани оҳан дар печҳои домна чӯян гудохта мешавад, аз чӯяну оҳанпораҳои обшуда дар печҳои пӯлодгудозӣ (мартен, конвертер, электр) пӯлод гудохта мешавад ва аз пӯлод маҳсулоти тайёр – прокат гирифта мешавад. Тараққиёти илму техника, технологияи бепартов гудохтани металл, усулҳои наву самарабахши ҳосил намудани металлро ҷорӣ менамояд, ки ин ба афзудани пӯлоди хушсифат ва навъҳои прокат мусоидат менамояд. Усули навтарини гирифтани металл, бе домна, яъне, бе гудохтани маъдан ҷудо карда гирифтани металл мебошад.



*Расми 36.* Заводи металлургӣ.

Дар металлургияи сиёҳ истеҳсолот пайгирона марказонида мешавад.

***Комбинатҳои металлургӣ*** сӯзишворӣ ва ашёи хомро бисёр кор мефамоянд. Биноан, онҳо дар наздикии базаҳои ашёи хому сӯзишворӣ, гоҳо дар байни онҳо сохта мешаванд. Ин шарти муҳими ҷойгирсозии корхонаи металлургӣ (комбинат) мебошад.

Дар ин маврид манбаъҳои об, нерӯи барқ, гази табиӣ ва имкониятҳои ҳифзи табиат ба назар гирифта мешаванд. Корхонаи якуми металлургӣ – заводи металлургии Бекобод соли 1946 кор сар кардааст (расми 36). Дар завод истеҳсоли пӯлоду прокат меафзояд. Соли 1950 119 ҳазор тонна пӯлод гудохта шуда, 76 ҳазор тонна прокати тайёр ба даст омада бошад, ҳоло ин нишондиҳанда ба маротиб афзудааст. Вале маҳсулоти завод эҳтиёҷи ба металл доштаи мамлакатро қонеъ намекунад. Биноан, аз давлатҳои ҳамсоя металли зиёд ворид мегардад. Дар айни замон талаб ба маҳсулоти воридотӣ: пӯлоди электротехникӣ, тунука (лист), прокатҳои гуногунпрофил, сим, маҳсулоти чӯянӣ меафзояд. Агар аз хориҷ овардани чунин маҳсулоти барои иқтисодиёт зарур давом кунад, хароҷот зиёд шуда, рақобатпазирии онҳо паст мешавад. Ин ба бехатарӣ ва манфиатҳои иқтисодии мамлакат таъсири номатлуб дорад.

Зеро, ҳоло татбиқи чорабиниҳои инноватсионие, ки рушди соҳаи металлургияи сиёҳро таъмин менамоянд, ба талаби давр табдил меёбад.

http://eduportal.uz

Дар чунин шароит самтҳои асосии инноватсия баланд бардоштани самаранокии истеҳсолии соҳа, афзудани ассортименти маҳсулот, сифатнокӣ ва вусъат додани ҳаҷми он маҳсуб меёбад. Барои ин, бояд дар заводҳои хурду калони Ўзбекистон бобати омода кардани пўлод аз печҳои барқии пурсамар истифода шавад, фаъолияти соҳа аз рўйи схемаи коркарди пўлоду прокат роҳандозӣ гардад ва конҳои маъданашон камоҳан кам аз худ карда шаванд. Зиёд гардидани иқтидори агрегатҳои металлургия ба механизатсия ва автоматикунонии ҷараёнҳои истеҳсолот, такмилёбии технологияҳо мусоидат менамояд, арзиши аслии маҳсулотро коҳиш дода, самаранокии меҳнатро ба 20 –25 фоиз меафзояд.

Дар ҷараёни рушди металлургияи сиёҳ ба мушкилиҳое дучор меоем, ки ба азхудкунии конҳои маъдани оҳан, интихоб ва татбиқи технологияҳои самарабахши азнакоркарди маъдан иртибот доранд. Аз он ки мо захираи кофии меҳнат, газ ва барқ дорем, эҳтиёҷ ба маҳсулоти соҳа зиёд аст, ташкил додани иқтидори иловагии истеҳсоли прокат, ки то ҷое металлҳои сиёҳи аз Русия, Қазоқистон ва Украина овардаро иваз менамояд, бартариашро собит намуд. Корхонаҳои бузурги саноатӣ дар рушди иқтисодиёт ва бо шуғл фарогирии аҳолӣ нақши муҳим доранд. Заводи металлургие, ки дар Тошканд бунёд мегардад, аз он ҷумла аст.

Дар назар дошта шудааст, ки корхонаи майдони умумиаш 100 гектар дар тўли ду сол бунёд мегардад. Ба завод таҷҳизоти пешқадами замонавӣ аз Италия, Олмон, Австрия оварда мешаванд. Дар корхона листҳои металлӣ барои истеҳсоли кузови автомобилҳо, черепитсаҳои гуногуни сохтмонӣ, профнастил, ҳамчунин, барои техникаҳои маишӣ листҳои металлӣ омода карда мешавад. Дар назар дошта шудааст, ки баъди пурра ба кор шурўъ кардан, корхона соле ба миқдори 500 млн. доллар маҳсулот истеҳсол менамояд ва беш аз 1000 нафар бо шуғл фаро гирифта мешаванд. Пешбинӣ шудааст, ки Донишгоҳи политехникии Турини шаҳри Тошканд, Донишгоҳи давлатии техники Тошканд ба номи Ислом Каримов ва коллеҷҳои касбу ҳунар барои корхонаи мазкур мутахассис тайёр мекунанд.

1. Кадом корхонаи металлургиро завод ё комбинати пуррасикл меноманд?
2. Фикр кунед: оҳанпораҳои дар ноҳиятон ҷамъшуда ба куҷо, тавассути кадом нақлиёт интиқол мегардад. Сипас роҳеро, ки оҳанпора пушти сар мегузорад, дар харита муайян намоед.

# Дарси 18-ум

## МЕТАЛЛУРГИЯИ РАНГА

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи металлургияи рангаро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

***Металлургияи ранга:*** а) истихроҷи маъданҳои метали ранга; б) афзудан; в) гудохтан; г) истеҳсоли хӯлаҳоро муттаҳид месозад. Металлургияи ранга барои электриконидани мамлакат, таҳкими иқтидори мудофиаи он, рушди техникаи атомӣ, самолётсозӣ, ракетасозӣ, умуман, саноати мошинсозию кимиё басе зарур аст. Металлургияи ранга ба гурӯҳҳо ҷудо мешавад. Тибқи ин тақсимшавӣ металлургияи ранга ба металлургияи металлҳои вазнин, сабук ва ғ. ҷудо мешавад (расми 37).

| Гурӯҳҳои асосӣ | | | Дигар гурӯҳҳо | |
|---|---|---|---|---|
| Металлҳои вазнин | Металлҳои сабук | Металлҳои гаронбаҳо | Металлҳои душворгудоз | Металлҳои нодир |
| Мис, қалъагӣ, қӯрғошим, никел, руҳ. | Алюминий, магний, титан. | Тилло, нукра, платина. | Волфрам, молибден. | Уран, германий ва ғ. |

*Расми 37.* Гурӯҳбандии металлҳои ранга.

Пеш дар мо фақат металлҳои гаронбаҳо истихроҷ мешуданд. Ҳоло истеҳсоли ҳам металлҳои вазнин ва ҳам душворгудоз ба роҳ монда шудаанд. Барои гирифтани онҳо энергияи зиёд сарф мешавад. Ин гуна истеҳсолотро истеҳсолоти энергияталаб меноманд. Дар мамлакатамон захираи тилло, мис, қӯрғошим, руҳ, волфрам, молибден ва дигар маъданҳои металли ранга зиёд аст. Беш аз 15 - то кони мис мавҷуд.

Аз харита ҷойи конҳои мисро муайян кунед.

Ҳавзаи саноатӣ кони Ангрен – Олмалиқ дар саноати металлургияи ранга аҳамияти алоҳида дорад. Дар таркиби маъдани мис молибден, тилло ва нукра мавҷуд. Дар ин ҷо заводи мисгудозӣ ва комбинати кону металлургияи Олмалиқ кор мекунад. Комбинат аз конҳои Қалмоққиркон, Қӯрғошимкон, фабрикаи тозакунии қӯрғошиму руҳ, истгоҳи баркӣ ва чанд корхонаи ёрирасон иборат аст (расми 38). Шаҳри ободи кончиён – Олмалиқ дар ҷараёни азхудкунии кон барпо гардидааст.

http://eduportal.uz




*Расми 38.* Истеҳсоли алюминий.

***Фабрикаи тозакунӣ*** – корхонае, ки аз маъдан омехтаҳои нодаркорро берун мекунад, ё бо зам кардани моддаҳои нав ба сифати он меафзояд.

Истеҳсоли маҳсулоти металлургияи ранга – волфрам ва молибден зуд ривоҷ меёбад. Ҳарорати гудозиши волфрам хеле баланд – (3370 $^0$С) аст. Элементҳои тафсонандаи печҳои баландҳарорат ва симҳои тафсандаи лампочкаҳои баркӣ аз волфрам сохта мешаванд. Заводи хӯлаҳои сахти душворгудози шаҳри Чирчиқ аз корхонаҳои бисёр муҳим мебошад. Маҳсулоти ин корхона дар электротехника, мошинсозӣ, таҷҳизотсозӣ ва дигар соҳаҳо васеъ истифода мешавад. Металлҳои ранга хусусиятҳои ба худ хос доранд. Баъзеи онҳо (қалъагӣ, қӯрғошим, никел) ба зангзанӣ тобоваранд, баъзеяшон (титан, волфрам) гармиписанданд ё нерӯи баркро хуб мегузаронанд (алюминий, мис, нукра, тилло). Дар ҳавзаи ангишти Оҳангарон ашёи хоми алюминий – захираи бузурги гили каолин мавҷуд. Дар комбинати Ўрта Чирчиқ шпати плавике омода мегардад, ки дар гирифтани алюминий бо усули электорлиз ба кор меояд.

***Тилло*** – металли нодир, хусусияташро дар рӯйи замину қаъри он гум намекунад. Аммо кофтану ёфтан, аз ҷинсҳои кӯҳӣ ҷудо кардани он меҳнату маблағи зиёдро талаб мекунад. Тилло, ба ҷуз заргарӣ, дар электроника, истеҳсоли компутер, киштиҳои кайҳонӣ, реакторҳои атомӣ истифода бурда мешавад. Танҳо барои пӯшондани девори дарунии реактори атомӣ 16 кг. тилло сарф мешавад. Аз кӯҳҳои байни Самарқанду Бухоро 2000 сол қабл низ тилло гирифтаанд. Дар асрҳои X - XIII саноати кон то ҷое рушд кард. Дар асри XIX империяи Русия,

http://eduportal.uz

баъди ғасби Туркистон, конҳоро рўйи харита овард. Тиллочўйӣ дар ҳамаи самтҳо пурзўр гардид. Дар миёнаҳои асри XX ба туфайли ҷустуҷўҳои олимони ўзбек конҳои тиллои Мурунтов, Чодак, Зарметан, Қўшбулоқ, Қизилолма, Марҷонбулоқ ёфт шуданд. Соли 1969 нахустин сабикаи тилло рехта шуд. Аз он вақт саноати истихроҷи тилло ташаккул ёфт.

Ўзбекистон дар дунё бобати истихроҷи тилло ҷойи ҳафтум, байни давлатҳои ИДМ ҷойи дуюмро ишғол менамояд

Маркази бузурги дигари саноати истихроҷи тиллои Ўзбекистон комбинати металлургияи кўҳии Навоӣ мебошад. Кони Мурунтов натанҳо дар Ўзбекистон, балки байни конҳои Авроосиё кони тиллои бузургтарин буда, ҳаҷми ҷойи истихроҷи маъдани он 2 X 4 км, умқаш беш аз 400 метрро ташкил медиҳад (расми 39).

Металли пурбаҳои дигар – нуқра баъди тилло меистад. Дар пастхамиҳои кўҳи Қурама конҳои бузурги нуқра ёфт шудаанд. Дар наздикиҳои Тошканд нуқраи бисёр гирифта мешавад. Дар Қизилқум оиди истеҳсоли бештари нуқра ҷораҳо андешида мешаванд. Ҳоло беш аз 30 кони маъданро ёфтаанд, ки дар таркибашон тиллою нуқра доранд.



*Расми 39.* Кони тиллои Мурунтов.

Металлҳо дар иқтисодиёт ҷойгоҳи гуногун доранд. Мис бо қалъагӣ (биринҷӣ), никел (мелхиор), алюминий (дуралюминий), руҳ (латун) ҳам дар ҳолати холисӣ, ҳам ҳолати хўла дар электротехника ва мошинсозӣ васеъ истифода мешавад. Қўрғошим дар истеҳсоли аккумулятор ва кабелҳои барқӣ ба кор меояд. Зарфҳои оҳанинро барои занг назадан бо руҳ – сир мепўшанд. Қалъагиро барои сохтани тунукаи сафед ва подшипникҳо истифода мебаранд. Дар кишвари мо конҳои нуқра, уран, волфрам ва дигар маъданҳои пурбаҳо ҳастанд.

1. Аз атлас муайян кунед: дар куҷои Ўзбекистон кадом металлҳои ранга истихроҷ карда мешаванд.
2. Аҳамияти бунёди комбинатҳое, ки ашёи хоми металлургияи рангаро дар маҷмўъ коркард мекунанд, дар чист?
3. Бо истифода аз атлас дар харитаи бематн марказҳои металлургияи рангаро муайян кунед.

http://eduportal.uz

# Дарси 19-ум МОШИНСОЗӢ ВА СОҲАҲОИ ОН

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи мошинсозиро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

***Маҷмӯи мошинсозӣ*** – таҷассумгари соҳаҳои саноатест, ки барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт мошину таҷҳизот истеҳсол менамояд, аҳолиро бо ашёи гуногуни истеъмолӣ, мисли телевизору яхдон таъмин месозад.

Мошинсозӣ маҷмӯъи устувори иқтисодиёти мамлакат мебошад (расми 40). Зеро соҳаҳои иқтисодиёт бе мошинҳо ривоҷ ёфта наметавонанд. Барои омода кардани мошини замонавӣ металл, пластмасса, ранг, резина, газвор ва чӯбу тахтаи зиёд лозим аст.

Мошинҳо аз ҳазорон деталл омода мегарданд. Ин миқдор деталлҳоро дар як завод сохтан номусоидиҳои худро дорад. Бинoан, дар мошинсозӣ тахассусикунонии деталсозӣ, яъне сохтани баъзе деталлу қисмҳои маҳсулоти тайёр ривоҷ ёфтааст.

Аз ин рӯ, бисёр заводҳои мошинсозие, ки баъзе деталлҳоро истеҳсол менамоянд, мехоҳанд бо якдигар ва корхонаҳое, ки металл, пластмасса, резина ва ҳоказоро расонда медиҳанд, робитаҳои истеҳсолӣ дошта бошанд, яъне тарафдори кооперативикунонианд. Вале чунин истеҳсолот бе нақлиёт тасаввурнопазир аст. Бинoан, ҳангоми ҷойгиркунии соҳаҳои мошинсозӣ фосилаи шоҳроҳҳо ба назар гирифта мешаванд.



*Расми 40.* Соҳаҳои маҷмӯи мошинсозӣ.

Бояд корхонаҳои мошинсозӣ бо коргарони соҳибмалака ва мутахассисони илмию техникӣ таъмин бошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми ҷойгиркунии корхонаҳои мошинсозӣ дурию наздикии истеъмолгарон ва пойгоҳи металлургӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ашёҳои мошинсозӣ тавассути дастгоҳҳо, ба ивази меҳнати баландмалака сохта мешаванд. Арзиши аслии ҳар мошин, ба

http://eduportal.uz




*Расми 41.* Таркиби заводи мошинсозӣ.

ҳисоби миёна, аз арзиши аслии ашёи хоми бо он сарфшуда – металл садҳо баробар зиёд аст (расми 41).

Соҳаҳои гуногуни мошинсозӣ металлро ба як миқдор истифода намебаранд. Агар барои сохтани як дона мошин металли зиёд (ё дигар материал) сарф шавад, ин гуна мошинсозиро мошинсозии металл ё материали зиёд талабкунанда меноманд. Ба ин истеҳсоли таҷҳизоти кону металлургия ва вагонҳои роҳи оҳан мисол шуда метавонад.

Бад-ин тариқ, материали мавриди корбурд, миқдори меҳнати малаканок, шароити ашёи хом ва интиқоли мошинҳои тайёр тақозо доранд, ки заводҳои мошинсозӣ дар ҷойҳое бояд сохта шавад: а) шоҳроҳҳои нақлиёт; б) кадрҳои малаканок; в) истеъмолгарон; г) корхонаҳои бузурги металлургӣ мавҷуд бошанд.

Парвариш ва азнавкоркарди соҳаҳои анъанавӣ ва тахассусии иқтисодиёти Ӯзбекистон – пахта, кирми пилла, канаб меҳнати дастиро зиёд талаб мекунад. Ин аст, ки барои механизатсиякунонии соҳаҳои тахассусии хоҷагии деҳот: заминронӣ, кишту парвариш, ғун доштан ва азнавкоркарди ашёи хом соҳаҳои мошинсозие ба вуҷуд омаданд, ки мошину мошинолот истеҳсол менамоянд.



Заводҳое, мисли ***«Тошқишлоқмаш», «Ўзбекқишлоқмаш»*** - и Тошканд ва ***«Чирчиққишлоқмаш»*** - и Чирчиқ аз корхонаҳои асосии мошинсозии хоҷагии деҳот ба шумор меравconfigured.

Ин мошинҳо барои пахтапарварӣ сеялкаҳои трактор, култиваторҳо, таҷҳизоти ғӯзапоякашӣ, кӯракчинӣ, поруомезӣ, мошинҳои дорупошак ба зараркунандаҳои хоҷагии деҳот истеҳсол менамоянд. Соли 1994 дар корхонаи муштараки Ўзбекистон – Исроил модели нави мошини пахтачинӣ сохта шуд (расми 42).

Мошинҳои истеҳсоли соҳаи мошинсозии ирригатсионӣ, ки барои сохтани обанбору каналҳо, тоза кардани лойи онҳо, ба баландӣ баровардани об истифода мешаванд, низ бино ба эҳтиёҷи маҷмӯъи агросаноатӣ ба вуҷуд омадааст. Маркази мошинсозии ирригатсионӣ вилояти Андиҷон мебошад.

Баробари рушди пахтакорӣ эҳтиёҷ ба трактор ва мошину механизмҳои пахтакашонӣ афзуд. Аз ин рӯ, дар заводи трактори Тошканд – ЗТТ тракторҳои универсалие, ки пахтаро бе халтаю қанор кашонда, худашон аз бордон мерезанд, истеҳсол гардиданд. Дар Тошканд, Андиҷон, Самарқанд ва Каттақўрғон заводҳои мошине ҷойгир шудаанд, ки барои пахтатозакунӣ ва саноати равған мошину таҷҳизот истеҳсол менамоянд. Аз он ки иқтисодиёти миллӣ, хоссатан, хоҷагии деҳот ба мошину механизмҳо этиёҷи зиёд доранд, корхонаҳое, ки ба онҳо қисмҳои эҳтиётӣ расонда медиҳанд, метавон гуфт, ки дар вилоят сохта шудааст. Заводи «Пахтамаш»-и Самарқанд аз бузургтарин корхонаҳоест, ки қисмҳои эҳтиётӣ истеҳсол менамояд.

Мошину таҷҳизоте, ки дар боғдорӣ, ангурпарварӣ ва полезкорӣ истифода мешаванд, дар иттиҳодияи «Ўрта Осиёқишлоқмаш» истеҳсол мегарданд.



*Расми 42.* Мошини пахтачинӣ.

Дар миёнаҳои асри гузашта саноати электротехникӣ чун соҳаи алоҳида ташаккул ёфт. Беш аз даҳ заводи электротехникӣ кор сар кард. Ба заводи «Алгоритм» – истеҳсолкунандаи МЭҲ асос гузошта шуд. Заводи «Зенит», ки барои МЭҲ элементҳои электротехникӣ, микросхемаҳо, системаҳои аз масофа идоракунӣ

ва дигар маҳсулотҳо истеҳсол менамояд, ба кор пардохт.

Соли 1990 консерн ба иттиҳодияи «Ўзэлтехсаноат» табдил ёфт. Дар таркиби иттиҳодия беш аз 50 корхона фаъолият дорад. Корхонаҳои иттиҳодия бо ҳамкории фирмаҳои Русия, Туркия, Кореяи Ҷанубӣ, ИМА, Сингапур ва мамлакатҳои дигар беш аз 20 корхонаи муштарак ташкил доданд. Радиоэлектроника ва электротехника аз соҳаи ояндадорест, ки ба суръати рушди маҷмӯъи мошинсозии ҷумҳурӣ меафзояд (расми 43).



*Расми 43.* Дар корхонаи техникаи маишӣ.



Ҳоло дар соҳаҳои мошинсозӣ қариб 100 ҳазор нафар меҳнат мекунанд.

Болоравии саноати бофандагӣ на танҳо ба ашёи хом, балки ба таҷҳизонидани он бо дастгоҳу ускунаҳои замонавӣ низ вобаста аст. Чунин таҷҳизотро иттиҳодияи «Ўзбектўқимачиликмаш» истеҳсол менамояд. Корхонаҳои иттиҳодия дар шаҳрҳои Тошканд, Қўқанд, Ҷиззах ҷойгир шудаанд.

Мошинсозии кимиё ва нафту кимиё соли 1941 ташкил дода шудааст. Корхонаи бузурги он – заводи «Ўзбеккимёмаш» даставвал барои корхонаҳои саноатии кимиё, микробиология селлюлозаю коғаз асбобу ускуна истеҳсол мекард. Ҳоло ускунаҳои кимиё, турбокомпрессор, бодбезак ва насосҳо истеҳсол менамояд. Дар заводи «Компрессор»-и Тошканд истгоҳҳои компрессории муштарак истеҳсол карда мешавад. Дар Намангон таҷҳизот барои чоҳҳои нафту газ истеҳсол мегардад. Дар соҳаи мошинсозии хоҷагии коммуналӣ заводи лифтсозии Самарқанд фаъолият дорад. Дар завод лифтҳои мусофиру боркашонӣ, дастгоҳҳои коркарди чўб истеҳсол карда мешавад.

Дурнамои корхонаҳои мошинсозӣ ва ҷойгузинии онҳо ба омили инсон вобаста аст. Ба мақсади таъмини аҳолии деҳот бо кор, дар деҳаҳо корхонаҳои хурди ба истеҳсоли қисмҳои мошин ихтисосонидашуда сохта мешаванд.

Дар миёнаҳои асри гузашта корхонаҳои мошинсозии Ўзбекистон танҳо мошинҳои хоҷагии деҳотро истеҳсол карда, барои таъмири онҳо ва



http://eduportal.uz

корхонаҳои азнавкоркарди пахта мошину таҷҳизот расонда додаанд. Ҳоло танҳо ними маҷмӯъи мошинсозӣ ба маҷмӯъи агросаноатӣ вобаста аст.

Солҳои баъдӣ дар мошинсозии Ўзбекистон, баробари рушди соҳаҳои анъанавӣ, соҳаҳое, ки металлро кам, меҳнатро зиёд талаб мекунанд, ривоҷ ёфт. Дар натиҷа мошинсозии бисёрсоҳа ба вуҷуд омад.

1. Тўли солҳои истиқлолият кадом соҳаҳои мошинсозӣ ривоҷ ёфтанд?
2. Дар таркиби мошинсозии нақлиётӣ чӣ дигаргуниҳо рўй дод?
3. Тахассусишавӣ ва кооператсиякунонӣ чаро маҳз барои мошинсозӣ муҳиму рўзмарра аст?
4. Дар Ўзбекистон аввал ба вуҷуд омадани мошинсозии хоҷагии деҳотро чӣ хел метавон шарҳ дод?
5. Маркази мошинсозии ирригатсионӣ дар куҷост?
6. Дар ноҳиятон кадом корхонаҳои мошинсозӣ мавҷуданд?

## Дарси 20-ум

## АВТОМОБИЛСОЗӢ

Дар Ўзбекистон автомобилсозӣ баъди истиқлолият ташаккул ёфт. Соли 1992 Ҷумҳурии Ўзбекистон бо ҳамкории ширкати «DAEWOO»и Кореяи Ҷанубӣ дар шаҳри Асакаи вилояти Андиҷон дар пойгоҳи заводи тележкаҳои пахтакашонӣ заводи автомобилбарории «UZ-Daewoo» (ҳоло «GM Uzbekistan»)-ро ба сохтан шурўъ кард. Соли 1996 нахустин сабукравҳои тамғаи «Damas», «Tico», «Nexia» аз конвейери завод баромаданд. Ин соҳаи ҷавону ояндадор локомотиви ба худ хоси нафту кимиё, энергетика ва дигар соҳаҳои баландтехнологии иқтисодиёти миллӣ гардид.

Ширкат ҳамкориро бо шарикони кореягӣ, итолиёӣ, ҳулландӣ ва амрикоӣ ба роҳ монда, истеҳсоли қисмҳои васлкуниро муттасил афзун мегардонад. Солҳои аввал, агар 20 фоизи қисмҳи автобил дар Ўзбекистон омода мегардид, баъди панҷ сол ин нишондиҳанда 60 фоизро ташкил дод. Ҳоло ин нишондиҳанда 85 фоизро ташкил дода, кооператсияи корхонаҳои автомобилсозии дар доираи мамлакат бударо ба дараҷаи баланд бардошт. Имрўз беш аз 250 корхонаи ҷумҳурӣ маҳсулоти худро ба конвейери заводи автомобилбарории шаҳри Асака интиқол медиҳанд (расм 44).Татбиқи лоиҳаҳои маҳалликунонӣ ба соҳибкорӣ рўҳи тоза бахшида, ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд омаданд.




*Расми 44.* Робитаи заводи автомобили Асака бо дигар корхонаҳо.

Ӯзбекистон дар ҷаҳон 28-умин давлати истеҳсолкунандаи автомобил аст. Заводи ***«GM Uzbekistan» автомобилҳои «Damas», «Nexia», «Lacetti», «Chevrolet», «Spark», «Malibu»*** истеҳсол менамоянд.

Саҳми автомобилсозӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ сол аз сол меафзояд.

Пурзӯр гардидани рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ тақозо дорад, ки ширкат технологияҳои замонавӣ ва коркардҳои илмию дизайнсозиро пайгирона ба амал татбиқ намояд. Тайёр кардани мутахассисони ҷавон, бунёди коллеҷҳои касбу ҳунарии тахассусӣ, иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ, рағбатноксозии имкониятҳои интеллектуалии коргарон аз вазифаҳои муҳими оянда аст.

Ҳаҷми содирот ва географияи автомобилҳое, ки дар Ӯзбекистон истеҳсол мегарданд, вусъат меёбад (расми 45). Танҳо дар Федератсияи Русия беш аз 750 ҳазор автомобилҳои истеҳсоли кишвари мо дар рафтуоянд. Ӯзбекистон дар фурӯши автомобил ба Чехия, ИМА, Украина, ҳатто Франсия пешдастӣ мекунад.

Ба ҷуз автомобилҳои сабукрав, дар корхонаҳои муштараки бо

корхонаҳои ISUZU- и Ҷопон ва MAN- и Олмон ташкилдодаи Ўзбекистон истеҳсоли автобус, мошини боркаш ва техникаҳои махсуси гуногун роҳандозӣ гардид (расми 46). Корхонаҳои мазкур двр айни ҳол беш аз 30 намуди воситаҳои нақлиётро истеҳсол менамоянд. Дар ҷараёни коркарди лоиҳа корхонаҳои таъминкунандаи корхонаи муштараки «SamAvto» муйян гардиданд.  Корхонаҳои муштараки Ўзбекистону Кореяи Ҷанубӣ, ки локу ранг, курсию деталлҳо ва ашёи дигар истеҳсол менамоянд, аз он ҷумлаанд. Оянда саҳми истеҳсоли миллӣ ба автобусҳо 56, мошинҳои боркаш 44 фоизро ташкил хоҳад дод. Ин далели мустаҳкам будани заминаи мошинсозӣ дар мамлакатамон ва ояндаи дурахшон доштани он аст.

Дар Ўзбекистон баробари рушди саноати автомобилсозӣ, дар минтақаҳои гуногун ба бунёди корхонаҳои саноатӣ санги асос гузошта шуд. Аз ҷумла, шуъбаи вилояти хоразмии ҷамъияти саҳҳомии «GM Uzbekistan» ва заводи двигателҳои «GM Powertrain Uzbekistan» ба кор даромад.

Шуъбаи вилояти хоразмӣ аз корхонаҳоест, ки дар таркиби автомобилсозии мамлакатамон ба рушди иқтисодиёт саҳми назаррас




*Расми 45.* Содироти автомобилҳои Ўзбекистон.



http://eduportal.uz

## ЗАВОДҲИ АВТОМОБИЛСОЗИИ ЎЗБЕКИСТОН

**ИМРӮЗ ТЕЪДОДИ КОРХОНАҲОЕ, КИ БАРОИ САНОАТИ АВТОМОБИЛИ ЎЗБЕКИСТОН ҚИСМҲОИ ЭҲТИЁТӢ ИСТЕҲСОЛ МЕНАМОЯНД, БА 250 АДАД РАСИДААСТ**




*Расмии 46.* Корхонаҳои бузурги автомобилсозии Ўзбекистон.

мегузорад. Шуъба соле иқтидори истеҳсоли 40 ҳазор адад автомобилро дорад. Автомобилҳои тамғаи «Damas», «Labo», «Orlando» -ро истеҳсол менамояд.

Дар мамлакат соли 2017 дар роҳи саноати автомобил иқдоми наве гузошта шуд. Байни ширкати «Ўзавтосаноат» ва гурӯҳи «Pejo Citroen»-и Франсия дар Ўзбекистон оиди барпо намудани корхонаи муштараке,ки автомобилҳои сабуки тиҷоратиро истеҳсол менамоянд, созишнома ба имзо расид. Бино бар он корхонаи нав бояд дар минтақаи озоди иқтисодии «Ҷиззах» бунёд гардад. Завод таҳти брендҳои «Peugeot» ва «Citroen» ба истеҳсоли автомобилҳои сабуки боркаши тиҷоратӣ ихтисосонида хоҳад шуд. Корхонаи муштарак фаъолияташро бино ба саҳми баробари ду ҷониб ба роҳ мемонад.

Дар корхонаи сохтмонаш пешбинишуда соле 16000 автомобил истеҳсол мегардад. Фурӯши онҳо дар Ўзбекистон ва содироташон ба давлатҳои хориҷии дуру наздик пешбинӣ шудааст.

1. Бо пурра дар мамлакатамон ба роҳ мондани қисмҳои автомобилие, ки дар Асака истеҳсол мешаванд, кадом мушкилиҳо ҳал мегарданд?
2. Кадомаш маъқул: омода кардани қисмҳои автомобил дар корхонаҳои хурди сартосарии мамлакат ё истеҳсоли ҳамаи қисмҳо дар шаҳри Асака? Ҷавобатонро асоснок кунед.

http://eduportal.uz

## Дарси 21-ум

# САНОАТИ АЗНАВКОРКАРДИ ЧӮБ

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи саноати азнавкоркарди чӯбро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

Саноати ҷангал ба соҳаҳои омодакунии чӯб ва азнавкоркарди он ҷудо мешавад. Як намуди ҳунармандӣ будани азнавкоркарди чӯб аз қадим маълум аст. Ҳунармандон бо пардоздиҳӣ аз чӯб ароба, зин, панҷара, сандуқ, дар, гаҳвора, ром сохтаанд, хона бунёд кардаанд. Чӯбкорӣ тӯли солҳо такмил ёфта, соҳаҳои нав ба нави саноат ба вуҷуд омад (расми 47). Хусусан, ба туфайли азнавкоркарди кимиёвии чӯб дар чӯбкорӣ гардиши куллӣ ба амал омад.

Эҳтиёҷи солонаи ба ашёи хоми чӯбу тахта доштаи мамлакат қариб 10 млн. метри мукаабро ташкил медиҳад. Аммо ҷангалҳои табиӣ, ки манбаи ашёи хоманд, дар мо хеле каманд. Биноан, ҳар сол миллионҳо бех ниҳол шинонда мешаванд, моҳонаи «кабудизоркунӣ» гузаронида мешавад. Бо барпо кардани ҷангалҳо ва истифодаи оқилона аз сарвати чӯб хоҷагии махсуси ҷангал сарукор дорад. Дар ҷумҳуриамон қариб 100 корхонаи хоҷагии ҷангал, мамнӯъгоҳ ва боғҳои миллӣ мавҷуданд. Маҳсулоти саноати ҷангал дар мошинсозӣ, саноати кимиё, саноати сабук, нақлиёт ва сохтмон истифода бурда мешаванд. Дар навбати худ, саноати ҷангал низ аз дигар соҳаҳо локу ранг (барои истеҳсоли мебел), сода, натрий, химикатҳои сафедкунанда (барои тайёр кардани коғаз) автомобил, трактор, дастгоҳҳо (барои омода ва коркарди чӯб) мегирад. Яъне, дар байни саноати ҷангал ва дигар ҷабҳаҳо робитаҳои доманфарохи байнисоҳавӣ мавҷуданд.

Тӯли солҳои истиқлолият дар Тошканду Асака заводи ашёҳои дуредгарӣ, дар заводи таҷҳизоти аз офтоб ҳифзкунандаи Тошканд бошад, сехи истеҳсолкунандаи ромҳои пластмассагин кор оғоз кард. Дар Тошканд корхонаи муштараки Ӯзбекистону Юнон – заводи гӯгирдбарории «O'z Ellas» ба кор пардохт. Камчинии ашёи хом дар саноати чӯб мушкилӣ эҷод мекунад. Биноан, ба мақсади истифодаи сарфакорона аз чӯб саноати селлюлоза низ ривоҷ меёбад.



***Селлюлоза*** – массаи чӯби майда ва бо роҳи кимиёвӣ коркардшудаест, ки барои истеҳсоли нахи сунъӣ ва коғаз ашёи хом маҳсуб меёбад.




*Расми 47.* Робитаҳои саноати чӯб дар доираи соҳа.

Дар гӯшаҳои гуногуни мамлакатамон корхонаҳои хурди селлюлоза ва коғазбарорӣ ба кор медароянд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Кегайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бо иштироки сармояи хориҷӣ корхонае ташкил дода хоҳад шуд, ки аз ашёи хоми қамиш, коҳи гандуму шолӣ ва ғӯзапоя маҳсулоти селлюлоза ва коғаз истеҳсол менамояд. Қарори махсуси Девони Вазирон «Оиди чорабиниҳо доир ба рушди сафедорпарварии саноатӣ ва барпо кардани плантатсияҳои дарахтони зудрӯйи чӯббоб», аз 8 феврали соли 1994, дар саноати ҷангал гардиши куллӣ буд. Тибқи қарор майдони сафедорон ҳар сол ба 10 гектар меафзоянд. Оянда наздик ҳар сол 5 млн. метри мукааб чӯби саноатӣ тайёр карда хоҳад шуд. Корхонаҳои чӯбтайёркунӣ ба заводҳои тахтасозӣ ғӯлачӯбҳо расонда медиҳанд. Чӯби бурида, яъне тахта, ашёи хоми саноати мебелсозист. Дар саноати кимиё аз партовҳои чӯбу чӯбкорӣ (шоху шибба, аррамайда, параха, пӯстлоқ) спирт, рӯған ва рангҳо истеҳсол карда мешавад. Биноан, барпо кардани комбинатҳои ҷангалу кимиё судбахш аст. Дар Ӯзбекистон бунёди комбинатҳои азнавкорди чӯб басе муҳим аст.

1. Аз харитаи «наклиёт»-и атлас муайян кунед, ки ба вилоятатон чӯб аз куҷо ва бо кадом намуди наклиёт оварда мешавад.
2. Барои бартараф кардани норасоии чӯб дар ноҳияаатон чӣ чорабиниҳо андешида мешаванд?
3. Аз дарсҳои ботаника ба ёд оред, ки чӯби сафедор чӣ хусусият ва аз нигоҳи экологӣ чӣ бартариҳо дорад.

## Дарси 22-ум

# САНОАТИ МАСОЛЕҲИ СОХТМОН

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи саноати масолеҳи сохтмонро дар саноати маҳсулоти умумӣ муайян кунед.*

Саноати масолеҳи сохтмон қариб бо ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ робита дорад. Дар чараёни барпо кардани заводу фабрика, хонаву ҷой, роҳ ва иншоотҳои ирригатсионӣ талаб ба масолеҳи сохтмонӣ меафзояд.

Сементи барои бинокорӣ басе муҳим дар шаҳрҳои Қувасой, Оҳангарон, Ангрен, Навоӣ, Бекобод ва шаҳраки Зафаробод истеҳсол мегардад. Комбинатҳои сементи Оҳангарону Навоӣ аз комбинатҳои бузургтаринанд. Дар пойгоҳи гилмояи Ангрен сементи сафеди ороишӣ истеҳсол карда мешавад.

Соли 2018 дар Сурхондарё боз як заводи бузурги семент ба кор сар кард. Дар ноҳияи Шеробод заводи сементи аз ҷониби ҷамъияти саҳҳомии «Комбинати металлургияи кӯҳии Олмалиқ» бунёдгардида ба истифода дода шуд (расми 48). Заводи мазкур дар воҳа бобати рушди саноати сохтмон тибқи талаботи давр, афзун гардидани масолеҳи сохтмонии замонавӣ ва ба содирот баровардани маҳсулоти истеҳсолгардида нақши муҳим дорад.

Дар Шеробод бунёд гардинани ин завод, ки қисми технологияшро ҳамкорони туркиягӣ бар ўҳда доштанд, аҳамияти ба худ хос дорад. Зеро конҳои дорои 708 миллион тонна ашёи хоми семент, аз ҷумла, 530 тонна оҳаксанг ва 178 миллион тонна хок (глина) маҳз дар ин ҳудуд ҷойгир шудаанд. Бо ба амал татбиқ гардидани ин лоиҳаи инвеститсионӣ дар ин ҷо соле 1,5 млн тонна портландсементи баландсифат истеҳсол карда мешавад. Мавқеи географии вилояти Сурхондарё имкон медиҳад, ки маҳсулоти сементи натанҳо ба сохтмонҳои кишварамон, балки барои сохтмону бунёдкориҳои васеъмиқёси кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Афғонистон зарур, дар бозори дохилию хориҷӣ харидорони худро пайдо кунад.



*Расми 48.* Заводи сементи Шеробод.

Дар Ўзбекистон мармари нафису суфта бисёр аст. Аз 34 кони мармари кишварамон дар 5 - тоаш мармар истихроҷ карда мешавад.



http://eduportal.uz

Кони Ғозғон аз ҷиҳати захираю баландсифатӣ яке аз конҳои машҳури ҷаҳон аст. Мармари аз он истихроҷгардида дар аҳди иттифоқи собиқ чун дигар маҳсулотҳо ба Марказ интиқол дода мешуд. Аксарияти истгоҳҳои метрополитени шаҳрҳои Маскаву Санкт–Петербург ва дигар иншоотҳо бо мармари Ғозғон ороиш ёфтаанд. Дар сохмони Театри опера ва балети ба номи Алишер Навоӣ, меҳмонхонаҳое мисли «Ўзбекистон», «Toshkent Palace», метрополитени Тошканд ва дигар биноҳои муҳташами маданию маишӣ низ мармари ин кон истифода шудааст. Дар кони Оркутсой, ки 74 км дур аз Тошканд, дар шимолу шарқии он ҷойгир шудааст, мармари сиёҳ, сафед ва хокистарранг вомехўрад. Дар заводҳои мармари Тошканду Ғазалкент ба мармар оро медиҳанд.

Захираи ***умумии сангҳои*** ороишӣ беш аз 85 млн метри мукааб аст. Онҳо корхонаҳои азнавкоркарди сангро метавонанд тўли садҳо сол бо ашёи хом таъмин кунанд.

Дар наздикии шаҳри Чирчиқ заводе, ки аз ашёи хоми маҳаллӣ оинаи тиреза истеҳсол менамояд, фаъолият дорад.

Ҳамчунин, зинаи аввали сохтмони заводи оинае, ки бо иштироки ширкати Хитой дар вилояти Ҷиззах оғоз ёфта буд, ба анҷом расид (расми 49). Пешбинӣ шудааст, ки завод соли 2019-ум пурра ба кор медарояд. Бад-ин тариқ, заводи мазкур дар Осиёи Марказӣ ба корхонаи бузургтарини оина табдил хоҳад ёфт.

Оҳану бетон аз масолеҳи асосии сохтмон аст. Дар вилоятҳои Тошканд, Фарғона, Самарқанд ва Бухоро ашёи моводи оҳану бетонӣ омода мегардад. Дар вилоятҳои Хоразм, Бухоро ва Фарғона заводҳои коркарди *силикат блокҳо* сохта шудаанд. Заводи силикати Ҷиззах барои хоҷагӣ, шаҳр ва шаҳракҳои Мирзочўл блокҳои деворӣ, панел, пойдевор, зинапоя ва дигар ашёи силиктӣ тайёр мекунад. Қисмҳои бино, кўпрук, роҳ ва дигар иншоотҳо дар заводҳои махсус тайёр карда мешаванд. Дар бинокорӣ, аз он ки ба иншооти сохтмон кашондани қисмҳои тайёр як андак душвор аст, бобати ҷойгирсозии корхонаҳои истеҳсолӣ аз ду роҳ яке интихоб мешавад. Беҳтар аст, корхонаҳои қисмҳои калону вазнин тайёркунандаро дар шаҳрҳои азим ва наздикии ноҳияҳои саноатие созанд, ки домани корҳои сохтмонӣ фарох аст. Ё



*Расми 49.* Заводи оинаи Ҷиззах.



*Расми 50.* Бинохои қадкашида дар деҳа.

ашёи хом, рост, ба ҷое оварда шавад, ки иншоот бунёд мегардад. Дар ин ҳолат масолеҳи сотмонӣ сарфа мегардад, суръати кор тез мешавад.

Ба шарофати истиқлолият дар ҳамаи вилоятҳо корҳои сохтмонӣ беш аз пеш авҷ гирифтанд. Объектҳои нав ба нави иҷтимоӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, роҳҳои автомобилгард ва оҳан сохта шуданд. Дар шаҳру деҳот биноҳои замонавӣ бунёд мегарданд (расми 50).

Хусусан, пойтахти мамлакатамон, ба дараҷаи шинохтанашаванда, зебо шуд.

Дар мамлакатамон аз ҳисоби куллан тағйир додани симои деҳот, сохтани хонаву ҷой тибқи лоиҳаҳои намунавӣ, ташаккул додани инфрасохтори нав ба беҳтар кардани ҳаёти аҳли деҳ эътибори алоҳида дода мешавад. Ба ин мақсад аз соли 2009 дар деҳот ба тарзи инфиродӣ сохтмони маҷмӯъи манзилҳои зистие оғоз ёфтанд, ки шароити хуб доранд.



Бино ба лоиҳаҳои намунавӣ дар ҳамаи деҳаю ноҳияҳои кишварамон беш аз 1200 мавзеъҳои нави хонаву ҷой барпо гардиданд, беш аз 117, 5 ҳазор хонаҳои инфиродӣ ба истифода супурда шуданд.

Авҷ гирифтани бинокорӣ сабаби афзудани масолеҳи бинокорӣ мегардад.



1. Ба масолеҳи сохтмонӣ, ба сифати ашёи хом, боз чиҳоро илова мекунед?
2. Фаҳмонда диҳед, ки дар ҷойгирсозии корхонаи масолеҳи сохтмонӣ аз омилҳои шароити табиӣ, ашёи хом, қувваи корӣ ва нақлиёт кадомаш беаҳамият аст?
3. Дар харитаи сарватҳои табиии Ўзбекистон ҷойҳои конҳои масолеҳи сохтмониро муайян кунед.
4. Дар дафтаратон тарҳи робитаи саноати масолеҳи сохтмониро бо дигар соҳаҳои саноат кашед.

## Дарси 23-ум

# САНОАТ ВА МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГӢ

Саноат соҳаи хоҷагиест, ки ба табиат таъсири калон мерасонад, муҳити атрофро олуда месозад. Зеро саноат ҷараёнҳои қабули ашёи хом ва азнавкоркрди онро то маҳсулоти тайёр дар бар мегирад, ба ин ҷараён партовҳои саноатӣ ба муҳити атроф низ дохил мешавад. Таъсири соҳаҳои саноат ба муҳити атроф бино ба самтҳои худ фарқ мекунад:

– соҳаҳое, ки атмосфераро олуда месозанд: энергетикаи гармӣ, металлургия, азнавкоркарди нафт, истеҳсоли семент;

– соҳаҳое, ки обро олуда месозанд: саноати кимиё, нафту кимиё, азнавкоркарди чӯб, ангишт, гӯшту шир;

– соҳаҳое, ки ба олудагӣ ва вайроншавии захираҳои замин таъсир мерасонанд: саноати кӯҳу кон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ. Кулли чорабиниҳое, ки ҳоло ба ҳифзи муҳиту атроф нигаронида шудаанд, экологизатсия номида мешаванд.

***Баҳисобгирии омилҳои экологӣ бобати ҷойгирсозии корхонаҳои саноатӣ.*** Одатан, бо назардошти омилҳои ашёи хом, сӯзишворӣ, нақлиёт, энергетика, об ва захираҳои меҳнат корхонаҳои саноатӣ ҷойгир карда мешаванд.

Даҳсолаҳои охир ба қатори онҳо омили муҳимтарин – омили экологӣ низ дохил шуд. Ин омил чунин талабҳо дорад: зарари ба атмосфера ва муҳити атроф доштаи корхонае, ки бунёд хоҳад шуд, пешгӯӣ карда мешавад; дар давоми фаъолияти корхонаи саноатӣ миқдори партовҳои баровардашуда, масъалаи утилизатсияи ин партовҳо ва дар ҷараёни утилизатсия миқдори зарари расондашуда ба атмосфера, об ва захираҳои замин муайян мегардад. Омили экологӣ барои дар ҳудуди муайяне ҷойгир кардан ё накардани ягон корхонаи саноатӣ асоси боэътимод хоҳад шуд. Зеро аз нуқтаи назари иқтисодӣ ҳарчанд корхонаи саноатӣ ба рушди ҳудуде саҳм мегузорад, аммо аз нигоҳи экологӣ шояд оқибатҳои номатлуб дорад. Пеш аз ҷойгирсозии ҳар як корхонаи саноатӣ дар ин ё он ҷо бояд экспертизаи экологӣ гузаронда шавад.




*Расми 51.* Саноат ва экология.

Бино ба натиҷаҳои экспертизаи экологӣ, агар даромади корхонаи саноатие, ки сохтмонаш пешбинӣ

http://eduportal.uz



*Расми 52.* Таъсири корхонаҳои саноатӣ ба экология

шудааст, ба барқарор кардани табиати осебдида ва бартараф намудани мушкилиҳои дар давоми фаъолияти корхона эҷодшуда расад, барилова, ба корхона фоида орад, ба фаъолият бурдани он рухсат дода мешавад.

*Таъсири металлургия ба муҳиту атроф.* Маҷмӯъи металлургия, бо вуҷуди он ки яке аз соҳаҳои рушдкардаи мамлакат аст, ба муҳити атроф таъсири номатлуб низ дорад. Металлургия ба ҳамаи қисмҳои таркибии маҷмӯъҳои табиӣ таъсир мерасонад. Саноати металлургияи кӯҳӣ қабати хокро хароб карда, сабаби «гум шудан» - и ландшафтҳо мегардад. Ба туфайли саноати мазкур карерҳои бузӯрг ва ғорҳои зеризаминӣ пайдо мешаванд. Онҳо хатари фурӯравӣ ва зилзилаи антропогениро эҷод мекунанд. Бисёр ҷойҳоро партовҳои металлургӣ фаро гирифтаанд.

Оби дар фабрикаҳои тозакунӣ истифодашударо ба обҳои равон афкандан, сабаби корношоямии об мегардад. Металлургия миқдори зиёди моддаҳои зарарнокро ба атмосфера мебарорад. Аз ҷумла, чанги ба металл табдилёфтаи таркиби пасмондаҳои газ (кибрит ва ҳ.) ва дигар элементҳо хавфноканд.

Ин ҳама сабаби афзудани оҳан, қӯрғошим, мис ва симоб дар муҳити атроф мегардад. Онҳо дар хок, ҷисми растанию ҳайвонҳо даромехта, ба организми инсон мегузаранд ва онро захролуд месозад.



***Металлҳои вазнин*** иммунитети организми инсонро паст месозанд, сабаби афзудани бемориҳо мегарданд, барои аҳолию табиат хатари калон эҷод мекунанд.

Барои пешгирии таъсири номатлуби саноати металлургӣ ба муҳити атроф бояд партовҳоро пурра аз нав коркард кард, онҳоро ба маҳсулоти судбахш (масалан, ба масолеҳи сохтмонии шлакдор) табдил дод, партовҳои ба атмосфера ва ҳавзаҳои об бароядаро тоза кард.



1. Ба олудашавии атмосфера кадом соҳаи саноат таъсири бештар дорад?
2. Кадом корхонаи мутааллиқ ба маҷмӯъи металлургӣ мушкили экологиро тезутундтар мегардонад? Барои табиатро олуда накардани ин корхона чӣ пешниҳод доред?



http://eduportal.uz

## Дарси 24-ум

# МАҶМӮИ АГРОСАНОАТӢ

Маҷмӯи агросаноатӣ дар Ӯзбекистон аз маҷмӯъҳои нахустин ва асосии байнисоҳавист. Он дар пойгоҳи хоҷагии деҳот ташаккул ёфтааст.

***Маҷмӯи агросаноатӣ (МАС)*** – дар ҷараёни парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот, ҳамоҳангии ҳамаи соҳаҳо, аз рӯёндан то ба истеъмолгар расондани он аст.

Даставвал МАС-ро хоҷагии деҳот ва саноати сабуку хӯрокворие, ки маҳсулоти парваришнамудаи онро аз нав истеҳсол менамоянд, ташкил додаанд. Дертар корхонаҳое, ки барои хоҷагии деҳот механизм истеҳсол менамоянд, онҳоро таъмир мекунанд, ҳамчунин, корхонаҳои поруи минералӣ ва моддаҳои бар зидди зараркунандагони маҳсулоти хоҷагии деҳот истеҳсолкунандаи соҳаҳои саноати кимиё низ шомили МАС мешаванд. Ҳарчанд ин соҳаҳо мутааллиқ ба соҳаи саноати вазнинанд, аммо ба сабаби он ки омили муайянкунандаи миқёс ва самаранокии истеҳсолотанд, дар МАС гурӯҳи якум, хоҷагии деҳот гурӯҳи дуюм, соҳаҳои азнавкоркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот гурӯҳи сеюмро ташкил медиҳанд (расми 53).

Қисми зиёди аҳолии бо иқтисодиёт сарукордошта дар соҳаҳои МАС меҳнат мекунанд. Қисми асосии савдои чаканаро маҳсулоти хоҷагии деҳот ё савдои амволи аз коркарди ин маҳсулот тайёршуда ташкил медиҳад.

Пас, некӯаҳволии халқ, файзи дасторхони мо, аз ҳама муҳимаш, бо шуғл фаро гирифтани аҳолӣ, ба ҳолати МАС вобаста аст.




*Расми 53.* Таркиби маҷмӯи агросаноатӣ.

Афсӯс, ки дар давраи то истиқлолият яккаҳокимии пахта дар Ӯзбекистон имкони ҳамоҳанг ривоҷ ёфтани соҳаҳои хоҷагии деҳотро надод. Дар натиҷа маҳсулоти саноатӣ низ мисли баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ аз хориҷ оварда шуд. Ҳоло ба ин носозгорӣ бо ду роҳ хотима мебахшанд.

Якум, дар хоҷагии деҳот таркиби майдонҳои кишт куллан дигар карда шуд. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати дурандешона оиди оптималикунонии майдонҳои кишт ва минтақакунонии зироати хоҷагии деҳот, дар баробари нигоҳ доштани ҳаҷми барқарори маҳсулоти муҳимтарини содиротӣ – пахта, имкони зиёд кардани парвариши дигар маҳсулоти хоҷагии деҳот пайдо шуд. Аз ҳама муҳимаш, барои бо озуқаворӣ таъмин кардани халқамон, замина фароҳам оварда шуд.

***Соли 2017*** парвариши ғалла назар ба соли 2000 ду баробар, картошка 4 баробар, сабзавот 4,3 баробар, ангур 2,7 баробар, расондани гӯшту шир 3 баробар, тухм 4,8 баробар афзуд..

Дуюм, шакли мулк нисбат ба замин тағйир ёфт. Пайдост, ки дар давраи то истиқлолият деҳқон аз замин маҳрум буд. Ин аст, ки рағбат ба меҳнат суст гардида, соҳибкорӣ завол ёфт. Ҳоло шаклҳои гуногуни мулкдорӣ, мисли хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии фермерӣ ба вуҷуд омад ва қисми аосии маҳсулоте, ки дар хоҷагии деҳот истеҳсол мегардад, бар дӯши онҳост (расми 54).

Хоҷагиҳои фермерии бисёрсоҳа, дар баробари парвариши маҳсулоти хоҷагии деҳот, дар азнавкоркарди онҳо фаъолияти пурсамар доранд.




*Расми 54.* Таркиб ва саҳми истеҳсолгарони маҳсулоти хоҷагии деҳот.

Зеро хоҷагии деҳотро бе саноат наметавон ривоҷ дод. Хоҷагии деҳот аз саноат (воситаҳои истеҳсолот, истеҳсоли поруҳои маъданӣ) оғоз ёфта, бо саноат (азнавкоркарди ашёи хоми расондадода) анҷом меёбад. Робитаи байни ин ду соҳа интегратсияи агросаноатӣ номида шуда, торафт амиқтар мегардад.

1. Кадом омилҳо интегратсияи хоҷагии деҳотро бо саноат тақозо менамоянд?
2. Соҳаҳои асосии таркиби МАС-ро номбар кунед, чаро онҳо асосианд?
3. Корхонаҳои ба МАС дахлдори ноҳиятонро дар дафтаратон қайд намоед.

## Дарси 25-ум

## ХОҶАГИИ ДЕҲОТ

Аз мавзӯи пешина маълум, ки хоҷагии деҳот гурӯҳи дуюми МАС - ро ташкил медиҳад. Дар ду соҳаи муҳими хоҷагии деҳот – деҳқонию чорводорӣ хӯрокворӣ ва ашёи хом барои саноат, ки ба онҳо инсонҳо ҳамеша ниёз доранд, истеҳсол карда мешавад.

Агар ашёи хом дар саноат предмети меҳнат ва мошинҳое, ки бо коркарди онҳо машғуланд воситаи меҳнат маҳсуб ёбанд, дар хоҷагии деҳот ҳам предмети меҳнат ва ҳам воситаи меҳнат замин мебошад. Дар хоҷагии деҳот ҳосилнокӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати замин вобаста аст. Бинобарин, чорабиниҳои мелиоратсия гузаронида мешаванд.

***Мелиоратсия*** – маҷмӯъи чорабиниҳоро доир ба ҳамворкунӣ, об додан, шӯршӯӣ, ниҳол шинондан, баланд бардоштани ҳосилнокии замин (барои беҳсозии ҳолати он) дар бар мегирад.

Растанию ҳайвонҳо дар доираи қонунҳои табиат рӯйидаву афзоиш меёбанд. Аз ин рӯ, дар хоҷагии деҳот бисёр корҳо мавсимиянд.

Дар мамлакатамон хоҷагии деҳот бо техника хуб таъмин карда шудааст. Корҳои меҳнатталабро дар деҳқонию чорводорӣ мошинҳо анҷом медиҳанд. Бисёр ҷараёнҳои кор электриконида шудаанд, аз пору ва моддаҳои кимиёвӣ бар зидди зараркунандагони растаниҳо, ҳамчунин, аз воситаҳои мубориза зидди бемориҳои чорво васеъ истифода бурда мешавад. Барилова, навъҳои серҳосил ва ба кашондан тобовари картошкаю сабзавотҳо кошта мешаванд. Дар боғдорӣ навъҳои меваи созгор ба коркард ва чиндан офарида шуданд. Ин аст, ки дар технологияи парвариш ва омода кардани маҳсулоти хоҷагии деҳот гардиши куллӣ рӯй дод, ҳосилнокии меҳнат зиёд шуд. Ин ҳодисаро ***«Инқилоби сабз»*** номиданд.

http://eduportal.uz

*«Инқилоби сабз»* – дар асоси дастовардҳои илму техника куллан тағйир додани хоҷагии деҳот.

Агар маҳсулоти умумии хоҷагии деҳот аз ҳисоби васеъ кардани майдонҳои кишт ва афзун гардондани саршумори чорво зиёд шавад, инро хоҷагии деҳоти экстенсивӣ меноманд. Баръакс, дар воҳиди майдон маҳсулоти умумии хоҷагии деҳот ба ивази самаранок истифода бурдан аз воситаҳои агротехникӣ афзоиш ёбад ва дар чорводорӣ аз ҳисоби беҳ кардани зоти чорво маҳсулнокии он зиёд шавад, онро хоҷагии қишлоқи интенсивӣ меноманд.

Дар натиҷаи аз худ кардани заминҳои бекорхобида ва корҳои рекултиватсионӣ дар хоҷагии деҳот майдонҳои истифодабаранда зиёд мешаванд. Дар айни ҳол бо ривоҷёбии саноату нақлиёт ва зиёд гардидани хонаву ҷой заминҳои мавриди истифода кам мешаванд. Риоя накардан ба қоидаҳои истифода аз азал сабаби шӯрзеркунӣ ва биёбоншавии замин гардидааст (расми 55). Бинобарин, заминҳои мавриди истифодаи хоҷагии деҳот каму зиёд шуданашон мумкин. Танҳо заминҳои ба мақсадҳои хоҷагии қишлоқ истифодабаранда заминҳои хоҷагии қишлоқ номида мешаванд. Вазифаи асосӣ дар хоҷагии деҳот – интенсивикунонии истеҳсолот, яъне афзун гардондани ҳосилнокии замин ва маҳсулдории чорво мебошад. Бо назардошти кам шудани захираҳои обу замин, роҳи ягонаву дурусти ривоҷ додани хоҷагии деҳоти мамлакат – рушди интенсивии хоҷагии деҳот, куллан беҳ гардондани ҳолати мелиоративии замин, амиқсозии корҳои селексионӣ, ҷорӣ кардани агротехнологияҳои пешқадам ва истифодаи оқилона аз об мебошад.

Дар мамлакатамон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии деҳот зиёд мешавад. Дар баробари рушди босуръату пайгирона, дар ҳаҷми маҳсулоти умумии




*Расми 55.* Суръати истифодабарӣ аз замин.

дохилӣ тамоюлҳои коҳишёбии ҳиссаи маҳсулоти хоҷагии деҳот мушоҳида мегардад. Ин далели тағйиротҳои мусбати сохтори таркиби иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумҳурии аграрӣ ба давлати саноаташ рушдёфтаи индустриалӣ табдил ёфта истодани он мебошад.

1. Роҳҳои асосии рушди хоҷагии деҳотро баён кунед.
2. Сарватҳои заминии Ўзбекистон дар байни деҳқонию чорводорӣ чӣ хел тақсим мешавад?
3. Дар ноҳияи шумо чӣ гуна чорабиниҳои мелиоративӣ ба амал татбиқ мегарданд?

## Дарси 26-ум

## ДЕҲҚОНӢ

Беш аз ними маҳсулоти умумии хоҷагии деҳот аз деҳқонӣ, боқимондааш аз чорводорӣ гирифта мешавад.

Деҳқонӣ корҳои саҳро, боғдорӣ ва ангурпаварӣро дар бар мегирад. Кишт, аз рўйи намудҳо, ба хоҷагиҳои кишти зироати донӣ, кишти техникӣ, ему хошок, сабзавот, картошка ва полезӣ ҷудо мешавад.

Ба ҳосили кишт даври вегетатсияи растаниҳо, равшанӣ, гармӣ ва миқдори умумии намнокӣ таъсир мерасонад. Даври вегетатсия – рўзҳои аз + 5 дараҷа кам набудани ҳарорати умумӣ дар як шабонарўз аст. Дар Ўзбекистон деҳқонии обёришаванда ривоҷ ёфтааст. Ҳарчанд майдонҳои обёрикунанда 9,2 фоизи сарвати заминии мамлакатро ташкил медиҳанд, дар хоҷагии деҳот 98,5 фоизи маҳсулоти умумӣ дар ҳамин заминҳо парвариш карда мешавад.

Баробари рушди пахтакорӣ, робитаҳои он бо соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт вусъат ёфта, маҷмўъи пахтакорӣ ба вуҷуд омад. Киштгардони пахта агар бо беда, ҷуворимакка ва шолӣ сурат гирад, таркиби соҳа беҳ, шўраш кам мегардад, пахта ба касалиҳо тобовар мешавад. Ба туфайли кишти бедаю ҷуворимакка ба чорво озуқа муҳайё мегардад. Дар айни ҳол ба рушди кишти зироатҳои донӣ низ эътибор дода мешавад. Агар то даври истиқлолият қариб дар 20 фоизи майдони умумӣ зироатҳои донӣ кошта бошанд, ҳоло майдони зироатҳои донӣ беш аз 50 фоизро ташкил медиҳанд. Қисми асосии дон аз гандум, ҷав, шолӣ, ҷуворимакка

http://eduportal.uz




*Расми 56.* Таркиби майдонҳои кишти хоҷагии деҳот.

ва ҷуворимаккаи сафед иборат аст. Гандуму ҷав бештар дар заминҳои баҳорикор (лалмӣ) кошта мешаванд. Мулоиму намнок омадани зимистон ва боронҳои баҳорӣ ба гандуми тирамоҳӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Гандуми тирамоҳӣ нисбат ба гандуми лалмӣ серҳосил аст (расми 58).

Дар парвариши зироатҳои донӣ шоликорӣ низ ҷойгоҳи худро дорад. Даври вегетатсияи шолӣ дароз буда, дар заминҳои офтобию сероб хуб мерӯяд. Он аз ҷиҳати ҳосилнокӣ баъди ҷуворимакка меистад.

Шолӣ дар Хоразм, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Тошканд, водиҳои Зарафшону Фарғона бисёр кошта мешавад. Ба кор андохтани заминҳои серҳосили бекорхобидаи поёноби дарёи Ому, барои обёрии онҳо истифода аз захираҳои об имкони ҳар чӣ бештар рӯёндани шолиро медиҳад. Ҳоло имкони ба хориҷи кишвар содир кардани биринҷ пайдо шудааст. Дар Ӯзбекистон таран (ашёи хом




*Расми 57.* Робитаи пахтакорӣ бо дигар соҳаҳо.



http://eduportal.uz

барои ош додани пўст), зағир, кунҷит, махсар, тамоку низ парвариш меёбанд. Сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ ва полезкорӣ қариб  дар ҳамаи вилоятҳо ривоҷ ёфтааст. Он дар атрофи шаҳрҳои бузурге, мисли Тошканд, Самарқанд, Андиҷон майдонҳои калонро фаро гирифтааст. Харбузаҳои ширину хушбўйи Ўзбекистон аз қадим машҳур аст. Онҳо дар вилоятҳои Хоразм, Бухоро,Ҷиззах ва Сирдарё, ҳамчунин Қароқалпоқистон бештар парвариш карда мешаванд. Боғдорию ангурпарварӣ дар шароити табиӣ, тибқи таҷрибаи дар тўли асрҳо ҳосилшудаи халқ, дар ҳар вилоят ба сифати соҳа ихтисосонида шудааст. Анорҳои Қуваю (вилояти Фарғона) Дашнобод (вилояти Сурхондарё), ангури Андиҷон, мавизи Самарқанд аз қадим машҳур аст. Дар Олтиариқ ангуру бодирингпарварӣ, дар талу теппаҳои вилояти Фарғона (Ўқчӣ, Риштон, Чимён, Миндон)  зардолую шафтолупарварӣ, дар Оққўрғон (Бувайда) анҷирпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Дар вилоятҳои Хоразму Бухоро ва Қароқалпоқистон  майдонҳои боғу токзор камтаранд.



*Расми 58.* Дарави гандум.

Зироати сабзавоту полезӣ ва меваю ангур, нисбат ба кишварҳои дар шимоли мамлакат ҷойгирифта, 60–70 рўз пештар мепазад. Пас, Ўзбекистон дар ин соҳа низ дорои имкониятҳои содиротист. Дар Ўзбекистон бисёр хоҷагиҳои ба боғдорию ангурпарварӣ ихтисосонидашуда мавҷуданд. Аксарияти онҳо  маҳсулоти расондаи худро дар ҷояш аз нав кор карда, шарбату консерва омода месозанд. Дар асоси хоҷагиҳое, ки чунин корхонаҳои саноатӣ доранд, иттиҳодияҳои агросаноатӣ ба вуҷуд меоянд.

1. Аз харита ҷойҳоеро, ки шолӣ, канаб, зироати равғанӣ, тамоку мекоранд, ёбед.
2. Аз ноҳия ё вилояте, ки шумо зиндагӣ мекунед, чӣ гуна меваҳо ба дигар вилоятҳо фиристонда мешаванд?
3. Дар ноҳияи шумо кадом соҳаҳо бо пахтакорӣ иртибот доранд?

http://eduportal.uz

## Дарси 27-ум

## ЧОРВОДОРӢ

***Соҳаи чорводории*** хоҷагии деҳот: ба чорвои калони шохдор, гӯсфандпарварӣ, кирмакпарварӣ, аспparварӣ ва паррандапарварӣ ҷудо мешавад. Ба он занбӯрпарварӣ, хукпарварӣ ва моҳипарварӣ низ шомил аст.

Аз 2/3 қисми заминҳои хоҷагии деҳот дар чорводорӣ истифода мешаванд. Марғзору буттазорони дашту биёбонҳои мамлакатамон барои шутуру гӯсфанди қарокӯлипарварӣ мусоиданд. Дар минтақаҳои кӯҳиву наздикӯҳӣ чарогоҳҳои сералаф кам нестанд. Дар ин минтақаҳо гӯсфанд, бузи маҳинпашм, барои ширу гӯшт чорвои калони шохдор парвариш меёбанд, аспparварӣ низ ривоҷ ёфтааст.

Чорводорию пахтакорӣ вобастагиҳои зиёд доранд. Инро дар мисоли ему хошоке, ки дар ҳоҷагиҳои фермерӣ аз пахта (кунҷора, шелуха) мегиранд, метавон равшан дид. Киштгардони пахтаю беда ва ҷуворимакка чорводории гӯшту ширро бо озуқа таъмин менамояд. Дар мамлакатамон шумораи умумии бузу гӯсфандон беш аз 16 млн. сарро ташкил медиҳад, қисми асосии онҳо гӯсфандони қарокӯлиянд (расми 59). Гӯсфандони қарокӯлӣ (ба ҷуз вилоятҳои Тошканд, Андиҷон, Фарғона, Намангон) дар ҳамаи вилоятҳо парвариш карда мешаванд. Аз онҳо асосан пӯст, пашм ва гӯшт мегиранд. Бузҳо қариб дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ барои пашми маҳин парвариш меёбанд (расми 60).

Чорвои калони шохдор низ дар ҳамаи вилоятҳо, ба мақсади аз онҳо гирифтани маҳсулоти гӯшту шир, парвариш карда мешавад. Дар мамлакатамон ҷамъ беш аз 9,6 млн чорвои калони шохдор мавҷуд аст.

Аспҳо дар вилоятҳои Самарқанд, Қашқадарё, Хоразм ва Қароқалпоқистон парвариш меёбанд. Шумораи онҳо аз 150 ҳазор сар зиёд аст. Пеш дар иҷрои бисёр амалҳои пахтакорӣ (боркашонӣ, коркарди ниҳолҳои пахта ва ҳ.) аз аспҳо истифода бурдаанд. Зеро аспparварию пахтакорӣ бо ҳам алоқаманд будаанд. Аз он ки ҳоло ин корҳоро техникаҳо иҷро мекунанд, имрӯз аспҳо ба мақсади иштирок дар варзишҳои гуногун, истифода дар хоҷагиҳои шахсӣ ва гӯшту қимизгирӣ парвариш карда мешаванд. Дар биёбонҳо шутур бонӣ мекунанд. Шутурҳо ҳайвони боркашанд, ҳамчунин, аз онҳо пашму гӯшт гирифта мешавад.



*Расми 59.* Гӯсфандони қарокӯлӣ.

Кирмакпарварӣ низ яке аз соҳаҳои қадимтарини хоҷагии деҳоти мамлакатамон




*Расми 60.* Минтақаҳои чорвопарварии васеъпаҳншудаи Ӯзбекистон.

буда, бо пахтакорӣ иртибот дорад. Озуқаи кирми пилла – дарахти тутро дар гирди пайколҳои пахта, лаби ҷӯю канал ва роҳҳо мерӯёнанд. Дарахтони тут пайколҳои пахтаро аз бодҳои тунд, соҳилҳои ҷӯю каналҳоро аз шусташавӣ ҳимоя мекунанд. Пайдост, ки кирми пилла, асосан, дар моҳҳои апрелу май парвариш карда мешавад. Дар ин вақт амалҳои пахтакорӣ кам шуда, қувваи корӣ ба кирмакпарварӣ равона карда мешавад. Паррандапарварӣ дар фермаҳои паррандапарварие, ки стансияҳои инкубаториашон ба расондани гӯшту тухм ихтисосонида шудаанд, ташкил дода шудааст.

Дар вилоятҳои Тошканд, Бухоро, Хоразм ва обанбору кӯлҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон моҳӣ парвариш меёбад, ҳамчунин, фермаҳои паррандаи обӣ ташкил дода мешаванд. Дар ҳавзҳои об, соҳили дарёҳо ҳайвонҳои хурди мӯйинаашон гаронбаҳо – мамнӯъгоҳҳои нутрияю ондатра ташкил дода шудаанд.

1. Кадом соҳаҳои чорводориро медонед?
2. Дар кадом минтақаҳои Ӯзбекистон, асосан, чорвои калони шохдор парвариш карда мешавад?
3. Пиллакорӣ ва паррандапарварӣ дар куҷоҳо ривоҷ меёбанд?
4. Дар ноҳия ва вилояти шумо кадом соҳаи чорвопарварӣ хуб ба роҳ монда шудааст? Сабаби ин дар чист?

http://eduportal.uz

# ТИПҲОИ ГЕОГРАФИИ ХОҶАГИИ ДЕҲОТ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Соҳаҳои хоҷагиҳои қишлоқ дар ҳама минтақаҳои мамлакат яксон нест, зеро дар ҷойҳои гуногун эҳтиёҷи аҳолию саноат ва шароити табиӣ як хел нест. Биноан, хоҷагии деҳот низ мисли соҳаҳои саноат ба соҳаҳои муайян ихтисосонида мешавад. Одатан, соҳаи ихтисосонидашудаи хоҷагии деҳот дар робита бо дигар соҳаҳо ривоҷ меёбад. Ин аст, ки имкони истифодаи оқилона аз шароити табиӣ ва малакаи меҳнатии аҳолӣ пайдо мешавад.

Хоҷагии қишлоқи Ўзбекистон то истиқлолият, бо назардошти таъмини корхонаҳои бофандагии Русия бо пахта, асосан, ба пахтакорӣ ихтисосонида шуда буд. Дигар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии деҳот соҳаҳои ёрирасоне буданд, ки ба рушди пахтакорӣ хидмат мекарданд. Ҳоло дар кишварамон ба яккаҳокимии пахта хотима дода шуд. Ба ҷойи он ба рушди устувори соҳаҳои гуногуни деҳқонӣ, мисли ғалла, картошка, меваю сабзавот эътибор дода мешавад (расми 61).




*Расми 61.* Соҳаҳои деҳқонии Ўзбекистон.

***Бино ба минтақаҳо ихтисосонидани хоҷагии деҳот.*** Минтақаҳои табиии Ӯзбекистон аз минтақаҳои табиати бисёр мамлакатҳо фарқ мекунад ва на аз шимол ба ҷануб, балки аз ғарб ба шарқ, яъне аз ҳамворӣ ба самти кӯҳҳо тағйир меёбад. Аз географияи синфи 7-ум ба ёд оред, ки чаро минтақаҳои табиат аз ғарб ба самти шарқ тағйир ёфтабанд. Мутобиқ ба ин, ихтисосонидашавии хоҷагии деҳот низ дар минтақаҳои дашт, адир, кӯҳ, чарогоҳ аз якдигар фарқ мекунанд. Пахта танҳо дар заминҳои обикор парвариш меёбад. Мисли ҳамин, қисми зиёди зироатҳои донию полезӣ низ дар майдонҳои обёришаванда парвариш карда мешаванд.



*Расми 62.* Заминҳои обёришаванда.

Калонтарин заминҳои обёришаванда воқеъ дар водии Фарғона, Мирзочӯл, вилояти Қашқадарё, водии Зарафшон ва Хоразманд (расми 62).

Дар водию воҳаҳо бо пиллакорӣ, ангурпарварӣ, боғдорӣ ва полезкорӣ машғул мешаванд.

Дар биёбонҳо гӯсфанд ва шутурпарварӣ ривоҷ ёфтааст. Онҳо зимистону баҳор дар даштҳо, тобистон дар кӯҳҳо мечаранд, тирамоҳ боз ба дашт оварда мешаванд.

Истеҳсоли саноатӣ дар ҷойҳои сарҷамъ, гирду атрофи шаҳрҳо ва хоҷагии деҳоти атрофи шаҳр таркиб меёбад. Дар чунин хоҷагиҳо, барои таъмин кардани аҳолии шаҳр бо маҳсулоти тару тоза сабзавоту мева рӯёнда мешаванд, чорвои калони шохдор, парранда ва моҳӣ парвариш карда мешавад.

1. Сабаби дар як минтақа ба роҳ мондани кори хоҷагии бисёрсоҳаро шарҳ диҳед.
2. Бо истифода аз атлас гуфта диҳед, ки хоҷагии деҳоти дар вилоятатон ихтисосонидашуда бо дигар соҳаҳо чӣ алоқа дорад?
3. Аз рӯйи расми 61-ум минтақаҳоеро, ки маҳсулоти деҳқонӣ мерӯёнанд, таҳлил намоед ва хулоса бароред.

## Дарси 29-ум

# САНОАТИ САБУК

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи саноати сабукро дар маҳсулоти умумии саноатӣ муайян намоед.*

Мо аз дарси 24 - ум донистем, ки саноати сабуку хурокворӣ ба гурӯҳи сеюми МАС-и Ӯзбекистон шомил аст. Он дар асоси пахтакорию пиллакорӣ таркиб ёфтааст. Пахтатозакунӣ, бофандагӣ, трикотаж, пойафзор, чармгарӣ ва абрешимбарорӣ аз соҳаҳои муҳими саноати сабук ба ҳисоб меравbooking (Расми 63).

***Саноати пахтатозакунӣ аз ҷараёнҳои*** ба якдигар вобастаи корхонаи пахтатозакунӣ, сехҳои пахтахушккунӣ ва хоҷагии наклиётӣ таркиб меёбад. Аз он ки он нахустин соҳаи коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аст, корхонаҳои он дар ноҳияҳои пахтакор ҷойгир карда мешаванд. Ҳамчунин, фосилаи роҳҳои оҳану автомобилгард ба назар гирифта мешаванд.

Заводҳои пахтатозакунӣ бештар бо маҷмӯъҳои мошинсозӣ, сӯзишворию энергетикӣ ва корхонаҳое, мисли бофандагӣ, равған, либосворӣ дар робитаи истеҳсолианд.

Заводи аввалини пахтатозакунӣ соли 1874 дар Тошканд сохта шудааст. Заводи он давр дар як мавсим тавони то 3 тонна пахта тоза карданро доштааст. Дастгоҳҳоро бошад, об ба ҳаракат даровардааст. Аз ин рӯ, корхонаҳои аввалини пахтатозакунӣ дар шаҳрҳо низ фаъолият доштаанд. Заводҳои замонавии пахтатозакунӣ дар давоми сол то 100 тонна пахтаро тоза карда истодаанд.

Ҳоло ба ҷойи корхонаҳои хурду нимҳунармандии (210-то) ибтидои асри XX беш аз 120 корхонаҳои муқтадири механизатсиякунонидашуда кор мекунанд (расми 64). Баъди истиқлолият бо ҳамкории фирмаҳои Кореяи Ҷанубӣ, Туркия ва дигар кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Хоразм, Қашқадарё ва Фарғона корхонаҳое бунёд гардиданд, ки ҷараёни азнавкоркарди пахтаро то истеҳсоли маҳсулоти тайёри бофандагӣ дар бар мегиранд.




*Расми 63.* Соҳаҳои саноати сабук.

Дар Ӯзбекистон бо оғоз ёфтани парвариши зироати лиф(растании дарахтшакл), дар солҳои 30-уми асри XX заводҳои канаб арзи ҳастӣ карданд. Дар даҳсолаҳои охир соҳаё,




*Расми 64.* Нуқтаҳои саноати сабуки Ӯзбекистон.

ки фаъолияташро қатъкарда буд, аз нав ба кор даромад. Канаб барои истеҳсоли халтаю қанор, ресмон, брезент ва ҳ. ба кор меояд.

***Барои бофтани матои*** абрешимӣ аввал пилла кашида шуда, баъд абрешими хом тайёр карда мешавад. Беҳтар аст, ки пилла дар ҷойи расондааш кашида шавад. Кашондани он ба ҷойи дур қимат меафтад (дар вагони гунҷоишаш 50 тонна метавон ҳамагӣ 4 тонна пилларо ҷо кард). Дар фабрикаи пиллакашӣ, асосан, занон меҳнат мекунанд. Дар ҳар фабрика метавонанд то ҳазор одам меҳнат кунанд. Биноан, фабрикаҳои пиллакашӣ дар шаҳрҳои хурду миёнаи минтақаҳои кирмакпарварӣ ҷойгир карда мешаванд.

***Истеҳсоли чарму пойафзор*** низ соҳаи саноати сабук аст. Дар шаҳрҳои Тошканду Самарқанд чарм истеҳсол карда мешавад. Фабрикаҳои пойафзор дар шаҳрҳои Тошканд, Фарғона, Чирчиқ, Янгийӯл ва дигар шаҳрҳо ҷойгир шудаанд.

Марказҳои ноҳия ва шаҳрҳое, мисли Ғиждувон, Бухоро, Риштон, Ургут, Шаҳрисабз марказҳои кулолгарӣ ва ҳунармандии бадеӣ,

http://eduportal.uz



*Расми 65.* Корхонаи бофандагӣ.

Хева бошад, маркази гилембофӣ ба шумор меравад. Бофандагӣ дар таркиби саноати сабук соҳаи муҳимтарин маҳсуб меёбад. Дар Ӯзбекистон бофтани матоъҳои риштагиву абрешимӣ аз қадим расм буд. Газворҳое мисли атлас, бахмал, беқасам, алоча тавассути Роҳи бузурги абрешим ба кишварҳои Аврупо ва Шарқи Наздик бароварда шудаанд. Дар ибтидои асри XX 30 ҳазор нафар ҳунарманд бо бофтани матоъ машғул будаанд. Ба ҷуз фаровонии ашёи хом, бо назардошти малакаи таърихии таркибёфтаи аҳолӣ ва нақлиёт дар шаҳрҳои Тошканд, Фарғона, Андиҷон ва Бухоро корхонаҳои бофандагӣ бунёд гардиданд. Дар мамлакат соле беш аз 453 млн. метри мураббаъ газвори риштагин истеҳсол карда мешуд. Аммо агар ба сари аҳолӣ ҳисоб карда шавад, ин нишондиҳанда 18 метрро ташкил медиҳад. Яъне, аз ними меъёри ба як кас пешбинишуда ҳам кам аст. Ин нисбат ба ашёи хоми фаровон ва имкониятҳои инсон хеле кам буд.

Баъди ба истиқлолият расидан, ба мақсади васеъ ба роҳ мондани истеҳсоли газвори рақобатпазир дар бозори ҷаҳон бо ИМА, Италия, Покистон, Ҷумҳурии Корея ва дигар мамлакатҳо корхонаҳои муштарак ташкил дода мешаванд (расми 65). Аз ҷумла, бо ҳамкории ИМА дар шаҳри Тошканд корхонаи муштараки риштаресии «Supertekstil», дар Бухорою Самарқанд корхонаҳои муштараки “Afg’on – Buxoro – Samarqand” ба кор сар карданд. Корхонаҳои саноати бофандагӣ бо таҷҳизоти самарабахши дар хориҷ истеҳсолгардида ҷиҳозонида мешаванд. Сифати газворҳои нахашон сунъӣ беҳ гардид.

***Дар корхонаҳои*** бофандагӣ газвори риштагин, пашмин, шоҳӣ ва газворҳои нахашон аз зағир бофта мешаванд.

Ҷараёни газворбофӣ дар фабрикаҳои алоҳидаи ресандагӣ, бофандагӣ ва пардоздиҳанда зина ба зина ба амал татбиқ мегардад (расми 66). Хароҷоти нақлиёт, бор боркунию борфурорӣ ба арзиши аслии маҳсулоти тайёр илова мегардад. Пас, дар як корхона (комбинат) фароҳам овардани саноати бофандагӣ судбахштар аст. Як қисми ашёи хоми абрешими дар

Ӯзбекистон коркардшуда ба кишварҳои хориҷӣ содирот карда мешавад.

Бад-ин тариқ, корхонаҳои саноати бофандагӣ бо назардошти истеъмолгарон, ашёи хом ва қувваи корӣ ҷойгир карда мешаванд.




*Расми 66.* Робитаҳои саноати бофандагӣ дар доираи соҳа.

1. Аз атласи географияи синфи 8 - ум шаҳрҳоеро, ки корхонаҳои саноати сабук ҷойгир шудаанд, муайян намоед.
2. Пиллаи дар ноҳиятон танида дар куҷо аз нав коркард мешавад?
3. Кам шудани шумораи заводҳои пахтаро чӣ хел шарҳ медиҳед?
4. Дар Ӯзбекистон дурнамои рушди саноати болфандагӣ ба чӣ вобаста аст?
5. Дар харитаи бематн марказҳои бофандагии бузургтаринро муайян намоед.

## Дарси 30-ум

## САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

*Аз дарси 11-ум ҳиссаи саноати хӯроквориро дар маҳсулоти умумии саноат муайян намоед.*

Ин саноат дар асоси азнавкоркарди махсулоти деҳқонию чорводорӣ ташаккул ёфтааст. Мавқеи географии корхонаҳои онро хусусияти ашёи хоми азнавкоркардшуда муайян менамоянд. Агар ашёи хом зуд вайроншаванда, ҳангоми азнавкоркард партоваш зиёд бошад (сабзавот, гӯшт, истеҳсоли консерва, шакар, омодакунии меваю сабзавот), корхона дар ҷойи парваришёфтаи ашёи хом ҷойгир карда мешавад. Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳоло ба соҳаи истеҳсолоти баландтехнологӣ табдил ёфтаанд. Саноате, ки дар гузашта танҳо ба ашёи хом, хоҷагии деҳот вобаста буд, ҳоло бо соҳаҳои мошинсозӣ, энергетика ва ашёи хом иртиботи ногусастанӣ дорад. Масалан гандум, ҳарчанд ба ивази маблағи кам рӯёнда мешавад, аммо бино ба сарфу хароҷотҳои чараёни ордкашию нонтайёркунӣ (ба механизму мошинҳо, сӯзишворию энергетика), қимати нон кам, ё зиёд шуданаш мумкин. Дар корхонаҳои саноати орду ярма гандум аз нав кор карда мешавад. Кашондани гандум назар ба кашондани орд қулайтар аст. Аммо ба туфайли паҳлӯи ҳам ҷойгир шудани майдонҳои

гандум ва манзили зисти истеъмолгарон корхонаҳои азнавкоркарди гандум (элеваторҳо) ҳам дар ҷойи парваришёфтаи гандум ва ҳам дар шаҳрҳои калон вомехӯранд.

Ӯзбекистон аз давлатҳои калони истеҳсолкунандаи равғани растанист. Равғани растанӣ дар мо, асосан, аз пунбадона гирифта мешавад (расми 67).

Ба мавқеи географии корхонаҳои истеҳсолкунандаи равған рӯйи эътибор гардонем, мебинем, ки онҳо дар наздикии ашёи хом ва ҳудудҳои аҳолиашон зич ҷойгир шудаанд. Соҳаи дигари муҳими саноати хӯрокворӣ корхонаҳои гӯштанд. Ҳоло нақлиёти тезгард ва яхдонҳои махсус имкони тару тоза ба масофаҳои дур расондани гӯштро дода истодаанд. Дар шаҳрҳои Тошканд, Андиҷон, Наманган, Фарғона ва Оҳангарон комбинатҳои гӯшт фаъолият доранд. Корхонаҳое, мисли заводи нон, фабрикаи макарону қандолот дар пунктҳои калони аҳолинишин сохта мешаванд (расми 68). То ба наздикиҳо фабрикаи чойқадоқкунии Самарқанд натанҳо дар кишварамон, балки дар сартосари Осиёи Марказӣ фабрикаи ягонаи чунин навъ ба шумор мерафт. Ҳоло чой дар Тошканд низ қадоқ карда мешавад. Пайдост, қисми асосии аҳолии минтақа чойи кабуд истеъмол менамояд. Биноан, 80 фоизи чойе, ки дар ин ҷойҳо қадоқ карда мешавад, кабуд аст. Дар Тошкнд, Фарғона, Самарқанд ва Бухоро заводҳои махсусе ҳастанд, ки оби минералӣ омода мекунанд. Дар Ургут заводи тамокую ферментатсия фаъолият дорад.

Бад-ин тариқ, ривоҷёбӣ ва ҷойгиршавии саноати хӯрокворӣ бо:



*Расми 67.* Сехи экстраксияи равғани комбинати равғанбарорӣ.




*Расми 68.* Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ.

а) шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣ, яъне истеъмолгарон;
б) ихтисоснокшавии хоҷагии деҳот, яъне манбаи ашёи хом;
в) шарту шароити кашондани маҳсулоти тайёр муайян карда мешавад.

Гуногунии ашёи хом ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ имкон медиҳад, ки саноати хурокворӣ дар ҳама ҷо доман паҳн кунад. Саноати хӯрокворӣ бо ҳамин хусусияташ аз дигар соҳаҳо фарқ мекунад. Ин саноат дар баъзе ҷойҳо танҳо ниёзҳои маҳаллиро қонеъ гардонад, дар ҷойҳои дигар ба бисёр ноҳияҳои мамлакатамон маҳсулот медиҳад.

1. Рушди саноати хӯрокворӣ ба чӣ вобаста аст?
2. Тамоюлҳои ҷойгиршавии саноати хӯрокворию бофандагиро муқоиса намоед. Ҷиҳатҳои ба ҳам монанд ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.
3. Пахтаи аз саҳроҳо ҷамъовардашуда ба заводҳои пахта супурда мешавад. Пахта дар он ҷо, баъди коркард, ба наху пунбадона ҷудо карда мешавад. Нах ба корхонаҳои саноатӣ интиқол ва содирот карда мешавад. Пунбадона ба корхонаи хӯрокворӣ (комбинати равған) интиқол мегардад. Бигӯед, сохтани заводи пахта дар куҷо судбахштар аст?

http://eduportal.uz

## Дарси 31-ум ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИ ҲУДУДӢ ВА ҶОЙГИРСОЗИИ САНОАТ

Дар ҷараёни омӯхтани географияи саноатӣ донистед, ки корхонаҳои саноатӣ байни якдигар робитаи наздик доштаанд.

Дар натиҷаи ба якдигар наздик ҷойгиркардани корхонаҳое, ки ҷараёни истеҳсолот ба якдигар вобаста кардааст ва бунёди онҳо дар як шаҳр ё шаҳракҳои дар шафати ҳам қарордошта, гиреҳҳои саноатӣ ба вуҷуд меоянд (расми 69).

Корхонаҳои таркиби маркази саноатӣ аз соҳаҳои нақлиёти ягона, манбаъҳои обу энергия дар якҷоягӣ истифода мебаранд (баъзан ашёи хом низ умумист), қувваҳои кориро ба истеҳсолот бештар ҷалб мекунанд. Ин ҳама ба афзудани самаранокии меҳнат, сарфаи маблағ ва ихтисор гардидани майдони корхонаҳо мусоидат менамояд. Марказҳои саноатӣ – шакли беҳтарини ҷойгирсозии корхонаҳои саноатианд.

Ҳудуди дар як ҷо фароҳам омадани пункт, марказ ва гиреҳҳои саноатиро минтақаи саноатӣ меноманд.

Калонию хурдии минтақаҳои саноатӣ як хел нест. Хусусан, Ангрен – Олмалиқ, Тошканд – Чирчиқ минтақаҳои калони саноатианд. Пас, шаҳраки корхонааш кам пункти саноатӣ ба шумор меравад. Шаҳреро, ки якчанд корхона дораду аммо ҷараёни истеҳсолиашон байни ҳам иртиботе надорад, ҳамчунин, манбаи таъминоти обу энергияашон умумияте надорад, ***маркази саноатӣ*** меноманд.




*Расми 69.* Шаклҳои ҷойгирсозии истеҳсолоти саноатӣ.

Бино бар сабаби зина ба зина ба иқтисодиёти бозор гузаштан, дар навбати аввал эътибор додан ба рушди тиҷорати хурду миёна, дар мамлакатамон шаклҳои ҳудудии ташкили саноат, мисли минтақаи озоди иқтисодӣ, минтақаи хурди саноатӣ ба вуҷуд омаданд.

Имрӯз дар мамлакатамон 14 -то минтақаи иқтисодии озод фаъолият дорад. Дар минтақаҳои иқтисодии озоди «Навоӣ», «Ангрен», «Ҷиззах», «Ургут», «Ғиждувон», «Қӯқанд» ва «Ҳазорасп» 62 -то лоиҳа ба амал татбиқ гардид. Доир ба рушди 7 минтақаи нави иқтисодии озоди ба фармасевтика ихтисосонидашуда, мисли «Нукус – фарм», «Зомин – фарм», «Косонсой – фарм», «Сирдарё – фарм», «Бойсун – фарм», «Бӯстонлиқ – фарм», «Паркент – фарм» корҳо пайгирона бурда мешаванд.



***Минтақаи иқтисодии озод*** – минтақаи махсус ҷудокардаи дорои тартиботи алоҳидаи ҳудуди маъмурияш муайянгардидаест, ки ба мақсади ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, технологияи ояндадор ва таҷрибаи идоракунӣ ташкил дода шудааст.

Ба мақсади истифодаи самаранок аз биноҳои холӣ ё биноҳои истеҳсолие, ки дар ноҳияҳои Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо бесамар кор мекунанд, рағбатноксозии ташкили корхонаҳои нав, дар пойгоҳи онҳо, минтақаҳои хурди саноатӣ ташкил дода шуд. Шумораи минтақаҳои хурди саноатӣ дар мамлакатамон ба 96 адад расид.

То имрӯз дар минтақаҳои мазкур беш аз ҳазор корхона ташкил дода шудааст. Дар онҳо натанҳо барои бозори дохилӣ, балки берунӣ низ маҳсулоти харидоргири саноати сабуку кимиё, хӯрокворӣ, таҷҳизоти барқӣ, масолеҳи сохтмони замонавӣ, мебел ва дигар маҳсулоти тайёр истеҳсол карда мешавад.



1. Аз омилҳои зерин кадомаш бобати ба вуҷуд омадани гиреҳи саноатӣ нақши муҳим дорад:
   - корхонаҳои саноатиро дар соҳаи нақлиёти ягона муттаҳид кардан;
   - ба якдигар наздик ҷойгиршавии корхонаҳои ба ҷараёни истеҳсолӣ бевосита алоқадор;
   - қад рост кардани шаҳракҳо дар атрофи шаҳрҳои калон;
   - умумияти истифодаи корхонаҳо аз обу барқ;
   - ташкил додани ҷараёни истеҳсолот дар асоси технологияи пешқадам.
2. Минтақаҳои иқтисодии озоди дар кишварамон ташкилдодаро рӯйи харитаи безатн оваред.

http://eduportal.uz

# Дарси 32-юм

## ГЕОГРАФИЯИ НАҚЛИЁТ

Нақлиёт бо кашондани мусофирону борҳо дар сартосари мамлакат ва ҷаҳон ба амикрафти тақсимоти географии меҳнат имконият фароҳам меоварад. Он дар таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии байни давлатҳо накши муҳим дорад. Аз дарсҳои таърих медонем, ки кишварамон аз давлатҳои тамаддунаш қадимист. Маҳз аз ҳудуди кишвари мо гузаштани Роҳи бузурги абрешим, ки рӯзгоре Аврупою Осиёро ба ҳам мепайваст, ин гуфтаро то ҷое собит менамояд.

Ўзбекистон дорои нақлиёти хушкӣ ***(нақлиёти роҳи оҳан, автомобил), обӣ (дарё), ҳавоӣ, қубурӣ (нақлиёти нафт ва гази табиӣ) ва электронист*** (хатҳои нокили барқ).

Дар кашондани бору мусофир, барои то ба манзили мўайян расидан, лозим меояд, ки аз ду, се, ҳатто чор навъи нақлиёт истифода шавад. Бигирем, ба хориҷа сафар карданӣ бошем, то вокзали роҳи оҳан ё аэропорт бо автомобил, сипас то манзили пешбинишуда бо поезд ё




*Расми 70.* Шабакаҳои асосии нақлиёт ва самтҳои алоқаи Ўзбекистон.




*Расми 71.* Корҳои анҷомдодаи нақлиёти гуногуни Ўзбекистон дар соли 2017.

самолёт меравем. Дар Ўзбекистон ҳоло аз ҳамаи намудҳои нақлиёт (ба ҷуз нақлиёти обӣ) васеъ истифода бурда мешавад (расми 70).

Ҳамаи намудҳои нақлиёт бино ба робитаҳои байниякдигарии ҷараёни хидматрасонӣ маҷмўъи нақлиётро ташкил медиҳанд. Ҳар як навъи нақлиёт майдони боркашонию борфурорӣ, самти ҳаракат, вокзал, аэродром, истгоҳ ва воситаҳои алоқаи ба худ хосро дорад. Барои сохтани роҳи оҳану автомобилгард маблағу вақти зиёд лозим аст. Ба нақлиёти қубурӣ ҳазорҳо тонна қубур сарф мешавад. Аммо нақлиёти (трасса) самти обу ҳаво бо маблағи кам роҳандозӣ мешаванд.

Навъҳои нақлиёт бино ба ҷалби қувваи корӣ низ аз якдигар фарқ мекунанд. Агар бор бо нақлиёти қубурӣ, обӣ ва роҳи оҳан кашонда шавад, хароҷоташ аз хароҷоти бори тавассути нақлиёти автомобилӣ ё ҳавоӣ интиқолдода хеле кам мешавад. Шояд мушоҳида карда бошед, ки вагонҳои зиёди чўбу нафтборкардашударо як локомотив мекашад. Ҳамон локомотивро 2 – 3 кас идора мекунанд. Автомобили бузургеро ҳам, ки 125 тонна бор мекашад, ин миқдор одам идора мекунад. Агар садҳо ҳазор тонна борҳои бузургҳаҷм тавассути нақлиёти обӣ (танкер) кашонда шаванд, хароҷот боз ҳам камтар мешавад. Нақлиёти обӣ ҳарчанд суст ҳаракат мекунад, аммо масофаро беист пушти сар мегузорад. Биноан, онҳо бо поезде, ки суръаташ баланд асту дар истгоҳҳо таваққуфкунон ҳаракат мекунад, рақобат карда метавонанд. Имконияти ба соҳибаш,

бевосита, расондани бор тавассути нақлиёти обию роҳи оҳан маҳдудтар аст. Автомобил борро, бевосита, ба ҷойи дилхоҳ мерасонад.

***Кори нақлиёт*** бо назардошти ҳаҷми бор муайян карда мешавад. Ҳаҷми бор миқдори муайяни борест, ки дар вақти муайян ба масофаи муайян интиқол дода мешавад, Онро бо тоннаю километр ифода мекунанд (расми 71).

***Навъҳои нақлиёт,*** бино ба намуди бор, суръати ҳаракат ва чӣ миқдор бор бардошта тавонистани онҳо гурӯҳбандӣ мешаванд. Нақлиёт робитаҳои истеҳсолии саноату хоҷагии деҳот, табодули маҳсулот байни минтақаҳои гуногун ва савдои берунро таъмин менамояд. Барои аз худ намудани минтақаҳои нав аввал роҳҳои нақлиётӣ сохта мешаванд. Ҳаёти шаҳрҳои имрӯза бе нақлиёт тасаввурнопазир аст. Нақлиёт аҳамияти калони мудофиавӣ низ дорад. Дар баробари аҳамияти муҳими иқтисодӣ доштан, барои нақлиёт ба миқдори зиёд нерӯи барқ, сӯзишворӣ, металл ва чӯб сарф карда мешавад.

1. Нақлиёт дар ҳаёти мамлакат чӣ нақш дорад? Нақлиёт аз дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ чӣ фарқ дорад?
2. Ба корхонаҳои нақлиётӣ мисолҳо оваред.
3. Атласро кушода роҳҳои оҳан ва аэропортҳои мамлакатро аз назар гузаронед.

## Дарси 33-ум

## РУШДИ ЗАМОНАВИИ НАҚЛИЁТИ ЎЗБЕКИСТОН

***Нақлиёти роҳи оҳан,*** сарфи назар аз вазъи иқлиму фасли сол, ҳамеша дар ҳаракат аст. Магистралҳои роҳи оҳанро дар самтҳои гуногун метавон сохт.

***Магистрал*** (аз магистралиси лотинӣ – асосӣ) – самти асосӣ, шоҳроҳ.

Тӯли солҳои истиқлолият ба сохтмони роҳҳои оҳан эътибор дода шуд ва ҳоло дарозии умумии онҳо аз 7 ҳазор километр зиёд аст. Пеш, барои аз пойтахти мамлакатамон ба вилояти Хоразм ё Сурхондарё рафтан, лозим меомад, ки ҳудуди Туркманистони ҳамсояро убур кунем. Мисли ҳамин, барои ба Фарғона рафтан, аз ҳудуди Тоҷикистон гузашта мешуд. Ин ҳолат дар кашондани мусофиру бор вақту

http://eduportal.uz

маблағи зиёдро тақозо дошт. Ҳоло дар мамлакатамон барои ба вуҷуд овардани низоми ягонаи роҳи оҳан, тезондани рушди минтақаҳои дурдасти Ӯзбекистон роҳҳои оҳани Навоӣ – Учқудуқ – Нукус, Ғузор – Бойсун – Оҳангарон, ки вилоятҳои Сурхондарёю Қашқадарёро ба ҳам мепайванданд,



*Расми 72. Электропоезди* «Afrosiyob».

Ангрен – Поп, ки Тошкандро бо водии Фарғона мепайвандад, сохта шуданд. Аксарияти роҳҳо мамлакатамон ҳамвориҳоро убур мекунанд, аммо маҳз роҳҳои оҳани самти Ангрен – Поп ва Ғузор – Бойсун – Қумқӯрғон аз байни кӯҳҳо мегузаранд. Аҳамияти роҳҳои оҳани Ӯзбекистон натанҳо аз кашондани бору мусофирони дохилӣ, балки кашондани борҳои транзитии кишварҳои Осиёву Аврупо низ зиёд мегардад.

***Транзит*** – истгоҳи байни бор ё мусофирон, ки тавассути вилояту давлат мегузарад.

Роҳҳои оҳан дар кашондани мусофирон нақши муҳим доранд. Дар давоми сол аз роҳи оҳан бештар аз 15 – 20 млн. мусофир истифода мебарад.

Роҳҳои оҳани Ӯзбекистон нисбат ба роҳҳои оҳани давлатҳои ҳамсоя – Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон, Туркманистон зиёданд ва аз нигоҳи техникӣ бартарӣ доранд. Даҳсолаҳои охир дар Ӯзбекистон ба сохтан ва электриконидани роҳҳои оҳан эътибори ҷиддӣ дода шуд. Дар натиҷаи электриконидани роҳҳои оҳан ва ба кор андохтани электровозҳо суръати гашти поездҳо, имконияти гузаронидани роҳҳо, яъне самаранокӣ афзуд.

***Имконияти гузаронидани роҳҳо*** – миқдори поездҳое, ки дар як шабонарӯз тавассути роҳҳои оҳан имкони гузаштан доранд. Имконияти гузаронидани роҳи оҳанҳои дуҷониба дар як шабонарӯз ба 150 ҷуфт поезд, дар роҳҳои оҳани яксамта то ба 30 ҷуфт поезд расиданаш мумкин.

Ба туфайли ҷиҳозонидани роҳҳои оҳан, бино ба талаботи ҷаҳон, дар хатсайри Тошканд – Самарқанд электропоезди тезгарди замонавии



*Расми 73.* Роҳҳои кӯҳӣ.

«Афросиёб» ба ҳаракат даромад (расми 72). Дар натиҷаи ба истифода супурдани роҳи оҳани тезгарди дар Осиёи Марказӣ ягона, баробари рушди сайёҳӣ, ба тирбандии роҳҳои автомобилгард низ хотима дода шуд. Ҳоло электропоезди «Афросиёб» дар хатсайрҳои Тошканд – Бухоро, «Тошканд – Қаршӣ – Шаҳрисабз» низ рафтуо дорад. Нақлиёти автомобилӣ борҳоро ба истеъмолгар, бевосита (бе такрор боркунӣ ба нақлиёти дигар), мерасонад. Нақлиёти автомобилӣ корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагии деҳотро ба нақлиёти магистралӣ мепайвандад, қисми асосии борҳои шаҳр ва атрофи шаҳрро мекашонад. Дар масофаҳои дуру миёна (то 100 км) бобати кашондани бору мусофирон назар ба поездҳо автомобил бартариҳои худро дорад. Нақлиёти автомобилӣ, хусусан, дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат аҳамияти калон дорад (расми 73).

Шоҳроҳи соли 1940-ум бунёдгардидаи Катта Ўзбек, ки тавассути вилоятҳои Тошканд, Сирдарё, Ҷиззах, Самарқанд, Қашқадарё ва Сурхондарё мегузарад, аҳамияти муҳим дорад. Дарозии он беш аз 700 км аст.

Соли 1959 роҳи автомобилгарди Тошканд – Ангрен – Қўқанд (248 км) сохта шуд. Тавассути ин роҳ, ки аз ағбаи Қамчиқи қаторкўҳи Қурама (дар баландии 2270 км аз сатҳи баҳр) мегузарад, борҳои аз Тошканд ба водии Фарғона интиқолдодашуда назар ба борҳои роҳи оҳан 3 – 4 баробар тезтар расонда мешаванд. Роҳи мазкур васеъ гардонда шуд, дар наздикии ағбаи Қамчиқ ду нақб ба кор даромад (расми 74). Соли 2012 роҳи автомобилгарди Гулистон – Оҳангарон (116 км) ба истифода дода шуд.

Робитаҳои нақлиётию иқтисодии вилоятҳои мамлакат бо Қазоқистону Қирғизистон тавассути Тошканд амалӣ мегарданд. Ба мақсади коҳиш додани ҳаракати нақлиёт дар шаҳр дар беруни он роҳи ҳалқа сохта

http://eduportal.uz

шуд. Он (дарозиаш 64 км) дар Ўзбекистон роҳи ягонаест, ки бо ин мақсад бунёд гардидааст.

Бо ба истиқлолият расидан, эҳтиёҷ ба роҳҳое, ки Ўзбекистонро бо кишварҳои хориҷӣ мепайванданд, зиёд шуд.



*Расми 74.* Нақби ағбаи Қамчиқ.

Биноан, мамлакатамон ба бунёд ва таъмиру таҷдиди роҳҳои автомобилгарди Андиҷон – Ўш – Эргаштом – Қашқар ва Тирмиз – Ҳирот – Қарочӣ, ки имкони ба Хитой, Покистон ва уқёнуси Ҳинд баромаданро медиҳанд, саҳми худро мегузорад.

***Дар нақлиёти*** обӣ аз роҳҳои обӣ истифода мешавад. Биноан, самти роҳи обӣ, аксар вақт, бо самтҳои зарурӣ мувофиқат намекунад. Ба нақлиёти обӣ сўзишворӣ бисёр сарф намегардад, борҳояшон низ калонҳаҷм нестанд. Аммо ҳаракаташон суст аст. Аз он ки Ўзбекистон дар дохили материк ҷойгир шудааст, нақлиёти обӣ аҳамияти калон надорад.

Дар мо нақлиёти обӣ аз киштиронии дарёи Ому иборат аст. Дар ҷумҳурӣ иттиҳодияҳои «Бандари дарёи Тирмиз», «Флоти дарёи Хоразм», «Флоти дарёи Қароқалпоқистон» ташкил дода шудаанд. Дар флоти дарёии мамлакат қариб 150 теплоход, ҳамчунин, биржаҳо, киштиҳои ёрирасон ва дигар воситаҳои техникӣ мавҷуданд. Борҳо, асосан, дар самтҳои Тирмиз – Ҳайратон, Шарловуқ – Тўрткўл, Хўҷайлӣ – Тўрткўл, Хўҷайлӣ – Берунӣ, Қаротов – Тахиатош кашонда мешаванд. Оянда Ўзбекистон низ дар уқёнуси ҷаҳон флоти худро хоҳад дошт. Алҳол қисми муайяни борҳое, ки ба хориҷ баровардаву оварда мешаванд, ба ивази киропулӣ – ***фрахт*** киштиҳои дигар давлатҳо мекашонанд.

***Фрахт*** – раҳкирои бор дар роҳи обӣ. Ин ҳақ, бо назардошти гаронии бор, масофаи интиқолдиҳӣ, ҳаҷм, миқдори вақти сарфшуда дар киштӣ, муайян карда мешавад.

Фурўши мол тавассути киштиҳои хориҷӣ маблағи зиёдро талаб кардаистодааст. ***Нақлиёти ҳавоӣ*** аз намуди нақлиётест, ки дар баробари тез ҳаракат кардан, ба релефи ҷой вобастагии зиёд надорад. Бобати расондан ба манзилҳои дур, хусусан хориҷа, ягон нақлиёт нақлиёти ҳавоиро иваз карда наметавонад. Аксарияти борҳои тавассути ин нақлиёт интиқолдиҳанда



*Расми 75.* Ҳавопаймои тобеи “Ўзбекистон ҳаво йўллари”.

(маҳсулоти тезвайроншаванда, почта ва ғ.) таъҷилию гаронбаҳоянд. Ҳоло мамлакатамон бо бисёр кишварҳои хориҷӣ тавассути роҳи ҳавоӣ пайвастааст. Ҳавопаймоҳое, ки дар деворашон навиштаҷоти «Uzbekiston» доранду сурати парчами давлатӣ тасвир ёфтааст, дар фурудгоҳҳои бисёр мамлакатҳо ба чашм мерасанд (расми 75). Нақлиёти ҳавоӣ бобати мусофиркашонӣ (соле 2 млн нафар) ва кашондани борҳои гуногун пураҳамият аст. Дарозии умумии роҳҳои ҳавоии маҳаллӣ аз 60 ҳазор км зиёд аст. Тошканд ба гиреҳи калонтарини нақлиёти ҳавоии мамлакат табдил ёфтааст.

Тавассути нақлиёти қубурӣ газ ва қисман нафт интиқол меёбад. Дар байни қубурҳои газ трассаҳои Ҷарқоқ – Бухоро – Самарқанд –Тошканд, Муборак – Тошканд муҳимтаринанд (аз расми 70 онҳоро ёбед). Қубурҳои дар самти Ўзбекистон – Урал (2100 км) ва Маскав (3500 км) хобонда шудаи газ дар ҷаҳон аз дарозтаринҳоянд. Самаранокии кори қубури газ, ба ҷуз диаметри он, ба бо кадом фишор ҳаракат кардани газ ё нафт низ вобаста аст. Дастовардҳои илму техника имкони дар 120 фишори атмосфера интиқол додани газро дода истодааст. Аммо дар нақлиёти қубурии мамлакат алҳол фишор аз 40 атмосфера зиёд нест. Дар шароити Ўзбекистон интиқол додани газу нафт тавассути қубурҳо, назар ба давлатҳои шимолӣ, бартарӣ дорад. Одатан, бар асари сардӣ нафту газ ғафс ва ҳаракаташ дар қубур суст мешавад. Бо печҳои махсус гарм кардани қубурҳо аз чорабиниҳоест дар ин самт. Зимистони Ўзбекистон, ки мўътадил аст, ба чунин печҳо ниёз надорад. Ин аст, нархи газ барои истеъмолгар арзон меафтад. Бо ба вуҷуд омадани низоми барқ дар кишварамон ва пайваст шудани он ба низоми барқи Осиёи Марказӣ намуди нави нақлиёт – нақлиёти электронӣ арзи ҳастӣ кард. Нерўи барқ тавассути хатҳои барқии баландшиддати байнивилоятиву байнидавлатӣ  интиқол меёбад.

1. Бо истифода аз расми 71, муайян намоед, ки тавассути нақлиёти автомобилию роҳи оҳан соле чанд миллион тонна бор кашонда мешавад ва масофаи миёнаи боркашонӣ чӣ қадар аст?
2. Гиреҳи нақлиёт чист? Аз харитаи атлас барои гиреҳи нақлиёт мисолҳо оваред.
3. Дар Ўзбекистон кадом намудҳои нақлиёт ривоҷ ёфтааст?
4. Дар харитаи бематн супоришҳоро доир ба мавзўи нақлиёт иҷро кунед ва роҳҳои оҳани тўли солҳои истиқлолият бунёдгардидаро муайян намоед.

# Дарси 34-ум

## СОҲАҲОИ ХИДМАТРАСОНӢ БА АҲОЛӢ

Дар мамлакатамон қариб 60 фоизи хароҷоти буҷети давлатӣ ба рушди соҳаи иҷтимоӣ равона карда мешавад. Он соҳаҳоеро дар бар мегирад, ки неъматҳои моддӣ истеҳсол намекунанд.

*Аз дарси 10 ба ёд оред, ки кадом соҳаҳо неъматҳои моддӣ истеҳсол намекунанд.*

Ба он хидмати алоқа низ дохил мешавад. Ин соҳаро хидматрасонӣ низ меноманд. Дар рушди барқарори иқтисодиёт аҳамияти соҳаи хидматрасонӣ торафт меафзояд. Таркиби соҳаи хидматрасонӣ басе мураккабу гуногун аст (расми 76). Ҳарчанд кулли соҳаҳои иқтисодиёт ниёзи моддию маънавии аҳолиро қонеъ мегардонанд, аммо дар ин бобат соҳаҳои хидматрасонӣ ҷойгоҳи худро доранд. Вазифаи асосии он аз афзун гардондани хидматрасонии маишӣ ба аҳолӣ ва беҳ кардани сифату намуди он аст. Ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт нигаред, мебинед, ки кадрҳои соҳибмалака фаъолият доранд. Онҳо дар соҳаи хидмати маишӣ таълим гирифтаанд. Истироҳату муолиҷагирии меҳнаткашон бе хидмати ин соҳа тасаввурнопазир аст. Бо шарофати ин соҳа беморӣи кадрҳо, яъне гумшавии рӯзҳои корӣ, кам мегардад. Соҳа дар навбати худ ба афзудани самаранокии меҳнати иҷтимоӣ мусоидат менамоянд. Соҳаи хидматрасонии маишӣ аз он ки инсонро рӯҳбаланд месозад, аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад.

***Дар ҷойгирсозии*** муассисаҳои хидматрасонӣ чанд омил нақши муҳим доранд.




*Расми 76.* Таркиби соҳаҳои хидматрасонӣ.

Якум, корхонаву муассисаҳои соҳаи хидматрасонӣ бояд дар ҷойҳои аҳолиашон зич сохта шаванд. Аммо на ҳамаи муассисаҳои хидматрасонӣ дар нуқтаҳои аҳолинишинанд. Ин соҳаи хидматрасонӣ бояд ба миқдори муайян талабгор дошта бошад. Масалан, корхонаҳои бузурги ба савдо ихтисосонидашуда дар деҳаҳои аҳолиашон кам самараи дихоҳ намедиҳанд.

Дуюм, дар ҷойгирсозии муассисаҳои хидматрасонӣ мавсимӣ будани талаб ба хидмат низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Эҳтиёҷ ба баъзе намудҳои хидмат, мисли хидмати коммуналии хонаву ҷой, муассисаҳои таълими томактабӣ ва таълими миёнаи ҳамагонӣ ва савдо, ҳамарӯза аст. Мисли сартарошхона, солуни зебоӣ, козургарии кимиёӣ, кинотеатр хидматҳое низ ҳастанд, ки муддати истифодаашон миёна (дар як моҳ чанд бор) аст. Дигар хидматҳое низ ҳастанд, ки аз онҳо соле як маротиба, ҳатто камтар, истифода бурда мешавад. Ба ин харидан ё таъмири ашёҳои муддати истифодаашон дароз, хидмати сайёҳӣ ва музей дохил мешавад.



Пас, мавсимӣ будани хидматрасонӣ тамоюлҳои ***ҷойгирсозии корхонаҳои*** хидматрасониро муайян менамояд.

Корхонаи хидматрасонии ҳаррӯза бояд ба ҷойи кор ё хона наздик бошад. Сифат ва гуногунӣ, барои хидмате, ки ба он дар байни фосилаи дароз муроҷиат карда мешавад, муҳим аст. Барои харидани автомобилу телевизор ё даъвати духтур ба муассисаи дурдасте, ки ба ин соҳа ихтисосонида шудааст, низ муроҷиат мешавад. Бобати паҳн кардани ахбор ва идора кардани иқтисодиёти мамлакат хидмати алоқа нақши муҳим дорад.

***Хидмати алоқа ду навъ аст.*** Алоқаи почта қабулу таҳвилоти гуногуни почта (хат, бандерол, посилка ва ҳ.), интиқолдиҳӣ ва расонда доданро дар бар мегирад. Дар кишварамон хидмате шабеҳи почта 2,5 ҳазор сол қабл низ будааст. Дар он замонҳо қосидон фармонҳои подшоҳро ба ноибон ва хабари қалъаҳоро ба пойтахти мамлакат расондаанд. Дуюмаш алоқаи электронӣ мебошад, ки он телефон, телеграф, радио, телевизион, почтаи электрониро дар бар мегирад. Алоқаи телеграф дар кишварамон солҳои 80-уми асри XIX бо сохтмони роҳи оҳан дар як вақт ба вуҷуд омадааст. Нахустин дастгоҳи телеграфӣ 1 аср қабл дар Тошканд кор сар кардааст. Дар ҷумҳуриамон хидмати алоқаи мобилӣ бо суръат ривоҷ меёбад. Ҳоло беш аз 19 млн. нафар аз он истифода мебаранд.

Телеманораи Тошканд, ки соли 1985 ба кор даромада буд, ба рӯйихати Федератсияи байналхалқии манораҳои бузург дароварда шудааст. Он

http://eduportal.uz

яке аз даҳ телеманораи баландтарини дунё ба шумор меравад (расми 77). Аҳолии мамлакат бо барномаҳои телевизионии давлативу тиҷоратӣ ва телевизори рақамӣ таъмин карда шудааст.

Дар байни соҳаҳои хидматрасонӣ хидмати матбаа низ нақши муҳим дорад. Рӯзнома, маҷалла, китобҳои дарсӣ ва бадеӣ дар нашриёту чопхонаҳое, ки корхонаҳои табъу нашранд, омода карда мешаванд. Чопхонаи нахустин дар миёнаҳои асри XV дар Олмон ташкил дода шудааст. Дар мо бошад дар охирҳои асри XIX кор сар кардааст. Ҳоло дар кишварамон беш аз 120 чопхона фаъолият дорад. Баъди истиқлолият чопхонаҳо куллан аз нав ҷиҳозонида шуданд. Дар онҳо имрӯз матн ва расмҳо дар компутерҳои замонавӣ чидаву чоп мешаванд.



*Расми 77.* Телеманораи Тошканд, ки баландиаш 375 метр аст.

***Таълим.*** Мо медонем, ки рушди устувор ва босуръати иқтисодиёт ба омили инсон иртиботи ногусастанӣ дорад. Аммо дар ин бобат дараҷаи маълумот ва маънавияти мутахассисон муҳимтар аст (расми 78). Дар мамлакат қариб 10 ҳазор мактаби миёнаи таълими ҳамагонӣ, бисёр литсейҳои академӣ ва коллеҷҳои касбу ҳунар фаъолият доранд. Солҳои охир дар мамлакатамон, бо назардошти эҳтиёҷ ба мутахассисони маълумоти олидор, дари муассисаҳои таълими олии нав, шуъбаҳои онҳо, ҳамчунин, якҷо бо донишкада ва донишгоҳҳои бонуфузи мамлакатҳои рушдкардаи хориҷӣ дари



*Расми 78.* Эътибор ба таълим – эътибор ба оянда.



*Расми 79.* Дар соҳаи хидматрасонӣ ҳифзи тандурустӣ ҷойгоҳи алоҳида дорад.

муассисаҳои таълимии муштарак кушода мешаванд. Ҳоло дар мамлакатамон дараҷаи саводнокӣ 99,3 фоиз аст, ки аз нишондиҳандаҳои баланди дунёст.

***Тандурустӣ***. Дар натиҷаи ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар кишварамон амалӣ мегарданд, хусусан ислоҳсозии соҳаи тандурустӣ, дарозумрии шаҳрвандон, ба ҳисоби миёна, дар соли 1990 67 сол бошад, соли 2017-ум 74 солро ташкил дод ва бо ин Ӯзбекистон аз қатори мамлакатҳои пешрафта ҷой гирифт.

Ин аст, ки дар соҳаи тандурустӣ аз таҷҳизоти тиббии замонавӣ пурсамар истифода мешавад (расми 79).

Ба туфайли чорабиниҳо оиди беҳсозии хӯрокхӯрии аҳолӣ, илова кардани микроэлементҳои зарурӣ ба орду намак, таъмини модарону кӯдакон бо доруҳои сервитамин имрӯз 92 фоизи бачаҳои мо дар чаҳорчӯбаи андозаҳои Созмони ҳифзи тандурустии ҷаҳон, ривоҷ меёбанд.

1. Ривоҷёбии соҳаҳои тандурустӣ ба чӣ вобаста аст?
2. Бо истифода аз мавзӯъҳои муассисаҳои таълими миёна, олӣ, миёнаи махсус, ҳифзи тандурустӣ ва маданияти атласи синфи 8, ба ҷойгиршавии онҳо дар вилоятҳо нигоҳи таҳлилӣ афканед.
3. Дар дафтаратон намудҳои хидмат ё истеҳсолоти ба хидматрасонӣ алоқадори маҳали зистатонро қайд намоед.
4. Супоришҳои ба мавзӯи соҳаи хидматрасонӣ дахлдори харитаи бематнро иҷро намоед.
5. Ба фикри шумо, кадом ҷиҳати хидматрасонӣ қаноатбахш асту кадомаш ғайриқаноатбахш?
6. Бо матн ошно гардида, ҷадвали зеринро дар дафтаратон кашед ва пур кунед:

| т/р | Ҳамаи намудҳои хидмат | Дар ноҳияи шумо мавҷуданд |
|---|---|---|
| 1 | | |

# Дарси 35-ум

# РЕКРЕАТСИЯ ВА САЙЁҲӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Солҳои охир дар байни соҳаҳои хидматрасонӣ хидмати рекреатсия ривоҷ меёбад. Хидмати рекреатсия бобати барқарор намудани энергияе, ки дар ҷараёни меҳнат сарф шудааст, нақши муҳим дорад.



Омилҳое, ки барои рушди рекреатсия заруранд:
– маблағи боқимонда аз ниёзҳои рӯзмарра;
– захираҳои рекреатсия;
– мавҷуд будани хоҷагии рекреатсия.

***Захираҳои рекреатсия ду навъанд*** : рекратсияи табиӣ ва рекреатсияи маданию таърихӣ. Ба захираҳои рекреатсияи табиӣ шаршара, ғор, чашма ва мавзеъҳои хушманзараи кӯҳ, ки дар заминаи шароит ва сарватҳои табиӣ ба вуҷуд омадаанд, дохил мешаванд. Дар вазъи тағйирёбии шароити табиӣ ва тангии инфрасохтор эҳтиёҷи мардум ба истироҳат кардан дар оғӯши кӯҳ ва истироҳатгоҳҳои махсус бештар мегардад. Дар гармои тобистон аҳолие, ки дар ҳамвориҳо зиндагӣ меунанд, роҳи кӯҳҳоро пеш мегиранд. Кӯҳҳоямон бо ҳавои мӯътадил, дунёи аҷоиби растанию ҳайвонот ва чашмаҳои давоияшон, ба сифати минтақаи табиию рекреатсионӣ, хориҷиёнро низ ҷалб месозанд.

Дар ҷойҳои зебоманзар ва табиаташон шифобахши кӯҳҳо истироҳатгоҳ ва муолиҷагоҳҳо мавҷуданд. Масканҳои давоӣ ва истироҳатии «Чимён» -и вилояти Тошканд, «Шоҳимардон», «Чодак», «Нанай», «Қувасой», «Боғи шамол», «Чортоқ» -и вилояти Фарғона, «Ситораи Моҳи Хоса» -и вилояти Бухоро, «Мироқи» -и Қашқадарё ва ҳ. дар хориҷа ҳам машҳуранд.

Бояд гуфт, ки шаҳрҳои қадимӣ, мақбараҳо, қалъаҳо, биноҳои меъморӣ ва музейҳо сарвати мадании мамлакати моянд.

Ёдгориҳои меъмории таърихиамон, ки бо шаҳомату нақшҳои ҳайратангези худ дили миллионҳо нафарро тасхир намудаанд, сайёҳони ҷаҳонро ба кишварамон мехонанд. Минтақаҳое, ки дар заминаи чунин объектҳои таърихию маданӣ ба вуҷуд омадаанд, асосан, дар шаҳрҳое, мисли Самарқанд, Бухоро, Хева, Шаҳрисабз, Тошканд, Қӯқанд ҷойгир шудаанд (расми 80). Таассуф, аз 36 ҳазор обидаи таърихии аҷдоди мо бунёдкарда, ҳамагӣ 7 ҳазорашон ҳифз шудаанд. Боқимондаашон аз ҷониби мустамликадорон бо роҳҳои гуногун хароб карда шудаанд. Ҳоло онҳо, ба ивази маблағи зиёд бошад ҳам, таъмир карда мешаванд. Зеро сайёҳӣ (туризм) ба яке аз соҳаҳои рушдкардатарини иқтисоди дунё



http://eduportal.uz




*Расми 80.* Марказҳои сайёҳии бузургтарини Ўзбекистон.

табдил ёфтааст. Рушди фарогири он барои бисёр мамлакатҳо манбаи даромад аст.

Бино ба маълумоти СММ аз ташкилоти сайёҳии ҷаҳон, соли 2015 дар сартосари ҷаҳон 1,184 млрд. сайёҳ ба қайд гирифта шудааст, соли 2016 бошад, ин нишондиҳанда ба 1, 235 млрд. нафар, яъне ба 3,9 фоиз афзудааст.Дар соли 2015 қимати хидматрасонии содиротӣ ба сайёҳон 1, 5 триллион доллари ИМА -ро ташкил додааст. Дар солҳои 2016 – 2017 низ тафовутҳои зиёде ба ин рақамҳо ворид шудаанд. Биноан, бисёр давлатҳои дунё доир ба рушди ҳар чӣ бештари соҳа, тибқи андозаҳои ҷаҳонӣ роҳандозӣ кардани инфрасохтори дахлдор ва афзудани миқдори сайёҳон чорабиниҳои зиёде меандешанд. Соли 2015 бобати қабули бештари меҳмонони хориҷӣ Фаронса (83,7 млн), ИМА (74,8 млн), Испания (65, 0 млн), Хитой (55, 6 млн) ва Италия (48,6 млн) панҷгонаи муқтадирро ташкил доданд. Таассуф, ки Ўзбекистон дар ин соҳа ҳанўз пешрафте надорад. Хусусан, бино ба баҳое, ки Шўрои умумиҷаҳонии туризму саёҳӣ (ШУТС) додаст, Ўзбекистон бобати қабули сайёҳон дар байни кишварҳои ҷаҳон ҷойи 150-умро ишғол менамояд. .

Кишварамон, сарфи назар аз он ки дар бозори сайёҳии ҷаҳон ҷойгоҳи худро дорад, корҳои шароити мусоид фароҳа моварӣ ба сайёҳон, хидмати сервис, афзудан ба ҷозибадории обидаҳо ва реклама табъи дил набуд. Ҳоло дар мамлакатамон доир ба рушди сайёҳӣ корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, корҳои додани кредитҳои имтиёзнок ба соҳибкороне, ки фаъолият бурдан мехоҳанд, содда гардондани корҳои



http://eduportal.uz

додану гирифтани замин, афзудани теъдоди меҳмонхонаҳое, ки ба андозаҳои ҷаҳон ҷавоб медиҳанд, бад -ин васила тақвият бахшидани рақобат ва коҳиш додани нархи хидмати меҳмонхонаҳо оғоз ёфтаанд. Самти дигари муҳим – такмил додани низоми омодакунии мутахассисонест, ки аз рӯйи хидматрасонӣ ба сайёҳон, забонҳои хориҷӣ, таърих ва географияро хуб медонанд. Роҳбаладон, ҷорӣ кардани стандартҳои мукаммалтари хидмати меҳмонхона, хидматрасонии сайёҳӣ аз он ҷумлаанд. Ба кор шурӯъ кардани Донишгоҳи байналхалқии сайёҳии «Роҳи абрешим» - и Самарқанд низ барои ин ҳадафҳо хидмат мекунад.



*Расми 81.* Сайёҳон дар Ӯзбекистон.

Барилова, факултетҳои муштараки бо муассисаҳои таълими олии хориҷӣ созмондодашуда ва филиалҳои онҳо низ ба омода кардани мутахассисони соҳа кӯмак мерасонанд. Ин аст, ки сол аз сол шумораи сайёҳони кишварамон зиёд мегардад.

Умуман, аз нигоҳи имрӯз сайёҳӣ аз соҳаҳои ояндадорест, ки ба иқтисодиёти миллӣ даромади зиёд меорад. Зеро қариб 200-то меъмории таърихии кишварамон, ба сифати объектҳои мероси фарҳангӣ, аз рӯйхати ЮНЕСКО ҷой гирифтаанд.

Ба таркиби хоҷагии рекреатсия хонаву муассисаҳои истироҳатӣ, пойгоҳҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, нақлиёти сайёҳӣ ва ғ. дохил мешаванд.

1. Аз муассисаҳои хидматрасонӣ бояд кадомашон дар ҷойи беаҳолӣ бошанд?
2. Муассисаҳои хидматрасонии ноҳия ё деҳаҳоямонро мавриди омӯзиш қарор дода, камбудиву дастовардҳояшонро муайян намоед.
3. Дар кадом вилоят ҷойҳои зебоманзари табиат бештаранд (дарсҳои «Географияи табиии Ӯзбекистон»-и синфи 7-умро ба ёд оред)?

# Дарси 36-ум

# РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

Шумо маҳсулоти дар замини шахсӣ ё хоҷагии фермерӣ руёндаро бо маҳсулоте иваз кардан ё ба бозор фурӯхтан мехоҳед. Чунин ҳолат дар муносибати байни давлатҳо низ ба мушоҳида мерасад.

Воқеан, агар дар хориҷа талаб ба маҳсулоту ашёе, ки дар Ӯзбекистон истеҳсол мешавад, зиёд бошад, беҳтар аст, ки бештар истеҳсол карда шавад. Баръакс, агар овардани маҳсулот аз берун, назар ба истеҳсоли он дар худамон арзон афтад, бояд онро аз хориҷа харид.

Ӯзбекистон аз кишварҳоест, ки мошин, маҳсулоти кимиё, металли сиёҳу ранга, нерӯи барқ, газ, нахи пахта, маҳсулоти хӯрокворӣ, пилла, пӯсти қарокӯлӣ ва дигар маҳсулотҳоро ба содирот мебарорад. Ва дар навбати худ, маҳсулоти саноатию хӯроквории камчин, ҳамчунин, ашёи истеъмолии халқро ворид мекунад.

Ӯзбекистон дар ҳамкориҳои байналхалқии иқтисодӣ фаъол аст. Дар ҳоли ҳозир бо беш аз 140 давлати дунё робитаи тиҷоратӣ дорад. Хусусан, бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон Олмон, ИМА, Русия, Ҷопон, Фаронса, Италия, Ҷумҳурии Корея, Туркия, Хитой ҳамкориҳои густурда дорад. Бештарини маҳсулоти содиротию воридотии Ӯзбекистон ба Хитой рост меояд (расми 82).



Ба бозори берунӣ, яъне хориҷ барвардани амвол содирот (экспорт) номида мешавад. Баръакс, аз мамлакатҳои хориҷӣ овардани молу маҳсулоти заруриро воридот (импорт) меноманд.

Соли 2018 содирот 14,3 млрд, воридот 19,6 млрд. доллари ИМА -ро ташкил дод. Дар натиҷаи сол аз сол афзудани савдои хориҷӣ мамлакатамон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат фаъол иштирок менамояд. Афзудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, таҳкимёбии иқтидори содиротии кишвар ва такмил додани таркиби он асоси сиёсати хориҷии кишварро ташкил медиҳад. Солҳои охир дар таркиби содирот дигаргуниҳои мусбат ба назар мерасанд. Аз ҷумла, содироти маҳсулоти ашёи хом камтар гардида, маҳсулоти тайёри баландсифат ба содирот бештар бароварда мешавад.

Оянда ба истеҳсоли амволи ба содирот пешбинишуда, мисли автомобил, агрегатҳои баландшиддат, асбоби барқии маишӣ, тиббӣ, масолеҳи сохтмон ва маҳсулоти гаронбаҳои бофандагию дӯзандагӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Хусусан, бояд содироти меваю сабзавот зиёд гардад. Вазифаи дигари муҳим, дар бозори берунӣ барои хоҷагиҳои

http://eduportal.uz




*Расми 82.* Савдои берунии Ўзбекистон бо давлатҳои хориҷӣ (нисбати ҳаҷми умумӣ ба ҳисоби фоиз, 2017)

деҳқонию фермерӣ ёфтани харидорони доимист. Ҳамоҳанг бо рушди истеҳсолот воридоти маҳсулоти зиёд, мисли сӯзишворӣ, хӯроквори ва ашёи истеъмолии халқ коҳиш меёбад (расми 83). Аз 3/4 қисми воридоти умумиро таҷҳизоти техникию истеҳсолӣ ва асбобу ускунаҳо ташкил медиҳанд, ки ин ба рушди истиқболноки иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд.

Дар Ўзбекистон беш аз 4200 корхонаи хориҷӣ фаъолият доранд. Ҳоло Ўзбекистон бо созмонҳои байналхалқии сармоягузор, мисли Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Бонки рушди исломӣ, Бунёди байналхалқии рушд – OPEC, Бунёди рушди Саудия ҳамкорӣ мекунад.



Тибқи ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқии сармоягузор, ба мақсади модернизатсия ва навсозии қувваҳои истеҳсолии мамлакат, шакли ворид намудани сармояи хориҷиро инвеститсия меноманд.

Ҷалби ҳар чӣ бештари сармоя рушди босуръати мамлакатро таъмин менамояд.

Аз дарсҳои аввал хабар доред, ки дар ҳудуди кишварамон, бино ба талабу тақозои рушди робитаҳои ояндадори иқтисодии хориҷӣ

http://eduportal.uz




*Расми 83.* Гардиши тиҷорати берунӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ.

минтақаҳои иқтисодии озод ташкил дода шуданд. Аввалин минтақа дар маркази географии ҳудуди Ўзбекистон – вилояти Навоӣ ташкил дода шуд. Он маҷмӯи бузургест, ки фурудгоҳи байналхалқӣ ва корхонаву муассисаҳои гуногуни хидматрасонии ба он иртиботдоштаро дар бар мегирад.

Ба ҷуз савдои амвол, дар ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ низоми нақлиёт роҳандозӣ мешавад, масъалаҳои ҳифзи табиат ва тағйирдиҳии он ҳаллу фасл мегарданд. Ўзбекистон, дар баробари ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқии пешрафтаи дунё, ба ҳалли масъалаҳои муҳими давр низ эътибори ҷиддӣ медиҳад. Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), Иттиҳоди Аврупо (ИА), Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Созмони конфронси исломӣ (СКИ) ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ аз он ҷумлаанд. Ҷойгоҳи дар хоҷагии ҷаҳон доштаи Ўзбекистон ва робитаҳои иқтисодии онро бо дигар мамлакатҳо аз китоби «Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон» -и синфи 9 -ум амиқтар меомӯзед.

1. Давлатҳои бо Ўзбекистон робитаи иқтисодӣ доштаро дар дафтаратон қайд намоед.
2. Зиёд будани содирот аз воридот чӣ бартариҳо дорад?
3. Қисми бештарини воридотро кадом маҳсулотҳо ташкил медиҳанд?
4. Робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ба кадом омилҳо вобастаанд?
5. Мафҳуми инвеститсияро шарҳ диҳед.
6. Минтақаи иқтисодии озод чаро маҳз дар вилояти Навоӣ барпо карда шуд?
7. Тағйироти таркибии содироту воридоти Ўзбекистонро дар солҳои охир бо истифода аз расми 83 аз назар гузаронед. Мулоҳиза ронед, ки солҳои наздик дар гардиши савдои мамлакат чӣ дигаргуниҳо рӯй хоҳанд дод. Ҷавобҳоятонро асоснок кунед.

## Дарси 37-ум

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Тасаввур намоед, ки дар пункти аҳолинишин соле 768 нафар таваллуд шаванд, 154 нафар бимиранд, ҳамчунин, ба он 28 нафар кӯчида оянд, кӯчидагон 50 нафарро ташкил диҳанд, шумораи аҳолии он чӣ қадар тағйир меёбад?

2. Таркиби саноати вазнинро дар нақш (расм) нишон диҳед.

3. Фаҳмонед, ки ихтисосонидан, кооперативонидан ва комбинатикунонии истеҳсолот чӣ аҳамият дорад, ба шаклҳои ташкилии истеҳсолот мисолҳои мушаххас оред.

4. Дар ҷойгирсозии соҳаҳои саноат кадом омилҳо таъсир мерасонанд?

5. Минтақаҳои муҳими металлургияи сиёҳу ранга ва маҷмӯъҳои агросаноатиро номбар кунед (супоришро метавон бо кӯмаки харитаи бематн ва атлас низ иҷро кард, дар он марказҳои саноатии бузург, робитаҳои истеҳсолии маҳсулоти ашёи хом, сӯзишворӣ ва маҳсулоти тайёри минтақаҳо нишон дода мешаванд).

6. Таъсири ба табиат доштаи саноат, хоҷагии деҳот ва нақлиётро бо мисолҳо фаҳмонед. Доир ба ҳифзи табиат татбиқ шуда истодани кадом чорабиниҳоро медонед?

7. Ҷадвали зеринро пур кунед:

| Номи маҷмӯи байнисоҳавӣ. | Соҳаҳои таркиби маҷмӯъ. | Соҳаи бо суръат ривоҷёфтаистода. | Ривоҷёбӣ дар кадом вилоят суст? |
|---|---|---|---|

8. Маълумотҳои ҷадвали 2 -юми иловаи китоби дарсиро таҳлил намоед. Майдонҳои кишти картошка, пахта, сабзавот, полез ва дони дар таркиби заминҳои кишти Ӯзбекистон ба ҳисоби гектар додашударо ба фоиз табдил дода, диаграммаи доиравӣ тартиб диҳед.

9. Дар атласи синфи 8 -ум бо кадом аломатҳои шартӣ нишон дода шудани «роҳи оҳан», «истгоҳи барқии гармӣ» ва «хатҳои интиқоли барқ»-ро дар дафтаратон қайд намоед.



http://eduportal.uz

# БОБИ IV. ТАВСИФИ МИНГТАҚАВИИ ЎЗБЕКИСТОН

## Дарси 38-ум

## ТАШКИЛИ ҲУДУДИИ ИҚТИСОДИЁТИ ЎЗБЕКИСТОН

Дар ҳар як қисми қаламрави кишварамон мавқеи нотакрори географӣ, дар навбати аввал шароиту сарватҳои табиӣ, фаъолияти меҳнатии аҳолӣ ва тарзи ба худ хоси ҳаёт ташаккул ёфтааст. Иқтисодиёт, асосан, вобаста ба сарватҳои табиии маҳаллӣ ривоҷ меёбад. Иқтисодиёт дар баъзе ҷойҳо, бо назардошти нақлиёти такомулёфта, дар асоси ашёи хоми воридотӣ ташаккул ёфтааст. Кадрҳои соҳибмалака, асосан, дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои калон тайёр карда мешаванд. Бино бар ин, агар истеҳсолот дар шаҳрҳо ривоҷ ёбад, дар дигар ҷойҳо ашёи хоми хоҷагии деҳот ё саноат тайёр карда мешавад. Ин гуна тақсимшавии меҳнатро дар байни баъзе қисмҳои мамлакат ***тақсимоти географӣ*** ё ***ҳудудии меҳнат*** меноманд.



***Тақсимоти ҳудудии меҳнат*** дар ҳолатҳои зерин рӯй медиҳад:
* аз эҳтиёҷи маҳаллӣ хеле зиёд будани маҳсулоти истеҳсолшаванда;
* арзон афтодани истеҳсоли он нисбат ба дигар ҷойҳои мамлакат;
* ба солҳои зиёд расидани ашёи хоми истеҳсолот;
* арзон афтодани хароҷоти нақлиёт ҳангоми табодули маҳсулот

Бо мурури вақт шояд дар ихтисосонидани ҳудудҳо тағйиротҳо рӯй диҳанд. Масалан, вақте дар ҳудуди Қашқадарё конҳои нафту гази ёфтшуда ба кор даромаданд, дар ин ҳудуд истеҳсолоти нави ихтисосонидашуда ташаккул ёфт. Баъди истиқлолиятро ба даст даровардани Ўзбекистон, вазифаи худро бо маҳсулоти донии худ таъмин кардан ба миён гузошта шуд. Ин буд, ки дар вилоятҳо бештар ғалла кориданд. Дар натиҷа вилоятҳо, ба ҷуз пахта, ба ғаллапарварӣ низ ихтисосонида шуданд.

Ҳудудҳое – минтақаҳои иқтисодӣ, ба вуҷуд меоянд, ки аз рӯйи ихтисонидашавӣ, бино ба тақсимшавии географии меҳнат, аз якдигар фарқ мекунанд. Дар сартосари мамлакат ихтисосонидашавӣ барои минтақаҳои иқтисодӣ махсусияти худро дошта, дар он табодули маҳсулот хеле васеъ аст. Минтақаҳои мазкур чанд соҳаи ихтисосонида дошта метавонанд.

Дар миқёси мамлакат соҳаи ихтисосонидашударо чӣ хел

http://eduportal.uz

метавон муайян кард? Барои ин коэффитсиент ихтисосонидашудаи мавриди ҷустҷӯро бо К ишора мекунему формулаи зеринро тартиб медиҳем:

$$K = \frac{M}{A},$$

дар ин ҷо: М – саҳми маҳсулоти минтақа бино ба соҳаи мазкур дар мамлакат, А – саҳми аҳолии минтақа ба шумораи аҳолии мамлакат. Агар нишондиҳандаи К якбора калон шавад, донед, ки минтақа ба ин соҳа ихтисосонида шудааст. Ба калонию хурдии нишондиҳандаи ихтисосонидашавӣ (К) нигоҳ карда, дараҷаи ихтисосонидашавии минтақаро метавон муйян кард. Ба ҷуз ин, имконияти ихтисосонидашавӣ ба нақлиёт ва хароҷоти кашонидани маҳсулот низ вобаста аст. Танҳо қисми муайяни корхонаҳои истеҳсолии минтақа шомили соҳаҳои ихтисосонидашудаанд. Боқимондаашон ба соҳаи ихтисосонидашуда хидмат мекунанд, яъне соҳаҳои кӯмакрасонанд (масалан, дар хоҷагиҳои ба пахтапарварӣ ихтисосонидашуда ба сифати соҳаи ёрирасон беда, ҷуворимакка картошка низ мепарваранд, навъи муайяни чорво бонӣ карда мешавад, ё агар мошинсозӣ соҳаи ихтисосонида бошад, корхонаҳои металлгудозӣ ва энергетикаи маҳаллӣ соҳаҳои ёрирасон шуда метавонанд). Корхонаҳое, ки аҳолии минтақаро бо маҳсулоти хӯрокворӣ, либос, ашёи маданию маишӣ таъмин менамоянд, соҳаҳои хидматрасониро ташкил медиҳанд. Барои ҳамаи ин соҳаҳо таъминоти энергияю об, соҳаҳои нақлиёту ҳудуд умумӣ буда, дар ҷараёни истеҳсолот бо ҳам алоқа доранд. Пас, минтақаҳои иқтисодӣ натанҳо бо ихтисоси худ, балки бо рушди маҷмӯъи хоҷагӣ низ фарқ мекунанд.

Дараҷаи ривоҷёбии минтақаи иқтисодиро аз он метавон муайян кард, ки дар он кадом навъи маҷмӯъҳои истеҳсолии ҳудудӣ (МИҲ) мавҷуданд ва сатҳи ташаккулёбиашон то куҷост. Минтақаи




*Расми 84.* Минтақаҳои иқтисодии Ӯзбекистон.

http://eduportal.uz

иқтисодӣ дар миқёси мамлакат маблағҳоро хеле сарфа менамояд, меҳнати иҷтимоиро пурсамар мегардонад, ҳифзи табиат, шароити зиндагӣ, меҳнат ва истироҳати халқамонро беҳ месозад..



*МҲИ* – ҳамоҳангсозии корхонаҳои гуногунеро гӯянд, ки ба тамоми соҳаҳои истеҳсолот тааллуқ дошта, дар як ҳудуди муайян ҷойгир шудаанд.

Ба ин аз ҳисоби бо нақлиёт, энергетика ва базаи сохтмонии ягона канори ҳам дар ҳамоҳангӣ ҷойгир кардани корхонаҳои ба якдигар вобаста (дар асоси кооперативонидан, комбинатикунонӣ), ҳамчунин, истифодаи оқилона аз сарватҳои табиӣ, қувваи корӣ, ашёи хоми дуюмдараҷа ва партовҳо метавон ноил гардид. МҲИ имкон медиҳанд, ҳудудҳое, ки сарвати табииашон зиёд аст, зуд ва беталаф аз худ карда шаванд. Ҳар як МҲИ бо майдони дарбаргирифта ва таркиби соҳаҳои худ аз якдигар фарқ мекунанд. Дараҷаи такомулёбии маҷмӯъҳои байнисоҳавӣ низ як хел нест. Масалан, маҷмӯъи агросаноатӣ дар ҳамаи вилоятҳо ташаккул ёфтааст. Маҷмӯъи металлургияи ранга танҳо дар вилояти Тошканд ба нуқтаи камол расидааст. Дар вилоятҳои Самарқанду Бухоро бошад, дар зинаи поёнии ташаккулёбист, дар вилояти Хоразм ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон қариб ки вуҷуд надорад.



***Минтақаи иқтисодӣ***: а) мавқеи географии ба худ хос дорад; б) дар миқёси мамлакат ихтисосонида шудааст; в) хоҷагии маҷмӯии ташаккулёфта дорад; г) ҳудудест, ки бобати таъминкунӣ бо сарватҳои табиӣ ва қувваи корӣ аз дигар минтақаҳо фарқ мекунад.

Бо болоравии иқтисодиёт маҷмӯъҳои байнисоҳавӣ такмил меёбанд. Ин аст, ки робитаҳои ҳудудӣ низ такмил ёфта, имкони азнавсозии минтақаҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меояд (расми 84). Минтақаҳои иқтисодии мазкур аз ду ва ё воҳидҳои бештари маъмурии Ўзбекистон иборатанд. Масалан, минтақаи иқтисодии Тошканд аз шаҳри Тошканд ва вилояти Тошканд, минтақаи иқтисодии Мирзочўл аз вилоятҳои Сирдарёю Ҷиззах ташаккул ёфтааст.

Дар тўли солҳои истиқлолият таъмини мувозинати ҳудудии иқтисодиёт ва коҳиш додани номутаносибии минтақавӣ ба вазифаи устувори сиёсати давлатии Ўзбекистон табдил ёфт. Солҳои баъдӣ нақши

http://eduportal.uz

ҳудудҳо дар дигаргуниҳои таркибие, ки дар мамлакат рӯй медоданд, эҳсосшаванда буд.

Доир ба афзун гардондани иқтидори иқтисодӣ ва рақобатпазирии ҳудудҳо як қатор чорабиниҳо ба амал татбиқ гардиданд. Дараҷаи ривоҷёбии иҷтимоию иқтисодӣ ва тафовутҳои суръати рушди иқтисодии ҳудудҳои Ӯзбекистон бино ба чанд сабаби объективӣ – сатҳи ривоҷёбии давраи аввали ислоҳотҳои бозорӣ, ҷаззобияти инвеститсионӣ, рушди географии иқтисодӣ, сатҳи рушди инфрасохтор, иқтидори инноватсионӣ ва дигар омилҳо тавзеҳ дода мешавад.




*Расми 85.* Иштироки ҳудудҳо дар ташаккулёбии МИЯА (нисбати МИЯА ба ҳисоби фоиз, соли 2017)

Дар ташаккулёбии МИЯА -и ҷумҳурӣ, аз рӯйи саҳмгузорӣ ба МИЯА, шаҳри Тошканд бо нишондиҳандаи 15,5 % пешсаф аст (расми 85). Вилоятҳои Тошканду Самарқанд бо нишондиҳандаи 9,1 ва 7,1 % ҷойҳои баъдиро ишғол менамоянд. Саҳми камтарин ба МИЯА дар вилоятҳои Сирдарё, Ҷиззах, Хоразм ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба қайд гирифта шуд. Дар дарсҳои оянда саҳми ҳудудҳои мазкурро паси ҳам хоҳем омӯхт.

1. Бо кӯмаки омӯзгор муайян намоед, ки ноҳияи шумо ба истеҳсоли кадом маҳсулот ихтисосонида шудааст.
2. Ихтисосонидашавии минтақаро шарҳ диҳед.
3. Минтақаи иқтисодӣ чист? Ҳудуди мамлакатамон ба кадом минтақаҳои иқтисодӣ тақсим карда, омӯхта мешавад?

# Дарси 39-ум

## МИНТАҚАИ ИҚТИСОДИИ ТОШКАНД




***Мавқеи географии иқтисодӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Минтақаи иқтисодии Тошканд аз нигоҳи маъмурӣ шаҳри Тошканд ва вилояти Тошканд ташкил медиҳанд. Ду самти ин минтақа бо минтақаҳои иқтисодии Фарғонаю Мирзочўл пайваста, самтҳои боқимондааш то сарҳадҳои Қирғизистону Тоҷикистон доман паҳн кардааст. Ба туфайли мавқеи мусоиди географӣ Тошканд аз соли 1930 мақоми пойтахти Ўзбекистонро дороcт. Ба ихтисосонидашавӣ ва рушди ичтимоию иқтисодии қариб нисфи ноҳияҳои деҳотии вилояти Тошканд (Янгийўл, Қибрай, Бўстонлиқ, Паркент, Ўрта Чирчиқ, Тошканд ва Зангиато) таъсири пойтахт эҳсосшаванда аст. Зеро дар ноҳияҳои ба ин шаҳри азим пайваст, суръати дигаргуниҳои иқтисодию иҷтимоӣ назаррас аст. Инро дар мисоли ноҳияҳои атрофи шаҳр метавон бараъло мушоҳида кард (расми 86). Релефи ҳудуди минтақаи иқтисодӣ гуногун аст. Ин барои саноату хоҷагии деҳот имкониятҳои калон ба вуҷуд меоварад. То марзҳои Сирдарё дар масофаи 100 – 150 км паст шуда рафтани водиҳои Чирчиқу Оҳангарони минтақа барои обёрии сунъӣ басе мусоид аст. Дарёҳои аз боронҳои кўҳӣ саршори Чирчиқу Оҳангарон (500 – 700 мм), ба ҷуз обёрии заминҳо, дар ҳосил кардани нерўи барқ низ нақши муҳим доранд. Минтақаи иқтисодӣ бо оби тозаи ошомиданӣ хуб таъмин аст. Ба мақсади аз об самарабахштар истифода бурдан, дар болооби дарёи Чирчиқ обанбори Чорвоқ (Чорбоғ), ки гунҷоишаш 2,0 млрд. метри мукааб аст, барпо карда шуд. Ҳамчунин, дар болооби дарёи Оҳангарон обанбори Оҳангарон, поинтар аз он обанбори Туябўғиз («Баҳри Тошканд») сохта шудааст.

Аз ҷиҳати гуногунии канданиҳои фоиданок ягон минтақа бо минтақаи иқтисодии Тошканд баробар шуда наметавонад.

Ҳавзаи ангишти Ангрен кони бузургтарини ангишти мамлакат аст (миқдори захираи ангиштро ба ёд оред). Қабатҳои ангишт ба сатҳи замин наздиканд, дар байни қабатҳо гилмоя, ки дар истихроҷи алюминий, семент ва хамири сафолӣ ба кор меояд, бештар ба назар мерасад (бо истифода аз атлас конҳоро муайян намоед). Минтақаи иқтисодӣ нафту газ надорад. Маҳсулоти зарурии нафт тавассути нақлиёти роҳи оҳану автомобилгард, газ бо қубур оварда мешавад (аз атлас муайян намоед, ки онҳо аз куҷо оварда мешаванд).

http://eduportal.uz




*Расми 74* . Таъсири шаҳри бузург ба ноҳияҳои ҳамҷавори пойтахт.

***Аҳолӣ***. Қариб аз 1/4 қисми аҳолии мамлакатамон дар ҳамин минтақа зиндагӣ мекунад. Сахми аҳолии шаҳр дар минтақа, агар аҳолии шаҳри Тошкандро сарфи назар намоем, 50 фоизро ташкил медиҳад. Ҳамчунин аҳолии қобили меҳнат бо сатҳи баланди дониши худ фарқ мекунад. Ин ҳама ба шарофати аз азал дар Тошканд (пойтахт) ҷойгир шудани муассисаҳои таълими олӣ, Фарҳангистони улум ва пажӯҳишгоҳҳои (институтҳои илмию тадқиқотӣ) сершумори он аст. Ба ҷуз ин, зиёд будани идора ва корхонаҳои донишу малакаталаб низ аз омилҳои асосист (зичии аҳолӣ дар минтақа чӣ гуна аст?).

***Хоҷагӣ.*** Дар ибтидои асри XX минтақаи иқтисодии Тошканд, аз нигоҳи тараққиёт, баъди водии Фарғона меистод. Дар натиҷаи пайдо шудани конҳои гуногуни канданиҳои фоиданок дар минтақа, саноати кони кӯҳӣ ба вуҷуд омада, ба рушди босуръати саноати вазнин имконият фароҳам омад. Минтақа, бино ба рушди саноат, дар ҷумҳурӣ ба ҷойи якум баромад. Ҳоло хоҷагии минтақаи иқтисодӣ бисёрсоҳавӣ буда, қариб ҳамаи соҳаҳои саноати Ӯзбекистонро дар бар мегирад. Аз 2/3 қисми маҳсулоти умумии саноатӣ ба саноати вазнин рост меояд. Саноати сабук ва хӯрокворӣ низ ривоҷ ёфтааст.

http://eduportal.uz

***Сабабҳои асосии ривоҷёбии минтақаи иқтисодии Тошканд:*** а) мавқеи географию иқтисодии мусоиди минтақа: б) дар минтақа ҷойгир шудани пойтахти ҷумҳурӣ – Тошканд; в) мавҷудияти гидроэнергияи мавриди истифода; г) ёфт шудани канданиҳои фоиданоки гуногун ва истифодаи онҳо; д) дар вилояти Тошканд ҷойгир шудани аз нисф зиёди корхонаҳое, ки солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон аз ноҳияҳои ғарбии Иттифоқи собиқ ба Ӯзбекистон кӯчонда шудаанд; е) бештар ҷалб шудани мутахассисони соҳибмалака аз хориҷи кишвар.

***Маҷмӯъи сӯзишворию энергетикӣ хеле муқтадир аст.*** Асоси онро саноати электроэнергетика ташкил медиҳад. Қариб нисфи нерӯи барқи дар мамлакат истеҳсолшаванда ба ин минтақа рост меояд. Ин нишондиҳандаро ду ИБГ-и муқтадири минтақа ва каскади гидроэнергетикаи Чирчиқ – Бӯзсув таъмин менамояд. ИБГ-и Тошканд пурра бо газ, ИБГ-и Ангрен қисман, ИБГ-и Янги Ангрен бошад, бо ангишти маҳаллӣ кор мекунад. ***Фаъолияти иқтисодии берунӣ***. Минтақа бо беш аз 100 кишварҳои дуру наздики хориҷӣ робитаҳои тиҷоратӣ дорад. Ба хориҷа пахта, пилла, асбобу ускунаҳои зарури пахтакорӣ, мошинҳои бофандагӣ, кабел, экскватор, кранҳои борбардор, нерӯи барқ, пӯсти қарокӯлӣ, консентрати металлҳои ранга, ришта ва газворҳои абрешимин, канаб ва маҳсулоти канабӣ, ҳамчунин, мева фиристонда мешавад. Барои эҳтиёҷи минтақа чӯб, маҳсулоти нафт, гази табиӣ, маҳсулоти гуногуни саноатӣ, қисмҳои мошин ва молҳои серистеъмол оварда мешаванд. Дар робитаҳои дохилии иқтисодӣ аз автомобил ва қисман нақлиёти роҳи оҳан истифода бурда мешавад.

***Нақлиёт.*** Солҳои 1930 – 1940 дар минтақа роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд омаданд, роҳҳои сангфаршу асфалтпӯш сохта шуданд. Шоҳроҳи (тракт) Калони Ӯзбек (700 км) Тошкандро бо Тирмиз пайваст. Роҳи кӯҳии Тошканд – Ангрен – Қӯқанд аз нав сохта шуд, мувофиқи талаби андозаҳои ҷаҳонӣ ба роҳи байналхалқӣ табдил ёфт. Роҳи автомобилгарди Тошканд – Чиноз – Гулистон дар мамлакат роҳи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Роҳи оҳани Тошканд – Сирдарё – Ҷиззах, ки Тошканд – Ангрен, Тошканд – Чорвоқ ва Мирзочӯлро убур мекунад, аҳамияти калон дорад.

1. Кадом омилҳои таърихиву географӣ ба шумораи аҳолӣ, ҷойгиршавӣ ва таркиби миллии минтақаи иқтисодии Тошканд таъсир расондааст?
2. Минтақаи иқтисодии Тошканд дар саноатикунонии мамлакат чӣ нақш дорад?
3. Сабабҳои мусоидии мавқеи географии ба худ хоси Тошканд дар чист?



http://eduportal.uz

# Дарси 40-ум

## ВИЛОЯТИ ТОШКАНД

*Мавқеи географии вилоятро аз атлас муайян намоед. Шумораи аҳолӣ ва ҳаҷми майдони онро аз иловаи ҷадвали 1-ум муайян кунед.*

***Саноат***. Дар аксарияти соҳаҳои иқтисодиёт, аз омода кардани ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёр,– ҳамаи марҳилаҳо дар вилоят ба анҷом мерасанд.

***Соҳаҳои асосии саноат:*** электроэнергетика, металлургияи сиёҳу ранга, мошинсозӣ, саноати сабук (пахтатозакунӣ) ва хӯрокворияндд (расми 87).

***Маҷмӯъи металлургия*** низ ривоҷ ёфтааст. Бино ба робитаҳои истеҳсолӣ ва ҷойгиршавиии географӣ минтақаҳои саноатии Тошканд – Чирчиқ, Тошканд – Янгийўл, Ангрен – Олмалиқ ба вуҷуд омадаанд. Дар минтақаи саноатии Ангрен – Олмалиқ қисми асосии маҳсулоти саноати металлургияи рангаи мамлакат тайёр карда мешавад. Дар таркиби маъдани мис молибен, тилло ва нукра низ ҳаст. Дар ин ҷо комбинати металлургияи кӯҳии Олмалиқ фаъолият дорад.

Чирчиқ маркази дуюми металлургияи ранга мебошад. Дар шаҳр комбинати маъданҳои душворгудоз ва ба оташ тобовар мавҷуд аст. Ҷараёни истеҳсолии комбинат ба конҳои маъдани Ингичка, Қўйтош ва Олмалиқ вобаста аст. Комбинат беш аз 100 намуди маҳсулотро истеҳсол менамояд. Заводи металлургияи Ӯзбекистон, воқеъ дар шаҳри Бекобод, корхонаи азими металлургияи сиёҳ маҳсуб меёбад. Ба ҷойи ашёи хом аз оҳанпораҳо истифода бурда мешавад. Маҷмӯи мошинсозӣ даставвал дар заминаи маҷмӯъи агросаноатӣ ба вуҷуд омадааст. Дар ҳоли ҳозир мошинсозӣ, ба ҷуз хидматрасонӣ ба маҷмӯи агросаноатӣ, мошинҳои мураккаби гуногуннавъро низ истеҳсол менамояд. Асбобу ускунаҳои гуногуне, ки дар минтақа истеҳсол карда мешаванд, аз он ҷумлаанд.

Дар вилоят саноати масолеҳи бинокорӣ дар заминаи пурвусъати сохтмон ва ашёи хоми гуногун ривоҷ ёфт. Дар Бекобод, Ангрен ва Оҳангарон семент, дар Ғазалкент оина (шиша) ва мармар, дар Оҳангарон шифер истеҳсол карда мешавад. Рушди босуръати саноат, дар навбати худ, сабаби бадшавии вазъи экологӣ мегардад.

http://eduportal.uz




*Расми 87.* Вилояти Тошканд.

***Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ*** – пахтакорӣ, ғаллапарварӣ, сабзаводкорӣ, боғдорӣ, чорводории гӯшту шир.

***Хоҷагии қишлоқаш*** серсоҳа буда, бобати рӯёндани сабзавоту мева аз вилоятҳои дигар пешсаф аст. Ноҳияҳои Янгийӯл, Қибрай, Бӯстонлиқ, Паркент, Оҳангарон, Тошканд ва Зангиато минтақаи томи ба пойтахт

http://eduportal.uz

пайвастро ташкил дода, асосан, ба рӯёндани сабзавоту мева ихтисосонида шудаанд. Дар ҳудуди онҳо ҳазорҳо гектар гармхонаҳо мавҷуданд. Дар заминҳои обёришаванда, ба ҷуз пахта, канабу шолӣ низ парвариш карда мешавад. Умуман, хоҷагии деҳоти вилоят бо роҳи интенсивӣ ривоҷ меёбад. Дар атрофи гиреҳҳои саноатӣ маҷмӯъҳои чорводрии гӯшту шир, паррандапарварӣ ривоҷ меёбанд, дар ҳавзҳои сунъӣ моҳӣ зиёд карда мешавад. Дар ҳамоҳангӣ бо пахта кирми пилла парвариш меёбад. Дар вилоят соҳаи иҷтимоӣ низ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар атрофи Тошканд истироҳатгоҳҳои «Қибрай» ва «Тошкент минерал суви» фаъолият доранд. Дар ҳудудҳои Чорвоқу Чимёни ноҳияи Бӯстонлиқ ва Кумушкони ноҳияи Паркент масканҳои истироҳатӣ доман паҳн кардаанд. Аксарияти марказҳои саноатии вилояти Тошканд бо пойтахт алоқаи бевоситаи узвӣ доранд. Марказҳои саноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ихтисосашон гуногун фароҳам омадаанд. Инҳо минтақаҳои саноатии Тошканд – Чирчиқ, Тошканд – Янгийӯл ва Ангрен – Олмалиқанд. Пойгоҳи минтақаҳои саноатии Тошканд – Чирчиқ ва Тошканд – Янгийӯл шаҳри Тошканд буда, ба таркиби он гиреҳҳои саноатии шаҳрҳои хурду миёнае, мисли Чирчиқ, Янгийул, Ғазалкент, Пскент, Нурафшон, Чиноз, Келес дохил мешаванд. Ҷавҳари минтақаи саноати Ангрен – Олмаликро гиреҳҳои саноатии Олмалиқу Ангрен ташкил медиҳанд. Ба он шаҳрҳое, мисли Оҳангарону Янгиобод низ шомиланд. Гиреҳи саноатии Бекобод аз ин ду минтақаи саноатӣ  каме канортар, дар ҷануби вилоят ҷойгир шудааст..




*Расми 88.* Саҳми вилояти Тошканд дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (фоиз, соли 2017)

***Шаҳрҳо.*** Дар 30 километри шимолу шарқии Тошканд шаҳри кимиёгарон ва мошинсозон – Чирчиқ ҷойгир шудааст. Заводи маъданҳои душворгудоз ва ба гармӣ тобовари шаҳр корхонаи муҳими маҷмӯъи металлургия мебошад. Дар болотар аз Чирчиқ шаҳри ҷавони Ғазалкент воқеъ аст. Он ба шаҳри курортӣ табдил меёбад. Дар 30 километри ҷанубу ғарбии Тошканд гиреҳи саноатӣ – Янгийӯл ҷойгир шудааст. Шаҳр дар ҷойи қадимии деҳаи Қовунчӣ ташаккул ёфта, ба саноати сабук ва хӯрокворӣ ихтисосонида шудааст. Дар байни корхонаҳои саноатӣ ба назар намоёнтаринашон заводҳои пахтатозакунӣ,



*Расми 89.* Лоиҳаи шаҳри Нурафшон – нахустин «Шаҳри боакл»-и Ўзбекистон.

равған, собун, шир, вино, консерва ва комбинати гўшт мебошад.

***Ангрен*** – гиреҳи саноатии муҳими вилоят мебошад. Ангрен тавассути роҳи оҳан ва автомобилгард бо Тошканд пайвастааст. Шаҳр соли 1940, бо баҳонаи истихроҷи ангишт, ба сифати пункти саноатӣ пайдо шудааст. Ҳоло шаҳри Ангрен чанд корхонаи ба саноати кўҳӣ алоқамандро муттаҳид сохта, ба гиреҳи саноатӣ табдил ёфтааст. Дар саноати шаҳр НБГ мавқеи алоҳида дорад.

Маркази саноатии Оҳангарон ба Олмалиқ наздик ҷойгир шудааст. Дар Оҳангарон заводи азими семент мавҷуд аст. Вақте маълум гардид, ки он дар болои қабатҳои ангишт қарор дорад, мисли Ангрен шаҳри Оҳангарон низ аз ҷойи пештарааш ба самти водӣ, 15 км дуртар, кўчонда шуд. Ва шаҳри «Оҳангарони калон» бунёд гардид.

Дар ҷануби вилоят шаҳри Бекобод ҷойгир шудааст. Шаҳр дар ҷараёни бунёди заводи металлургӣ ва НБО-и Фарҳод ба вуҷуд омадааст. Ҳоло дар шаҳр заводҳои семент, пахтатозакунӣ, гўшт, комбинати гўшт ва карери сангу шағал низ мавҷуд аст. Корхонаҳои мазкур ҷараёни истеҳсолии ба ҳам вобаста доранд. Шаҳр дар мавзеи бодхояш тунд ҷойгир шудааст. Аз ин рў, дар шаҳр дарахтони иҳотавии аз бод ҳимоякунанда шинонда шудаанд.

1. Роҳи кўтоҳтарини автомобилгарди байни Тошканду Бекободро аз харита ёбед.
2. Аз расми 87 тарзи ҷойгиршавии боғу токзорҳои вилояти Тошкандро муайян намоед, сабаби чунин ҷойгиршавии онҳоро фаҳмонед.
3. Доир ба омилҳои серсоҳа гардидани хоҷагии деҳоти вилоят андеша ронед.
4. Гиреҳи саноатии Янгийўлро бо гиреҳҳои саноатии Ангрену Олмалиқ муқоиса намуда, фарқҳои асосиашонро нишон диҳед.

http://eduportal.uz

# Дарси 41-ум

## ШАҲРИ ТОШКАНД

***Тошканд*** – пойтахти Ҷумҳурии Ўзбекистон аст, маркази азимтарини сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ буда, 2,5 миллион нафар аҳолӣ дорад. Имрўз Тошканд на танҳо маркази сиёсии мавқеи байналхалқии стратегидошта, балки дар гиреҳи бузурги нақлиёти Осиёи Марказӣ мегаполиси муҳими иқтисодӣ мебошад (расми 90).

Қароргоҳи Президенти Ўзбекистон, Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, Девони Вазирон, сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ,




*Расми 90.* Нақшаи шаҳри Тошканд.

ваколатхонаҳои СММ ва созмонҳои байналхалқии таркиби он дар Тошканд ҷойгир шудаанд.

***Шаҳри Тошканд*** дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат пешсаф аст. Хусусан, дар маҳсулоти умумие, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад, саҳми пойтахт бештар аст.

Мавқеи саноатии пойтахт, ки аз соҳаҳои пешқадами иқтисодиёт ба шумор меравад, мисли ҳамеша устувор аст. Корхонаҳои саноатӣ натанҳо муқтадиранд, балки технологияи баланд низ доранд. Энергетикаи шаҳр ба шабакаи гидроэлектростансияҳои Чирчиқ – Бўзсув ва НБГ-и Тошканд такя мекунад. Онҳо ба шабакаи ягонаи энергетикии мамлакат васл шудаанд.

Тошканд гиреҳи муҳими нақлиёт аст. Роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилгарде, ки Осиёи Миёнаро бо мамлакатҳои дигар мепайванданд, тавассути Тошканд мегузаранд. Ба ҷуз ин, шаҳрро бо минтақаҳои наздишаҳрӣ электропоезд низ мепайвандад. Тошканд тавассути роҳи ҳавоӣ бо беш аз 40 шаҳри дунё пайвастааст. Шаҳр дорои 2 вокзали роҳи оҳан, 3 аэропорт ва метрополитен аст (расми 91). Тавассути метрополитен, ки беш аз 36 км. дарозӣ дорад, соле беш аз 60 млн. мусофир кашонда мешавад.



*Расми 91.* Метрополитени Тошканд.

Тошканд дар сартосари Осиёи Марказӣ бузургтарин маркази илмию фарҳангист. Дар Тошканд Фарҳангистони улуми Ўзбекистон, садҳо пажўҳишгоҳи илмӣ ва муассисаҳои таълими олӣ, мактаб, литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунари замонавӣ, театру толорҳои консертӣ, сирк, стадионҳои замонавӣ ва ҳ. мавҷуданд. Зери таъсири Тошканд дар ноҳияҳои назди Тошканд ҷараёни ***урбанизатсия*** доман густурдааст.

***Урбанизатсия*** – афзоиши аҳолии шаҳр ва шаҳрҳо, ҷараёни доман паҳн кардани тарзи ҳаёти шаҳр дар мамлакат.

Ҳоло майдони шаҳр беш аз 330 км мураббаъро ташкил медиҳад, он ҳудудҳои берун аз роҳи ҳалқаи автомобилгардро низ дар бар мегирад. Дар заминаи таъсири иқтисодию иҷтимоии пойтахт, дар дарозои ҳудуди он, дар радиуси 60 – 70 км, агломератсияи Тошканд – иборат аз 10 ва даҳҳо шаҳрак, ба вуҷуд омадааст (расми 92).




*Расми 92.* Агломератсияи Тошканд.



***Агломератсия*** – ҷамъ омадани шаҳрҳо дар атрофи шаҳри бузург.

Қаряҳои аҳолинишини мазкур, асосан, дар фосилаи байни Чорвоқу Сирдарё, ба роҳҳо наздик ҷойгир шудаанд. Онҳо баҳри ба низом даровардани тараққиёти Тошканд шароити мусоид фароҳам меоваранд. Дар ҳоли ҳозир дар пойтахти мамлакатамон маҷмӯъи наву замонавии «Tashkent City» бунёд мегардад. Ба ҷараёни сохтмон экспертҳои ватанию хориҷӣ ҷалб карда шудаанд. Дар ҷараёни сохтмони «Tashkent City» барои намояндагони бахши тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст (расми 93).

Ин ҷо сохтмон аз ҳудуди сабз сар карда то дизайну намои замонавӣ, дар мадди назар аст. Дар маҳалҳо майдончаҳои махсус ва барои ояндагон ҷойҳои дамгирӣ бунёд мегарданд. Дар ин ҷо дар як вақт метавон ҳам дам гирифт, ҳам бо тиҷорат машғул шуд. Ба ривоҷи соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Барои ба зилзила тоб овардани пойдевору биноҳо таҷрибаи шаҳрҳои Сан – Франсиско, Истанбул ва Токио омӯхта мешавад. Маълум, ки Ӯзбекистон дар ҳудуди сейсмологӣ ҷойгир шудааст. Аз ин рӯ,

http://eduportal.uz




*Расми 93.* «Tashkent City»

мутахассисон ба бехатарӣ ва мустаҳкамии биноҳо эътибори алоҳида медиҳанд. Аз ҷумла, меъморон ва дизайнсозон ҳар як кунҷаку бурчак ва деталлро дақиқ аз назар мегузаронанд.

Бунёди конгресс – холл, меҳмонхона ва қароргоҳи зеризаминии автомобилҳо низ пешбинӣ шудааст. Майдони умумии конгресс – холл 33 ҳазор метри кв. мебошад. Бинои мазкур барои вохӯрии роҳбарони давлатҳои хориҷӣ ва меҳмонони баландмартаба хидмат мекунад. «Tashkent City» меҳмонхонаро ҳам «фаромӯш накардааст». Дар маҷмӯъи мазкур яке аз меҳмонхонаҳои машҳур сохта хоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир доир ба сохтани меҳмонхонаи «Hilton Hotels & Resorts» дар маҷмӯъи мазкур музокира бурда мешавад. Бояд гуфт, ки аввалин меҳмонхонаи «Hilton Hotels & Resorts» соли 1919 дар штати Техаси ИМА сохта шудааст. Ҳоло тахти бренди мазкур дар 103 мамлакати дунё беш аз 5 ҳазор меҳмонхона фаъолият дорад.

Бояд таъкид намуд, ки сохтмони конгресс – холл ва дигар биноҳо дар «Tashktnt City» ба даромадани инвеститсияи хориҷӣ ба мамлакатамон кӯмак мерасонад, зеро барои тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

1. Нақшаи шаҳри Тошкандро аз назар гузаронда, сарҳадҳои мавқеи географии микро, мезо ва макроро муайян намоед.
2. Аҳамияти дарёи Чирчиқ ва каналу наҳрҳоеро, ки аз дохили шаҳри Тошканд мегузаранд, шарҳ диҳед.
3. Ба расми 90 нигоҳ карда муайян намоед, ки дар шаҳри Тошканд кадом ёдгориҳои маданӣ, осорхона, театр ва боғҳои истироҳатӣ мавҷуданд.

http://eduportal.uz

# Дарси 42-ум

# МИНТАҚАИ ИҚТИСОДИИ МИРЗОЧЎЛ

*Аз ҷадвали 1-уми иловаи китоби дарсӣ шумораи аҳолии минтақа ва майдони онро муайян намоед.*




***Мавқеи иқтисодӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Минтақаи иқтисодии Мирзочўл аз вилоятҳои Сирдарёву Ҷиззах таркиб ёфтааст. Минтақа бо минтақаи ривоҷёфтаи Тошканду Зарафшон ҳамсарҳад аст. Метавон гуфт, ки мавқеи географии минтақа басе мусоид аст. Мусоидии мавқеи иқтисодию географии минтақаро аз вазъи нақлиётию географии он низ бараъло метавон мушоҳида кард (Аз расми 70 муайян кунед, ки роҳҳои оҳан, автомобилгард ва нақлиёти қубурӣ аз кадом ҳудуд мегузаранд). Минтақаро асосан дарёҳои Сирдарё, Сангзор ва Зомин бо об таъмин менамоянд. Паҳно бо нақлиёт ва иншооти ирригатсионӣ зич фаро гирифта шудааст. Конҳои кашфшудаи волфрам, қўрғошим, руҳ ва тиллои минтақа дорои аҳамияти саноатианд. Масолеҳи сохтмонӣ, шағал, гаҷ ва оҳак бисёр аст. Аксар вақт ҳавои сарди Арктика аз шимол ба минтақа даромада, сардии ҳаворо зиёд мекунад. Дар ин маврид дарахтони мевадор зарари ҷиддӣ мебинанд. Боди тунде, ки аз водии Фарғона мевазад, намии заминро гурезонда, зироатҳоро пажмурда месозад, ҳосилнокӣ паст мешавад.

***Аҳолӣ.*** Аҳолии ин ҷо, асосан, мувофиқи нақша аз дигар ҷойҳо кўчонда оварда шудаанд. Ноҳия аз рўйи шумораи умумии аҳолӣ дар байни ноҳияҳои иқтисодию географии мамлакат ҷойи охиринро ишғол менамояд. Ҷойгиршавии географии шаҳру деҳоти нави азхудшудаистодаи минтақа дар хурдию калонӣ ва таркиби миллии аҳолӣ равшан ифода меёбад. Манзилҳои аҳолинишин, асосан, дар канори роҳҳои калон барпо шудаанд. Зиёда аз 45 фоизи аҳолӣ дар шаҳрҳо истиқомат мекунанд.

***Муассисаҳои таълими олии шаҳрҳои*** Тошканду Самарқанд барои минтақа мутахассис тайёр мекунанд. Аммо, бо назардошти истиқболи ривоҷёбии минтақа, ба ин ҷо аз минтақаҳои иқтисодию географии Самарқанд, Фарғона ва Тошканд ҷалб кардани мутахассисони баландмалака мувофиқи мақсад аст.

***Хоҷагӣ ва ташкили ҳудудии он***. Азхудкунии Мирзочўл, асосан, ба солҳои 50 – 60-уми асри XX рост меояд. Азхудкунии заминҳои нав, бо усули дар як вақт барпо намудани иншоотҳои обёришаванда, роҳҳо, шабакаҳои интиқоли барқ ва муассисаҳои маданию маишӣ сурат гирифтааст.

Минтақаи иқтисодию географии Мирзочўл аз чор як қисми ҳосили умумии пахтаи мамлакатро медиҳад. Мавҷмўъи агросаноатӣ дар минтақа хеле ривоҷ ёфтааст. Дар 45 фоизи майдонҳои умумӣ пахта, қариб ба ҳамин миқдор зироатҳои донӣ кошта мешаванд.

Полезкорӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Харбузаҳои Мирзочўл дар берун аз Ўзбекистон низ машҳуранд (расми 94).

Дар чорводорий саҳми гўсфандони қарокўлӣ калон аст. Гўсфандони қарокўлӣ дар чарогоҳҳои саҳроии шимолу ғарбии минтақа парвариш карда мешаванд. Ривоҷёбии бештари чорводорӣ ба кишти растаниҳои озуқабоби чорво ва хошок, хусусан, ба васеътар шудани майдонҳои бедаю ҷуворимакка вобаста аст. Ҳоло дар минтақа саноат низ босуръат ривоҷ меёбад. Саноатҳои электроэнергетика, масолеҳи сохтмонӣ, сабук, хурокворӣ рў ба тараққӣ ниҳодаанд. Нерўи барқи НБГ-и Сирдарё ба берун аз минтақаи иқтисодӣ низ бароварда мешавад.



*Расми 94.* Харбузаҳои Мирзочўл.

***Нақлиёт.*** Нақлиёти автомобилӣ хеле ривоҷ ёфтааст. Роҳҳои автомобилгард ба беш аз 12 ҳазор км. тўл кашидаанд, аз ин миқдор қариб 10 ҳазор километраш сангфарш аст.

1. Аҳамияти иқтисодиву хусусиятҳои ба худ хоси шароити табиӣ ва мақеи географии минтақаи иқтисодиро фаҳмонда диҳед.
2. Аз куҷо метавон донист, ки минтақаи иқтисодӣ ба наздикӣ аз худ карда шудааст? Мисолҳо оред.
3. Дар доираи минтақа ва робитаи он бо минтақаҳои дигар аз кадом нақлиёт истифода мешавад? Сабабашро фаҳмонед.

http://eduportal.uz

# Дарси 43-ум

## ВИЛОЯТИ СИРДАРЁ

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдон ва шумораи аҳолии вилоятро муайян намоед.*

Вилояти Сирдарё қисми азхудшудаи Мирзочӯлро дар бар мегирад. Дар вилоят заминҳои киштбоб зиёданд. Аммо, ба туфайли баъзе номусоидии ба табиати он хос, дар деҳқонӣ лозим меояд, ки меҳнату маблағи зиёд сарф гардад. Барои бартараф намудани номусоидиҳои табиат дарахтони иҳотавӣ шинондан лозим, бояд захбурҳо канда, обҳои зеризаминиро гурезонд ва заминро обшӯй кард.

Дар вилояти Сирдарё 2,5 фоизи аҳолии мамлакат зиндагӣ мекунад. Аҳолӣ дар ҳудудҳои обёришаванда ҷойгир шудааст. Ба мақсади азхудкунии заминҳои нав аз вилоятҳои дигар қувваҳои корӣ ҷалб карда шудаанд. Ҳоло вилоят қувваи кории худро дорад.

***Соҳаҳои асосии хоҷагии деҳот:*** пахтакорӣ, ғаллакорӣ, полезкорӣ, чорвои таъиноти гӯшту шир. ***Соҳаҳои асосии саноат:*** электроэнергетика, саноати сабук (пахтатозакунӣ), хӯрокворӣ, орду ярма (расми 95).




*Расми 95.* Вилояти Сирдарё.




*Расми 94.* Саҳми вилояти Сирдарё дар Ҷумҳурии Ўзбекистон (фоиз, с.2017)

Асоси хоҷагии вилоятро хоҷагии деҳот ташкил медиҳад. Вилоят аз ҷиҳати калонии майдонҳои кишт дар ҷумҳурӣ пешқадам аст. Қариб дар нисфи майдонҳо пахта кишт карда мешавад. Дар ноҳияҳои Гулистону Ховос сабзавоту зироати полезӣ кишт карда мешавад. Боғдорию ангурпарварӣ низ ривоҷ ёфтааст.

Дар вилоят саҳми саноат, баъди кишоварзӣ, дар ҷойи дуюм аст. Ҳоло беш аз 80 корхонаи саноатӣ мавҷуд аст. Асоси саноати вилоятро истеҳсоли электроэнергия ташкил медиҳад. НБГ-и Сирдарёи шаҳри Ширин, заводи равғану экстраксияи шаҳри Янгиер ва заводҳои пахтатозакунии вилоят корхонаҳои азими саноатӣ ба шумор меравaнд. Дар вилоят даҳҳо корхонаҳои муштарак фаъолият доранд.

***Шаҳрҳо***. Вилоят 5-то шаҳр дорад. ***Гулистон*** маркази маъмурии вилоят мебошад. Шаҳр дар сари роҳи оҳан ва шоҳроҳи автомобилгард ҷойгир шудааст. Беш аз ним аср аст, ки мақоми шаҳрро гирифтааст. Дар шаҳр заводҳои пахтатозакунӣ, равғану экстраксия, нон ва элеватор фаъолият доранд. Дар шаҳр донишгоҳ, якчанд литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар ва дигар муассисаҳои маданиву маишӣ мавҷуданд.

***Янгиер*** соли 1957 бунёд шудааст. Дар шаҳр заводи истеҳсолкунандаи қубури сафолин ва қубурҳои ба фишори баланд тобовар, ҳамчунин, комбинати ашёи оҳану бетонӣ фаъолият доранд. Комбинат сутунҳои барқӣ, новаҳои бетонӣ ва пояҳои ба он пешбинишударо истеҳсол менамояд. Номусоидии ба худ хоси мавқеи географии шаҳр ба ривоҷёбии он таъсири манфӣ мерасонад.

1. Аз харита сарҳадҳои вилояти Сирдарёро нишон диҳед, хусусиятҳои ба худ хоси табиати онро ёдрас намоед.
2. Хусусиятҳои ба худ хоси вилоятро нақл кунед.
3. Кадом омилҳо дар бунёди шаҳрҳои вилоят нақши муҳим доранд?
4. Роҳи кўтоҳтаринеро, ки ноҳияи шуморо ба маркази вилояти Сирдарё мепайвандад, муайян намоед.

http://eduportal.uz

## Дарси 44-ум

# ВИЛОЯТИ ҶИЗЗАХ

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдони вилоят, шумора ва зичии миёнаи аҳолиро муйян намоед.*

Вилояти Ҷиззах дар ҷанубу ғарбии минтақаи иқтисодии Мирзочӯл ҷойгир шудааст. Замини вилоят бо оби дарёи Сангзор ва канали Мирзочӯли Ҷанубӣ обёрӣ карда мешавад. Ҳудуди он ба самти шимол нишеб буда, барои обёрии сунъӣ мусоид аст (расми 97).

Аз ҳудуди вилоят сарватҳои гуногуни табиие, ки барои хоҷагии серсоҳа асос шуда метавонанд, ёфт шудаанд. Дар пастхамиҳои қаторкӯҳи Туркистон мамнӯъгоҳи ҷангали кӯҳии Зомин ташкил дода шудааст. Дар ин ҷо доир ба олами растанӣ ва ҳайвонҳои кӯҳӣ тадқиқот




*Расми 97.* Вилояти Ҷиззах.

http://eduportal.uz



*Расми 98.* Осоишгоҳи (санатория) Зомин.

бурда мешавад. Дар ин ҷойи хушманзара санаторияи «Зомин» низ қад рост кардааст (расми 98).

Дар вилояти Ҷиззах Боғи миллии табиии Зомин низ ташкил дода шудааст. Боғи миллӣ маъвои истироҳат буда, дар ин боғ таъсири саноат ба муҳити табиӣ низ тадқиқ карда мешавад. Дар ҳудуди Ғаллаорол оби шифобахш, дар кӯли Баликчӣ бошад, сиёҳгили давоӣ бисёр аст. Аз кони Учкулоч маъдани полиметалл, кони Марҷонбулоқ тилло ва конҳои Оқтошу Қаротошу Узун мармар канда мешавад.

***Аҳолӣ***. Дар вилояти Ҷиззах 4 фоизи аҳолии мамлакат зиндагӣ мекунад. Қариб нисфи аҳолӣ дар шаҳрҳо сукунат доранд. Беш аз 81 фоизи аҳолиро ӯзбекон ташкил медиҳанд.



***Соҳаҳои асосии саноат***: металлургияи ранга, мошинсозӣ, кимиё, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ. ***Соҳаҳои асосии хоҷагии деҳот:*** пахтакорӣ, ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ, боғдорӣ, чорводории гӯшту шир.

Вилоят дорои маҷмӯъи сӯзишворию энергетикии худ аст. Ба он гази табиӣ аз вилояти Бухоро, нерӯи барқ аз вилояти Сирдарё интиқол дода мешавад. Саноати маъдани кӯҳӣ дар Қӯйтош ривоҷ ёфтааст. Дар кӯҳҳои Нуратои Шимолӣ волфраму молибден мавриди истифодаанд. Канданиҳои мазкур ашёи хоми асосии маъданҳои душворгудоз ва ба оташ тобовари комбинати Чирчиқ ба шумор мераванд. Дар Ҷиззах заводи аккумулятор, фабрикаи трикотажӣ, заводҳои полиэтиленистеҳсолкунӣ

ва масолеҳи бинокорӣ фаъолият доранд. Бо фирмаҳои хориҷӣ қариб 20 корхонаи муштарак ташкил дода шудааст. Қисми асосии маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои саноати сабук истеҳсол карда мешаванд. ***Хоҷагии деҳот.*** Вилоят дорои 1,2 млн. гектар замини кишт аст. Сеяки қисми он барои деҳқонӣ истифода бурда мешавад. Дар вилоят, дар баробари пахта, саҳми ғаллакорӣ низ назаррас аст(расми 99). Калонтарин майдонҳои ғаллаи мамлакатамон дар вилояти Ҷиззаханд. Дар вилоят то истиқлолият 210 ҳазор тонна пахта, 80 ҳазор тонна ғалла рӯёнда шуда бошад, ҳоло ин нишондиҳанда чанд баробар зиёд аст. Дар вилоят чорводории саҳроӣ, дар ноҳияҳои ғаллакории он паррандапарварӣ ривоҷ ёфтааст. Дар хоҷагии махсуси Ҷиззах аспи зоти қорабайир (сиёҳҷурда) парвариш карда мешавад. Ҷиззах бо роҳҳои оҳану автомобилгард хуб таъмин карда шудааст. Бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолот ба сохтмони роҳҳои автомобилгард эътибори алоҳида дода мешавад.




*Расми 99.* Саҳми вилояти Ҷиззах дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (ба ҳисоби фоиз, соли 2017).

***Шаҳрҳо*.** Шаҳри Ҷиззах маркази маъмурии вилоят мебошад. Он дар баландии 450 м. аз сатҳи баҳр, дар соҳили дарёи Сангзор қад рост кардааст. Роҳи оҳани Тошканд – Самарқанд ва шоҳроҳи автомобилгарди Катта Ӯзбек аз наздикии шаҳр мегузарад. Дар ибтидои асри XX дар Ҷиззах осиёб, корхонаҳои чувозкашӣ, оҳангарӣ ва кулолӣ будаанд. Ҳоло дар шаҳри Дар Ҷиззах корхонаҳои хӯрокворӣ, саноати сабук, мошинсозӣ ва кимиё мавҷуданд. Ҷиззах шаҳри ободу сабзу хуррам аст. Донишкадаи давлатии омӯзгории Ҷиззах, Донишкадаи политехникии Ҷиззах, якчанд литсейи академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар ва мактабҳо фаъолият доранд.

1. Дар байни мавқеи географӣ ва шароити табиии Ҷиззах чӣ алқамандӣ ба назар мерасад?
2. Хусусиятҳои ба худ хоси хоҷагии вилоятро фаҳмонед, сабабҳояшро шарҳ диҳед.
3. Агар ба Ҷиззах рафтанӣ бошед, бояд аз кадом манзилҳои аҳолинишин гузаред?
4. Ба манзили шумо аз кадом дарё ё канал об меояд?



http://eduportal.uz

## Дарси 45-ум

# МИНТАҚАИ ИҚТИСОДИИ ФАРҒОНА




***Мавқеи географӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Минтақаи иқтисодии Фарғона аз нигоҳи маъмурӣ аз вилоятҳои Андиҷон, Намангон ва Фарғона ташкил ёфтааст. Минтақаи иқтисодии мазкур ҳарчанд беш аз 4 фоизи ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад, дар он сеяки аҳолии Ўзбекистон истиқомат мекунад. Ҳудуди минтақаро аз чор тараф кўҳҳо иҳота намудаанд. Манбаи канданиҳои фоиданок асосан дар кўҳҳоянд. Дар байни кўҳҳо ҷойҳои хушманзаре, мисли Шоҳимардон, Нанай, Ғовасой ва Косонсой ҳастанд. Дар ин ҷойҳо хонаҳои дамгирӣ, санатория ва дигар мавзеъҳои истироҳатӣ сохта шудаанд. Аз пасттарин ҷойи минтақаи иқтисодӣ дарёи Сирдарё ҷорӣ мешавад. Ҳазорҳо сол аст, ки аҳолӣ бо деҳқонии обёришаванда машғул аст, яъне маданияти деҳқонии ташаккулёфта дорад. Дар ҳудуди он нафт, газ, кибрит, қалъагӣ, тилло, гили ба оташ тобовар, масолеҳи гуногуни бинокорӣ, обҳои давоӣ ёфт шудаанд. Ба кор даровардани конҳо қулай аст. Дар аҳде, ки Роҳи бузурги абрешим аз ин ҳудуд мегузашт, кишоварзӣ, тиҷорат ва ҳунармандӣ хеле ривоҷ ёфта будааст. Дар охири асри XIX роҳи оҳан сохта шуд. Дар солҳои истиқлолият роҳи оҳани «Ангрен – Поп», ки минтақаро бо дигар ҳудудҳои мамлакат мепайвандад, сохта ба итифода дода шуд. Ин ҳама ба беҳ гардидани мавқеи географии иқтисодии он мусоидат намуд.

***Аҳолӣ.*** Минтақа аз нигоҳи шумора, зичии аҳолӣ, саҳми қувваи корӣ дар байни минтақаҳои иқтисодии мамлакат дар ҷойи якум қарор дорад. Ин афзоиш афзоиши табиист. Ба сабаби афзоиши босуръати аҳолӣ ва маҳдуд гардидани азхудкунии майдонҳои нав қувваи кории зиёдатӣ бисёр мешавад. Дар минтақа шаҳрҳои бузург, шаҳрак ва деҳаҳо зиёданд. Дар таркиби қувваи корӣ саҳми кадрҳои малаканок, нисбат ба дигар минтақаҳо, бештар аст. Аҳолӣ дар Фарғонаи Марказӣ нисбатан тунуктар аст. Дар минтақа дараҷаи урбанизатсия баланд аст, 58 фоизи аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд.

***Хоҷагӣ ва ташкилёбии ҳудудии он***. Маҷмўъи истеҳсолию ҳудудии Фарғона хеле такмил ёфтааст. Он дар ибтидои асри гузашта ҳам бо ҳамин ҷиҳати худ аз дигар минтақаҳо фарқ мекард..

***Хоҷагии деҳоти*** он аз дигар минтақаҳо бо интенсивнокии баланди худ фарқ мекунад. Минтақа қариб 25 фоизи пахтаи мамлакатро медиҳад. Дараву пастхамиҳои кўҳӣ имкони аз техника истифодабариро маҳдуд мегардонад.

http://eduportal.uz

Барои ҳамин ҳам дар ин заминҳо дарахтони мевадор мешинонанд (расми 100).

Дар атрофи шаҳрҳо боғҳои мева, ангурзор, сабзавот, картошка, полезиҳо доман паҳн кардаанд. Чорводорӣ, асосан, ба расонда додани ширу гӯшт ихтисосонида шудааст. Минтақа яке аз пойгоҳҳои мамлакат аст, қариб 45 фоизи пиллаи Ӯзбекистонро медиҳад.



*Расми 100.* Боғҳои вилояти Андиҷон.

***Саноат.*** Тӯли солҳои истиқлолият дар пойгоҳи канданиҳои фоиданок, ашёи хоми кишоварзӣ соҳаҳои наву гуногуни саноатӣ ба вуҷуд омаданд. Саҳми сарватҳои худии маҷмӯъи сӯзишворию энергетикаи минтақа калон нест. Газ аз дигар минтақаҳои иқтисодӣ оварда мешавад. Ҳарчанд МБГ-и Қувасой, МБГ-и Фарғонаю Андиҷону Намангон ва НБО-и Намангонсой куллан барои минтақа кор мекунанд, аммо эҳтиёҷи минтақаро ба нерӯи барқ қонеъ карда наметавонанд. Барои ҳалли масъалаи мазкур сохтмони ИБГ- и Тӯрақӯрғони иқтидораш 900 мегаватт ба нақша гирифта шудааст. Бо ба истифода супурдани иншооти мазкур эҳтиёҷи минтақаи иқтисодӣ ба нерӯи барқ пурра қонеъ гардонда мешавад. Ин ба рушди истиқболноки минтақа мусоидат хоҳад кард.

Асака, Қӯқанд, Намангон ва Фарғона марказҳои азими мошинсозиянд. Дар МҲИ (маҷмӯи ҳудудии истеҳсолӣ)-и Фарғона саноати масолеҳи бинокорӣ низ ривоҷ ёфтааст. Заводи сементи Қувасой, дар шаҳрҳои Андиҷон, Фарғона, Қӯқанд ва Қувасой комбинатҳои хонасозӣ, заводи конструксияҳои оҳану бетонӣ фаъолият доранд.

Саноатҳои сабуку хӯрокворӣ соҳаҳои асосии ихтисосианд. Минтақа аз рӯйи истеҳсоли пойафзорҳои чармин ва равғани растанӣ нисбат ба дигар минтақаҳои иқтисодии мамлакат пешсаф аст.

***Нақлиёт.*** Минтақа  бо нақлиёти роҳи оҳан, автомобил ва нақлиёти ҳавоӣ ба дараҷаи кофӣ таъмин аст. Роҳи оҳан дар саросари водӣ шакли ҳалқаро ба вуҷуд овардааст. Дараҷаи бо роҳи оҳан таъминшавии минтақа аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат ду баробар зиёд аст. Минтақа бо дигар минтақаҳои иқтисодӣ ба воситаи роҳи оҳан ва автомобилгард аз «Дарвозаи Хуҷанд»-и ҳудуди Тоҷикистон убур карда, ба роҳи оҳани Ангрен  – Попе, ки аз ағбаи Қамчиқ мегузарад ва роҳи атомобилгарди Тошканд – Ангрен – Қӯқанд пайваст шудааст. Дар доираи минтақа, хусусан, нақлиёти автомобилӣ нақши муҳим дорад.

***Фаъолияти берунии иқтисодӣ.*** Минтақа ба хориҷи кишвар наху равғани

пахта, меваи хушк, консерва, газворҳои абрешимин, мошин, нурии менералӣ, семент, шифер, зарфҳои чиниву сафолин ва дигар маҳсулот мебарорад.Ба минтақа аз берун ангишт, ғалла, чӯбу тахта, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти бофандагӣ, мошин, асбобу ускуна ва молҳои маданӣ оварда мешавад. Маҷмӯъҳои ҳудудию истеҳсолӣ, соҳаҳои хоҷагӣ ва имкониятҳои табиию иқтисодии вилоятҳои маъмурии минтақаи иқтисодию географӣ аз якдигар фарқ мекунад.

1. Хусусиятҳои мавқеи географӣ ва шароити табиии минтақаи иқтисодию географӣ дар хоҷагидории он чӣ аҳамият доранд?
2. Сабабҳои бавуҷудоӣ ва ҷойгиршавии шаҳру деҳаҳо кадомҳоянд? Дар ин хусус фикр кунед.
3. Робитаҳои дохиливу хориҷӣ тавассути кадом нақлиёт сурат мегиранд? Чаро ин тавр? Сабабашро фаҳмонед.

## Дарси 46-ум

## ВИЛОЯТИ АНДИҶОН

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдон ва шумораи аҳолиро муайян намоед.*

Вилояти Андиҷон дар самти шарқии мамлакат ҷойгир шудааст. Қисми ғарбии он аз ҳамвориҳо, шарқаш аз талу теппаҳо иборат буда, ба қаторкӯҳҳо мепайвандад.

***Соҳаи асосии кишоварзӣ***: пахтакорӣ, ғаллапарварӣ, сабзавот, боғдорӣ, ангурпаварӣ, чорводории гӯшту шир, кирмакпарварӣ. ***Соҳаҳои асосии саноат:*** мошинсозӣ,автомобилсозӣ, электроэнергетика, саноати сабуку хӯрокворӣ.

Хоҷагии деҳоти ривоҷёфта дорад (расми 101). Замини азхуднашудааш қариб ки намондааст. Ҳосили умумии пахта фақат аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокӣ меафзояд. Сабзавот, картошка ва зироати полезӣ, асосан, дар атрофи шаҳрҳо рӯёнда мешавад. Дар кишоварзӣ саҳми боғдорӣ калон аст. Майдонҳои боғу токзор аз ҳисоби талу теппаҳо васеъ карда мешаванд. Хоҷагиҳои ба боғдорӣ ихтисосонидашуда дорад.

Дар чорводорӣ саҳми бузу гӯсфандон назаррас аст. Чорвои калони шохдор, асосан, барои гӯшту шир парвариш карда мешавад. Кирмакпарварӣ дар хоҷагии вилоят аҳамияти муҳим дорад.

Дар вилоят саноат ҳам хеле ривоҷ ёфта, дар таркиби он беш аз 160 корхона мавҷуд аст. Заводи автомобилсозии Асака, заводи нармкурсиҳои автомобилистеҳсолкунӣ, заводи мошинсозии ирригатсионӣ ва иттиҳодияи



http://eduportal.uz

саҳҳомии трикотажи «Семурғ» аз корхонаҳои бузурги вилоятанд. Корхонаҳо, асосан, дар гиреҳи саноатии Андиҷон ҷойгир шудаанд. Вилоят нерӯи баркро аз шабакаи ягонаи энергетикии минтақаи иқтисодӣ мегирад. Дар обанбори Кампирработ НБО-и иқтидораш 100 ҳазор киловатт сохта шудааст. Андиҷон дар мамлакат аз марказҳоест, ки он ҷо нахустин бор нафт ба даст омадааст. Нафт ба воситаи қубур ба заводҳои азнавкоркарди нафти вилояти Фарғона фиристонда мешавад. Дар Хӯҷаобод анбори гази зеризаминии бузургтарини мамлакат сохта шуд. Гази он ба шаҳрҳои Андиҷону Асака низ интиқол мегардад (расми 102).




*Расми 101.* Саҳми вилояти Андиҷон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон. (фоиз, соли 2017).

***Шаҳрҳо. Андиҷон*** дар маркази деҳқонии обёришаванда ҷойгир шудааст. Конҳои масолеҳи бинокорӣ, нафт ва газ воқеъ дар паҳлӯи шаҳранд. Дар шаҳр қариб 40 корхонаи саноати вазнин, сабук ва хӯрокворӣ кор мекунанд. Дар байни




*Расми 102.* Вилояти Андиҷон.




*Расми 103.* Маҳсулоти заводи автомобилсозии Асака.

онҳо заводи пахта, бофандагӣ ва фабрикаҳои трикотажӣ аз корхонаҳои бузурги мамлакатанд. Пиллакорони вилоят корхонаҳои шоҳибофиро бо пилла таъмин карда меистанд. Дар шаҳр Донишгоҳи давлатии Андиҷон, донишкадаҳои тиббӣ, кишоварзӣ ва мошинсозӣ фаъолият доранд. Театр, китобхона, клуб, майдончаҳои варзишӣ ва боғҳои истироҳативу ботаникии шаҳр бисёранд. Андиҷон дар аҳди Бобуриён низ аз шаҳрҳои хоҷагидорӣ ва маданияташ нисбатан ривоҷёфтае будааст. Бобур дар «Бобурнома»-и худ дар ин хусус навиштааст.

***Асака*** маркази автомобилсозии мамлакат аст. Дар ин ҷо истеҳсоли автомобилҳои тамғаи ***«Lacetti», «Shevrolet», «Epica», «Shevrolet Captiva», «Malibu» ва «Cobolt»*** низ ба роҳ монда шудааст. Шаҳри Асака дар доманакӯҳе, ки дарёи Шаҳрихонсой он ҷо ҷорист, воқеъ аст. Дар шаҳр, ба ҷуз заводи автомобилсозӣ, заводҳои пахтаву равған, корхонаҳои дигари саноати сабуку хӯрокворӣ, заводҳои шишаву оксиген ва корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ мавҷуданд. Шаҳр дар сари роҳҳое, ки ба самтҳои Андиҷон, Фарғона ва Марғелон мебаранд, ҷойгир шудааст.

?

1. Шарҳ диҳед, ки мавқеи географӣ ва шароити табиии вилоят барои иқтисодиёт кадом имкониятҳоро фароҳам овардаанд.
2. Дар соҳаи хоҷагии деҳоти вилоят чӣ дигаргуниҳо рӯй дод?
3. Чӣ бояд кард, то хоҷагии вилоят бештар ривоҷ ёбад?

## Дарси 47-ум

## ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдони вилоят ва зичии миёнаи аҳолиро муайян кунед.*

Вилоят як қисми ҳамвори водӣ, минтақаҳои наздикӯҳии қаторкӯҳҳои Олойу Туркистонро дар бар мегирад. Дарёҳои Исфайрам, Шоҳимардон, Сӯх ва Исфара барои деҳқонӣ аҳамияти калон доранд (онҳоро аз атласи таълимӣ пайдо кунед). Вилоят аз рӯйи маҳсулоти умумии саноатӣ дар миқёси мамлакат баъди вилояти Тошканд меистад.

http://eduportal.uz




*Расми 104.* Вилояти Фарғона.



***Соҳаҳои асосии кишоварзӣ:*** ғаллакорӣ, пахтакорӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ, чорводории гўшту шир, кирмакпарварӣ, паррандапарварӣ. ***Соҳаҳои асосии саноат***: электроэнергетика, кимиё, азнавкоркарди нафт, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук ва хўрокворӣ (расми 104).

Хоҷагии деҳоти вилояти Фарғона ба пахтакорӣ, ғаллапарварӣ ва кирмакпарварӣ ихтисосонида шудааст (расми 105). Дар заминҳои баҳорикор гандуму чав, дар заминҳои заҳкаш шолӣ рўёнда мешавад. Бо усули киштгардон дар ҳамаи ноҳияҳо пахта, ҷуворимакка, ҷувории сафед ва беда кишт карда мешавад. Вилоят барои боғдорию ангурпарварӣ шароити мусоид дорад, бо анору анҷираш машҳур аст. Чорвояш, асосан, аз бузу гўсфанд иборат. Чарогоҳҳои вилояти Фарғона нисбат ба чарогоҳҳои вилояти Андиҷон зиёд аст. Вилоят қариб 20 фоизи пиллаи мамлакатро медиҳад.

http://eduportal.uz




*Расми 105.* Саҳми вилояти Фарғона дар Ҷумҳурии Ўзбекистон (фоиз, 2017).

***Саноати*** вилоят серсоҳа буда, саҳми саноати вазнин дар он назаррас аст. Саноати азнавкоркарди нафт, кимиё ва энергетика натанҳо дар минтақаи иқтисодӣ, балки дар ҷумҳурӣ низ ҷойгоҳи худро дорад. Дуто заводи азнавкоркарди нафт дорад, якеаш дар Фарғона, дуюмаш дар Олтиариқ. Соҳаҳои мошинсозӣ, металлгудозӣ ва истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ низ аҳамияти муҳим доранд. Саноати сабуку хўрокворӣ дар заминаи соҳаҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омадаанд. Корхонаҳои саноатӣ дар минтақаи саноатии Фарғона – Марғелон ва гиреҳҳои саноатии Қўқанду Қувасой муттаҳид шудаанд. ***Нақлиёт.*** Вилоят бо роҳҳои оҳану автомобилгард хуб таъмин шудааст. Аз вилоят ба берун наху равғани пахта, риштаву газвор, молҳои трикотажӣ, меваи хушк, шарбати мева, нуриҳои минералӣ ва семент бароварда мешавад. Аз берун чўбу тахта, таҷҳизоти гуногун, трактор, мошинҳои барои пахтакорӣ зарур, ғалла, орд, қанд, ашёи мавриди истеъмол ворид мешавад.

Вилоят дорои 9 шаҳр аст. Фарғона маркази муҳими саноатӣ, нақлиётӣ ва фарҳангист. Таъминоти шаҳр бо об хуб аст, тобистонаш каме салқин мебошад. Дар шаҳр дуто Маркази гармидиҳии барқӣ (МГБ) фаъолият доранд. Шабаки энергетикии муттаҳидшудаи минтақаи иқтисодӣ дар асоси МГБ ташаккул ёфтааст. Дар шаҳр Донишгоҳи давлатии Фарғона, донишкадаи политехникӣ, институти илмию тадқиқотии пиллакорӣ, филиалҳои Донишгоҳи ахбору технологияҳои Тошканд, Академияи тиббии Тошканд ва Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Ўзбекистон фаъолият доранд. Боғҳои маданияту истироҳат, фаввораҳо, хиёбонҳо ва мавзеъҳои хушбоду ҳаво ба ҳусну таровати шаҳр афзудаанд. Мунаҷҷим, математик ва географи бузург Аҳмад ал- Фарғонӣ дар ин ҷо таваллуд шудааст.

***Марғелон*** чун маркази истеҳсолии шоҳӣ (атлас) аз қадим ном баровардааст. Дар шаҳр заводи пахта, пўсту чарм, корхонаҳои абрешимбарорӣ бунёд гардидаанд. Маҳорати бофандагии марғелониён



http://eduportal.uz

такмил ёфта, васеъ доман пахн кардааст. Комбинати шоҳибофии Марғелон аз корхонаҳои бузургтарини мамлакат аст. Комбинат дар айни замон маркази таълимии ба назар намоён низ мебошад. Дар он институти илмию тадқиқотии пиллакорӣ низ фаъолият дорад. Фақеҳи машҳур Бурҳониддини Марғинонӣ дар ин ҷо таваллуд шудааст.

***Шаҳрҳо***. ***Қӯқанд*** дар ғарби вилояти Фарғона дар сари роҳи нақлиёт ҷойгир шудааст. Аз он ҷо то Тошканду Намангону Фарғона роҳҳои оҳану автомобилгард кашида шудаанд. Тӯли солҳои истиқлолият саноати Қӯқанд ба гиреҳи муҳими саноатӣ табдил ёфт. Заводҳои суперфосфат, электромошинсозӣ ва мошинсозии бофандагӣ аз корхонаҳои азимтарини ҷумҳурианд. Шаҳр солҳои тӯлонӣ пойтахти хонигарии Қӯқанд будааст.

***Кувасой*** соли 1954 дар ҷойи шаҳраки коргарон бунёд шудааст. Шаҳр дар заминаи сарватҳои табиии оҳак, мергел, гаҷ (гипс) ва гилмоя ба маркази саноати масолеҳи бинокорӣ табдил ёфт. Ҳоло дар шаҳр комбинати аз заводҳои семент, шифер, оҳак ва хишт таркибёфта фаъолият дорад. Саҳми комбинати мазкур дар истеҳсоли сементи ҷумҳурӣ назаррас аст. Дар заводи зарфҳои чинӣ Кувасой истеҳсоли коса, пиёла, чойник, лаган ва дигар зарфҳо ба роҳ монда шудааст.

***Риштон*** маркази кулолгарист. Дар ин ҷо артелҳои кулолӣ як шуда, комбинатро ташкил додаанд. Ҳоло дар комбинат беш аз 20 намуди ашё истеҳсол карда мешавад.

1. Дар харита сарҳадҳои вилояти Фарғонаро нишон дода, хусусиятҳои ба худ хоси мавқеи географӣ ва шароити табиии онро фаҳмонда диҳед.
2. Дар хоҷагии вилоят ҳоло кадом соҳа бештар ривоҷ меёбад?
3. Маркази саноатии Кувасойро бо гиреҳи саноатии Қӯқанд муқоиса намуда, фаҳмонед, ки тафовутҳои асосиашон дар чист?

## Дарси 48-ум

## ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдони вилоят, шумора ва зичии миёнаи аҳолиро муайян кунед.*

Вилояти Намангон дар қисми шимолии минтақаи иқтисодӣ мавқеъ гирифтааст. Дар қисми шарқии бо қаторкӯҳҳо иҳоташудаи вилоят иқлим нисбатан мӯътадил буда, бориш бештар аст. Дар қисми ғарбии вилоят борон кам меборад ва дарёҳо низ каманд.

***Аҳолӣ.*** Бино ба суръати афзоиши табиӣ аҳолии вилоят дар ҷойи якум меистад. Аз ин рӯ, шумораи мардуми коршоям меафзояд.

http://eduportal.uz

*Соҳаҳои асосии хоҷагии деҳот:* ғаллапарварӣ, пахтакорӣ, сабзаводкорӣ, боғдорию ангурпарварӣ, чорводории гӯшту шир, кирмакпарварӣ. *Соҳаҳои асосии саноат:* электроэнергетика, мошинсозӣ, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ.

***Хоҷагӣ.*** Дар вилояти Намангон низ деҳқонии обёришаванда бартарӣ дорад. Дар вилоят бисёр иншоотҳои обёрикунанда, мисли каналҳои Фарғонаи Шимолӣ ба номи Охунбобоев, Чуст, Чортоқсой ва ҳоказо сохта шудаанд. Рушди ирригатсия имкон дод, ки заминҳои обёришаванда фарохтар гарданд ва ҳолати мелиоративии замин беҳ шавад.

Дар қисми асосии майдонҳо пахта ва ғалла кишт карда мешавад (расми 106). Дар чарогоҳҳои ноҳияи Попу Чуст бузу гӯсфанд парвариш карда мешавад. Чорвои калони шохдор дар ҳамаи ноҳияҳо парвариш меёбад. Ба сабаби кам будани чарогоҳҳо, аксарияти хоҷагиҳо чорвояшонро ба чарогоҳҳои кӯҳӣ мебаранд. Кирмакпарварию пахтакорӣ баробар ривоҷ меёбанд.

***Саноат***, асосан, аз корхонаҳои сабуку хӯрокворӣ ва мошинсозӣ иборат аст. Қисми асосии корхонаҳои саноатӣ дар гиреҳи саноатии Намангон ҷойгир шудаанд (расми 107). Нақлиёти роҳи оҳану автомобил хуб ривоҷ ёфтааст. Соли 2018, ба мақсади суръат бахшидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, дар ҳудуди ноҳияи Чуст минтақаи озоди иқтисодӣ ташкил дода шуд.




*Расми 100.* Саҳми вилояти Намангон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (фоиз, соли 2017)

***Шаҳрҳо. Намангон*** маркази маъмурӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят мебошад. Шаҳр дар соҳили Намангонсой ҷойгир шудааст. Он қисми зиёди маҳсулоти саноати вилоятро медиҳад. Дар шаҳр фабрикаи шоҳибофӣ, комбинати газворҳои камзӯлбоф, заводи электротехника, заводи нахи сунъӣ, ду заводи пахтатозакунӣ, заводҳои равғану экстаксия ва консервабарорӣ, нерӯгоҳҳои барқӣ, фабрикаи газворҳои дурушт барои бофтани қанору халта ва дигар корхонаҳо фаъолият доранд. Барилова, комбинати хонасозӣ, заводи конструксияҳои оҳану бетонӣ ва заводи хишт кор мекунанд.

Дар шаҳр якчанд муассисаҳои таълими олӣ



http://eduportal.uz




*Расми 107.* Вилояти Намангон.

ҳаст. Ба қавли халқ, Намангон «шаҳри гулҳо» мебошад. Боғи маданият ва истироҳати ба номи Машраби маркази шаҳр яке аз боғҳои зеботарини мамлакатамон аст. Бошандагонро кӯчаҳои ҳамвору фарохе, ки аз маркази шаҳр ба канораҳои он тӯл кашидаанд, ба микрорайонҳо мебаранд.

***Чуст маркази ноҳия аст.*** Дар сари роҳи автомобилгарди аз Намангон то Тошканду Қӯқанд тӯл кашида ҷойгир шудааст. Дар шаҳр фабрикаи дӯзандагӣ, корхонаҳои ҳунармандӣ, муассисаҳои маданию маишӣ мавҷуданд. Чуст бо кордсозиаш машҳур аст. Дар Поп заводҳои резинаи техникӣ ва пойафзор кор мекунанд. Оянда дар завод азнавкоркарди шинаҳои резинӣ ба роҳ монда хоҳад шуд.

1. Хусусиятҳои ба худ хоси мавқеи иқтисодии вилоят дар чист?
2. Аз харита-тарҳи иқтисодии вилояти Намангон истифода бурда Чустро бо Поп муқоиса намоед ва тафовутҳояшонро нишон диҳед.
3. Бо истифода аз харитаи бематн супоришҳои ба вилояти Намангон дахлдорро иҷро кунед.

http://eduportal.uz

## Дарси 49-ум

# МИНТАҚАИ ИҚТИСОДИИ ЗАРАФШОН




***Мавқеи иқтисодию географӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Минтақаи иқтисодии мазкур ҳудуди Самарқанду Бухоро ва Навоиро дар бар мегирад. Бино ба ҳаҷми майдон баъди минтақаи иқтисодии Амударёи Поён меистад.

*Бигӯед, мавқеи географии ин минтақаи иқтисодӣ кадом баҳоро сазовор аст?* Қисми асосии майдони минтақа аз ҳамворӣ иборат аст (биёбони Қизилқум), ки дар қарокӯлпарварӣ аҳамияти калон дорад. Дар маркази ҳамворӣ кӯҳҳои Томдитоғ (қуллаи баландтаринаш 922 метр), Бӯкантоғ, Овминтоғ, Қулҷуқтоғ қад кашидаанд. Дар қисмати шарқии ҳамворӣ марзҳои ғарбии Нуратою Оқтоғ ва Қаротоғ ҷойгир шудааст. Инҳо низ дар иқтисодиёт то ҷое аҳамият доранд. Қисмҳои поёнии водии Зарафшон барои деҳқонии обёришаванда мусоид аст. Иқлими минтақаи иқтисодӣ бисёр хушк аст, тобистонаш гарму хушк. Дар вақти рӯиши растаниҳо маҷмӯъи ҳарорат дар шимол 3000°С, дар ҷануб 5000°С-ро ташкил медиҳад. Бориш хеле кам, миқдори бориш ҳамагӣ 100 – 300 мм аст. Қабати тунуки барф ба чорводорӣ имкон медиҳад. Дар биёбон аз обҳои зеризаминӣ дар чорводорӣ, қисман барои сабзавоткорӣ истифода мебаранд. Шамоли гармсел растаниҳоро пажмурда месозад. Барои ҳалли мушкили об дар дарёи Зарафшон каналҳои мошинии Аму – Қарокӯл ва Аму – Бухоро, дар канал бошад, обанбори Қуйимазор ба кор даромадааст. Обро ба ин канали баландиаш 64 метр насосҳои муқтадир кашида мебароранд. Об ба обанбор меафтад ва тавассути каналҳо ба обёрӣ кардани воҳаи Бухоро сарф карда мешавад. Дар минтақаи иқтисодии Зарафшон сарватҳои гуногуни минералӣ зиёданд. Аз ҷумла, конҳои гази табиии Газлӣ, Учқир, Қаровулбозор, Сортош, кони нафт дар наздикии Когон, кони тиллои Мурунтов, Ингичка, кони металлҳои нодири Зарметан, кони кибрит (олтингӯгирд), конҳои масолеҳи бинокорӣ ва ранг минералӣ мавҷуданд. Ин сарватҳо барои рушди саноати энергетика, металлургияи ранга, кимиё ва масолеҳи бинокорӣ дар минтақа замина фароҳам меоваранд.

***Аҳолӣ***. Суръати афзоиши аҳолии минтақа ба афзоиши миёнаи аҳолии мамлакат наздик аст. Аҳолӣ дар сартосари ҳудуд ноҳамвор ҷойгир шудааст. ***Хоҷагӣ ва ташкилёбии ҳудудии он.*** Дар минтақаи иқтисодии мазкур маҷмӯъи агросаноатӣ таркиб ёфта истодааст. Саноат серсоҳа мебошад.



*Расми 108.* Заводи азнавкоркарди нафти Қаровулбозор.



***Соҳаҳои зерини минтақаи иқтисодии Зарафшон:*** электротехника, металлургияи ранга, азнавкоркарди нафт, кимиё ва газу кимиё, мошинсозӣ, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ босуръат ривоҷ меёбанд.

Дар шаҳри Қаровулбозор ба кор даромадани корхонае, ки 5 млн. тонна нафтро аз нав кор мекунад, соҳаи нави иқтисодиётро ба вуҷуд оварда истодааст (Расми 108).

Минтақаи иқтисодӣ бино ба миқдори нерӯи барқе, ки ҳосил мегардад, баъди минтақаҳои иқтисодии Тошканду Мирзочӯл дар ҷойи сеюм меистад. Нерӯи баркро, асосан, аз ИБГ-и Навоӣ, ки бо гази табиӣ кор мекунад, мегирад. Минтақа то солҳои наздик аз рӯйи саноати газ дар Ӯзбекистон пешсаф буд. Баъди кор сар кардани гази Шӯртан дар Қашқадарё, ба ҷойи дуюм фуромад. Саноати кимиё ба гази табиӣ ва дигар ашёи хоми минералӣ такя мекунад. Саноати сабук яке аз соҳаҳои асосии маҷмӯъи истеҳсолии ҳудуди Зарафшон мебошад.

Хоҷагии деҳоташ аз пахтакорию қарокӯлипарварӣ иборат. Аз нисф зиёди чарогоҳҳои кишварамон дар ин минтақа аст. Барои афзун гардондани ҳосилнокии чарогоҳҳо 6 хоҷагии ҷангал ва 1 истгоҳи ҷангалу мелиоратсия ки е, тавсия омодамесозад фаъолият доранд. Аз нисф зиёди шутурва гӯсфандони қарокӯлии Ӯзбекистон дар ин минтақа парвариш карда мешаванд.



1. Кадом хусусиятҳои ба мавқеи иқтисодию географӣ хоси минтақаи иқтисодӣ ба рушди хоҷагии он нақши мусбат доранд?
2. Бо истифода аз атласи таълимии синфи 8 дар минтақаи иқтисодӣ заминҳои обёришавандаро муайян намоед.
3. Чиро ифода кардани аломатҳои зеринро аз атласи таълимӣ аниқ кунед:

# Дарси 50-ум

# ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдони вилояти Самарқанд ва шумораи аҳолиашро муайян намоед.*

***Мавқеи иқтисодию географӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Ин вилоят дар қисми марказии Ўзбекистон ҷойгир шудааст. Вилояти Самарқанд аз рўйи саршумори аҳолӣ ва маҳсулоти умумии саноат дар мамлакат яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд (аз атласи таълимӣ сарҳадҳои вилояти мазкурро муайян намоед). Он бино ба мақеи табиию географӣ ба қисми миёнаи водии Зарафшон рост меояд, аз се тараф бо қаторкўҳҳои Нурато, Туркистон ва Зарафшон иҳота шудааст. Қаторкўҳҳо то ҷое пеши ҳавои сардеро, ки аз шимол мевазад, мегиранд. Бориш бештар (250–800 мм) аст. Майдонҳои шўрхок қариб, ки нестанд. Марғзору майдонҳои




*Расми 109.* Вилояти Самарқанд.

http://eduportal.uz

сералаф бисёранд. Сарчашмаи дарёи Зарафшон, ки аз ҳудуди вилоят мегузарад, яху барфи кӯҳҳоянд.

Дарёи Зарафшон дар тобистон, ки эҳтиёҷ ба обёрӣ зиёд аст, пур шуда ҷорӣ мегардад. Бо назардошти истифодаи пурсамар аз об дар қисми миёнаи дарё обанбори Каттақӯрғон, дар поёнобаш обанбори Қуйимазор бунёд гардидааст. Дар баробари ин, оби Зарафшон ба воситаи канали Эски Анҳор (тавассути канали Дарғом) ба вилояти Қашқадарё мегузарад. Хулоса, бобати истифодаи об дар хоҷагидорӣ ягон дарёи Осиёи Миёна ба Зарафшон баробар шуда наметавонад. 90 фоизи он барои обёрӣ сарф мешавад. Дар як қисми адирҳои киштбоб ғалла кишт карда мешавад. Ба сабаби бориши зиёд дар кӯҳҳо алаф фаровон аст. Чорво дар тобистон дар ҳамин ҷойҳо чаронда мешавад. Азбаски растаниҳо дар дашту адирҳо дар як вақт намерӯянд, гӯсфандони қарокӯлиро дар давоми сол дар чарогоҳ мечаронанд. Шароити табиии вилоят барои рӯёндани дарахтони мевадор низ мусоид аст. Дар ин ҷо гелосу зардолу ва шафтолуҳои шаҳдбор пештар мепазанд.

Дар вилоят сарватҳои минералӣ низ бисёранд. Дар ин ҷо металлҳои нодир, масолеҳи бинокорӣ (мармар, оҳак, гранит (хоро), мергел, графит) рангҳои минералӣ, конҳои асбест ёфт шудаанд (расми 109). Хулоса, ба рушди вилоят, баробари шароити мусоиди табиӣ ва мавқеи иқтисодию географӣ, сарватҳои табиии он низ имконияти васеъ фароҳам меоваранд.

***Аҳолӣ***. Беш аз 3/5 қисми аҳолии вилоят дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Саҳми мардуми коршоям дар шумораи умумии аҳолӣ аз нишондиҳандаи миёнаи мамлакат кам бошад ҳам, барои рушди иқтисодиёт қувваи корӣ ёфт мешавад. Мисли он ки дар шароити табиӣ ва хоҷагидорӣ тафовутҳо мавҷуданд, дар ҷойгиршавии аҳолӣ низ тафовутҳо ба назар мерасанд. Дар водии Зарафшон, ки барои фаъолияти инсон хубу созгор аст, аҳолӣ хеле зич ҷойгир шудааст. Дар ин мавзеъ ба ҳар як километри мураббаъ беш аз 250 кас рост меояд. Дар кӯҳу адирҳо ин нишондиҳанда 15 – 20 нафарро ташкил медиҳад.



***Соҳаҳои асосии хоҷагии деҳот:*** зироатҳои донӣ, пахтакорӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ, чорводории гӯшту шир, қарокӯлпарварӣ, кирмакпарварӣ. ***Соҳаҳои асосии саноат:*** металлургияи ранга, мошинсозӣ (автомобилсозӣ), саноати сабук ва хӯрокворӣ.

***Хоҷагӣ.*** Дар ҳудуди вилояти Самарқанд аҳолӣ аз замонҳои қадим бо деҳқонии обёришаванда сарукор дошт. Дар баробари деҳқонӣ тиҷорату ҳунармандӣ низ ривоҷ ёфтааст. Дар вилоят саноат пешсаф аст. Дар

http://eduportal.uz




*Расми 110.* Саҳми вилояти Самарқанд дар Ҷумҳурии Ўзбекистон.

байни соҳаҳои саноати вазнин мошинсозӣ, металлгудозӣ ва кимиё тез ривоҷ меёбад. Дар шаҳри Самарқанд соли 1999 заводи ***«SamKochavto»,*** ки 4 навъи мошини боркашон ва ба сайёҳон хидматкунанда истеҳсол менамояд, кор сар карда буд. Ҳоло заводи мазкур «СамАвто» номида мешавад. Дар заводи «СамАвто»-и Самарқанд микроавтобус ва автомобилҳои боркашони тамғаи «Isuzu» истеҳсол карда мешавад. Ҳоло қариб 50-то корхонаи саноати сабук фаъолият дорад. Саноати хўрокворӣ аз ашёи хоми маҳаллӣ консерва, шароб, тамоку, ширу гўшт ва маҳсулоти ширaворӣ тайёр мекунад. Дар маҷмўъи ҳудудию истеҳсолии Самарқанд хоҷагии қишлоқ мавқеи алоҳида дорад. 75 фоизи маҳсулоти умумии хоҷагии деҳот аз деҳқонӣ ба даст меояд. Дар ин минтақа низ пахтакорию ғаллакорӣ соҳаи пешбари кишоварзист. Аз зироатҳои техникӣ тамоку, кунҷит, сафсар (маҳсар) рўёнда мешавад. Ноҳияи Ургут ба тамокупарварӣ ихтисосонида шудааст. Соҳаҳои боғдорию токпарварӣ хеле ривоҷ ёфтааст. Дар хоҷагиҳои атрофи шаҳр, заминҳои наздиҳавлигӣ хелҳои гуногуни сабзавоту маҳсулоти полезӣ парвариш карда мешаванд.

Дар ин вилоят дарахтони мевадору токзорҳо бисёранд. Чорводорӣ қисми муҳими таркибии маҷмўъи агросаноатӣ мебошад.

***Нақлиёт.*** Аз ҳудуди вилояти Самрқанд дуто роҳи оҳан мегузарад. Тавассути роҳи оҳани Тошканд – Туркманбошӣ, Тошканд – Душанбе, асосан, борҳои транзитӣ кашонда мешаванд. Вилоят роҳҳои зиёди автомобилгард дорад, ба воситаи онҳо ба роҳи оҳан ва аз як вилоят ба вилояти дигар борҳо кашонда мешаванд. Нақлиёти ҳавоӣ ҳамаи шаҳрҳои мамлакат ва давлатҳои хориҷиро бо ҳам мепайвандад. Нақлиёти қубурӣ ва хатҳои интиқоли барқ серсоҳаанд. Ба Русия наху равғани пахта, меваи тар, мавиз, ангур ва пўсти қарокўлӣ интиқол дода мешавад. Нуриҳои маъданӣ, тамоку, чой, пойафзор ва дигар молҳои истеъмолӣ ба вилоятҳои ҳамсоя ва давлатҳои Осиёи Марказӣ содир карда мешавад. Ба вилоят, асосан, чўбу тахта, ғалла, шакару қанд, мошинҳо, ангишт, нафт, маҳсулоти нафтӣ ва молҳои сермасриф оварда мешаванд. Дар вилоят гиреҳҳои саноатии Самарқанду Каттақўрғон таркиб ёфтаанд.

http://eduportal.uz

***Шаҳрҳо. Самарқанд*** дар қисми миёнаи дарёи Зарафшон ҷойгир шудааст.

***Самарқанд*** аз шаҳрҳои қадимитарини дунёст. Дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ муайян гардидааст, ки шаҳр 2750 сол дорад.

Дар асрҳои XIV–XV маркази тафаккури илмии Мовароуннаҳр буд. Самарқанд, ба сабаби мусоид будани мавқеи географиаш дар асрҳои миёна ба яке аз марказҳои асосии тиҷоратӣ табдил ёфта буд. Робитаҳои тиҷоратии бо Ҳиндустон, Эрон ва мамлакатҳои шарқии Аврупо роҳандозишуда ба пешрафти иқтисодию фарҳангии шаҳр мусоидат намуданд. Ин аст, ки истеҳсоли маснуоти заргарӣ, рангҳои кулолибоб, абрешим ва газворҳои абрешимин, кашидадӯзӣ ва дигар ҳунарҳо ривоҷ ёфтанд. Самарқандиён ҳазор сол қабл истеҳсоли коғаз ва духобаро ба роҳ мондаанд.

Дар аҳди Амир Темур ва Темуриён (асрҳои XV–XVII) дар Самарқанди бостонӣ масҷиду мадраса, мақбара ва кӯшку қасрҳо бунёд гардидаанд. Онҳо, дар баробари ёдгориҳои меъмории нодири Ҳиндустон, Миср, Рим ва Юнони қадим, аҳамияти умумиҷаҳонӣ доранд. Шоиру олимони асри миёна Самарқандро «сайқали рӯйи замин» номидаанд. Соли 1999 дар наздикии шаҳри Челак – воқеъ дар шимоли Самарқанд, бахшида ба олими ҳадисшинос Имом ал-Бухорӣ маҷмӯъи меъморӣ барпо карда шуд (расми 111).

***Самарқанд*** маркази бузурги илму фанни мамлакат аст. Дар Самарқанд Донишгоҳи давлатии Самарқанд, донишгоҳи байналхалқии сайёҳӣ, институтҳои тиббӣ, меъморию сохтмон, забонҳои хориҷӣ, иқтисодиёт ва сервис, тибби байторӣ, филиали самарқандии Донишгоҳи ахбору технологияҳои Тошканд фаъолият доранд. Таърихи шаҳр бо номҳои Рӯдакӣ, Навоӣ, Хоҷа Аҳрор, Бобур, Ҷомӣ, Улуғбек, Аҳмади Дониш, Абӯлайси Самарқандӣ ва дигар олимону нависандагону мутафаккирон



*Расми 111.* Мақбараи Имом ал-Бухорӣ.

иртиботи ногусастанӣ дорад. Баробари рушди хоҷагии шаҳр, аҳолии он низ зуд ривоҷ меёбад. Каттақўрғон аз он гиреҳҳои саноатӣ ва марказҳои фарҳангиест, ки дар вилоят баъди Самарқанд дар ҷойи дуюм меистад. Дар паҳлўи шаҳр роҳи оҳани Самарқанд – Бухоро тўл кашидааст. Дар шаҳри Каттақўрғон заводҳои мошинсозии пахтатозакунӣ, таъмири моторҳо, пахтаю хишт ва корхонаҳои саноати маҳаллӣ мавҷуданд. Комбинатҳои равғандоғкуниву гўшт ва фабрикаи бройлер, ки соле 2 млн. чўҷа мебарорад, аз ҷумлаи корхонаҳои бузурги саноати хўроквории ҷумҳурианд. Комбинати равғандоғкунӣ яке аз корхонаҳои азими мамлакат аст. Корхонаҳои саноатиро МБГ бо нерўи барқ таъмин мена моянд.

***Шаҳри Ургут*** дар ҷанубу шарқии Самарқанд, тақрибан 50 км. дур аз он, дар назди сарҳади Қашқадарё ҷойгир шудааст. Дар Ургут якчанд фабрикаи гилембофӣ, заводҳои тамокую фермент ва шифер фаъолият доранд. Бозори бузургтарини шарқии вилоят дар ҳамин шаҳр аст.

1. Дар хоҷагии қишлоқи вилояти Самарқанд саҳми кадом соҳаҳо бештар аст, сабабашро фаҳмонед.
2. Робитаҳои истеҳсолии байни хоҷагии қишлоқ ва саноати вилоятро фаҳмонда диҳед.
3. Маркази бузурги илму фан ва фарҳанг будани Самарқандро асоснок намоед.
4. Дар харитаи бематн супоришҳои ба вилояти Самарқанд дахлдорро иҷро кунед.

## Дарси 51-ум

## ВИЛОЯТИ НАВОӢ

Ин вилоят ҷавонтарин вилояти кишварамон аст. Он аз ҳисоби ҳудуди вилоятҳои Самарқанду Бухоро ташкил ёфтааст. Вилояти Навоӣ, ҳарчанд дар байни вилоятҳои мамлакат аз нигоҳи бузургии майдон дар ҷойи якум меистад, вале бино ба шумораи аҳолӣ дар яке аз ҷойҳои охирин аст (расми 112). Растаниҳо (чарогоҳ), ки аз дороиҳои вилоят аст, дар қарокўлипарварӣ аҳамияти калон дорад.

http://eduportal.uz

***Аҳолиаш*** дар ҳудуд ноҳамвор ҷойгир шудааст. Дар ноҳияҳои Томдӣ, Учқудуқ ва Конимех аҳолӣ хеле тунук аст. Рушди босуръати саноат ба афзоиши аҳолии шаҳр мусоидат намуд. Дар вилоят шаҳру шаҳракҳои нав бунёд мегарданд.

***Соҳаҳои асосии хоҷагии деҳот:*** зироати донӣ, пахтакорӣ, қарокӯлипарварӣ, гӯсфандпарварӣ. ***Соҳаҳои асосии саноат:*** электроэнергетика, металлургияи ранга, кимиё, саноати масолеҳи бинокорӣ.

Дар соҳаи чорводории саҳроӣ вилоят дар мамлакат пешсаф аст. Дар саҳрои Қизилқум хоҷагиҳои калони ба қарокӯлипарварӣ ихтисосонидашуда ташкил дода шудаанд. Дар ин соҳа ноҳияи Томдӣ ҷойгоҳи алоҳида дорад, дар ин ноҳия хоҷагиҳои зиёди қарокӯлипарварӣ мавҷуданд. Барои таъмини чарогоҳҳо бо об, афзудани ҳосилнокии онҳо корҳои фитомелиоративӣ амалӣ мегарданд.

***Ривоҷёбии саноат*** ба сарвати об вобаста аст. Соҳаҳои дар ҳолати рушд будаи саноат, аз ҷумла саноати кимиё ва ҳоказо обро бисёр талаб мекунанд. Саноати кимиёи вилоят бо такя ба гази табиӣ ва дигар ашёи хоми минералӣ  зуд ривоҷ меёбад. Маркази саноати кимиё комбинати кимиёи шаҳри Навоист (расми 113).




*Расми 112.* Саҳми вилояти Навоӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Қисми асосии маҳсулоти сементи кишварамон дар заводи сементи Навоӣ истеҳсол карда мешавад. Завод то вақтҳои наздик дажғол (шлак), пораҳаҳои металл, клинкер ва дигар ашёи хоми сементро аз ҷумҳуриҳои иттифоқии собиқ ба ивази хароҷоти калон дастрас мекард. Қиматии ашёи хом ва афзун гардондани истеҳсоли семент ва баланд бардоштани сифати он монеъ мешуд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯйи геологҳо дар марзҳои Маликчӯл, канортар аз завод кони туфсанг ёфт шуд. Қимати туфсанг – ашёи хоми семент аз қимати шлак ва омехтагии клинкери нодир кам нест. Захираи кон зиёд буда, бо вуҷуди соле 2–3 млн. тонна истихроҷ гардидани туфсанг, ба 45–50 сол мерасидааст.

http://eduportal.uz




*Расми 113*. Вилояти Навоӣ.

Вилоят бино ба ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ дар мамлакат аз пешсафҳост (расми 114). Қисми асосии нерӯи барқро НБГ-и Навоӣ медиҳад. Дар мамлакатамон модернизатсиякунӣ ва навсозии корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои пурсамари ба инноватсияи замонавӣ асосёфта босуръат идома дорад. Бобати амалӣ гардондани онҳо минтақаҳои махсуси индустриалие, ки дорои имтиёзҳои зарурианд, ташкил дода мешаванд. Аз ҷумла, баробари ташкилёбии минтақаи саноатию иқтисодии озоди «Навоӣ» бино ба 19 лоиҳаи сармоягузорӣ корхонаҳои истеҳсолӣ ба истифода супурда шуданд. Дар асоси технологияи баланд истеҳсоли тагмони телевизорҳо, ҳисобкунакҳои электронии барқӣ, кабелҳои ба шиддатнокии баланд тобовар, дегҳои гармкунанда барои ИБГ, аппарати телефонҳои мобилию статсионарӣ, воситаҳои тайёри давоӣ ва дигар намудҳои маҳсулот ба роҳ монда шуд




*Расми 114.* Таркиби соҳаи истеҳсолоти саноатӣ (соли 2017).

***Соҳаҳои иҷтимоӣ.*** Дар вилоят ду муассисаи таълимии олӣ – Донишкадаи давлатии омӯзгории Навоӣ ва Донишкадаи давлатии маъдани кӯҳии Навоӣ фаъолият доранд. Аз қариб 380 мактаби таълими миёнаи ҳамагонӣ 120-тоашон дар мавзеъҳои дурдасти саҳрои Қизилқум ҷой гирифтаанд. Дар ҳудуди вилоят масканҳои зиёди таърихӣ мавҷуданд. Кармана, Работи Малик, ёдгории таърихии Тошмасҷиди Нурато, масҷиду мақбараҳои Чилсутун, Кӯкгумбаз, Қосимшайх аз он ҷумлаанд.

***Шаҳрҳо.*** Навоӣ шаҳри саноатии ҷавонест, ки зуд ривоҷ меёбад (аз мавзӯи манзилгоҳҳои аҳолӣ миқдори аҳолии шаҳрро муайян кунед). Он маркази маъмурии вилоят аст. Наздик будани дарёи Зарафшон, дар маркази ҳудуди пурвусъати хоҷагии деҳот ҷойгир шудан ва хуб таъмин буданаш бо нақлиёт сабаби зуд ривоҷ ёфтани шаҳр гардид. Шаҳр соли 1960 тибқи нақшаи генералӣ бо назардошти иқлими гарм ва анъанаҳои миллӣ бунёд гардидааст. Он гиреҳи саноативу нақлиётӣ ва маркази муҳими фарҳангист.

***Шаҳри Зарафшон*** соли 1972 дар пойгоҳи саноати кӯҳу кони Мурунтов бунёд гардидааст.

1. Мавқеи географӣ ва шароити табиии вилоят барои хоҷагии он кадом имкониятҳоро фароҳам меоварад?
2. Миқёси қувваҳои корӣ ва ҷойгиршавии аҳолии вилоятро бо вилояти Самарқанд муқоиса намоед.
3. Намуди маҳсулотҳоеро, ки аз вилоят бароварда ва ба вилоят дароварда мешаванд, дар дафтаратон қайд карда, ба муаллиматон нишон диҳед.

http://eduportal.uz

# Дарси 52-ум

## ВИЛОЯТИ БУХОРО

*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова майдони вилояти Бухоро, шумора ва зичии миёнаи аҳолиро муайян кунед.*

Майдони вилоят 9,0 фоизи майдони мамлакат ва 5,7 фоизи аҳолии онро ташкил медиҳад. Дар баъзе мавзеъҳои вилоят обҳои зеризаминӣ ба сатҳи замин наздик аст, ба сабаби ҳодисаҳои манфӣ – бориши кам ва кӯчиши рег дар биёбон, бобати истифода аз фонди замин меҳнат ва маблағи иловагиро талаб мекунад. Захираҳои муайяншудаи гази табиӣ хеле зиёд аст.

***Ёдгориҳои меъмории таърихӣ.*** Дар солҳои истиқлолият ёдгориҳои меъмории Бухоро ҳусну орои пешинаашонро барқарор намуданд. Қариб нисфи обидаҳои таърихии ба рӯйхати мероси мадании умумиҷаҳонии ЮНЕСКО (ташкилоти СММ доир ба илму корҳои маданият) дохил шуда ва таҳти муҳофизати давлатӣ қарор гирифта, дар вилояти Бухороянд.

***Хоҷагӣ***. Дар таркиби майдонҳои кишт пахта ва ғалла ҷойи асосиро ишғол менамоянд. Дар вилоят зироати озуқабоб низ бештар кишт карда мешавад. Ба туфайли барвақттар омадани баҳор ба ин ҷо ва гармии иқлим зардолу, шафтолу ва олучапарварӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Дар 20 соли охир дар иқтисодиёт, аз ҷумла рушди саноат, дигаргуниҳои куллӣ ба амал татбиқ гардиданд. Агар дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар вилоят якчанд корхонаи дорои аҳамияти ҷумҳурӣ фаъолият дошта бошанд, ҳоло теъдоди онҳо аз 100 адад гузаштааст. Умуман, дар давоми солҳои гузашта, дар соҳаи саноат истеҳсоли 27 намуди нави маҳсулот саноатӣ ба роҳ монда шуд. Тӯли солҳои истиқлолият, баъди ҷустуҷӯҳо дар ҳудуди Оққум ва Порсонкӯл захираи калони нафту газ ёфт шуд (расми 116). Барои азнавкоркарди энергетикаи ашёи хоми ин конҳо соли 1997 дар шаҳри Қаровулбозор заводи муқтадири азнавкоркарди нафт ба истифода супурда шуд. Ин корхонаи барои мамлакат аҳамияти стратегӣ дошта, дар баробари аз нав




*Расми 115.* Саҳми вилояти Бухоро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (фоиз, соли 2017).

http://eduportal.uz




*Расми 116.* Вилояти Бухоро.

кор кардани ашёи хоми ҳудуди нафту газдори Бухоро – Хева, бобати бо шуғл фарогирии аҳолии вилоят манбаи асосӣ низ мебошад.

Шароити наклиёти вилоят куллан беҳ шуд. Ба муносибати ба роҳ мондани поезди тезгарди «Афросиёб», имкон пайдо шуд, ки мусофирон тавассути поезд аз пойтахт то Бухоро дар тӯли қариб чор соат рафта расанд.



***Соҳаҳои асосии хоҷагии деҳот:*** зироатҳои донӣ, пахтакорӣ, сабзавоткорӣ гӯсфандпарварӣ. ***Соҳаҳои асосии саноат:*** сӯзишворӣ (нафт ва газ), кимиё ва нафту кимиё, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ.

Натиҷаи татбиқи корҳои васеъмиқёс буд, ки Бухоро ба маркази муҳими иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сайёҳӣ табдил меёбад.

Ин ҳама имкон медиҳад, ки ҳудуд ба таври маҷмӯъ ривоҷ ёбад, соҳаҳои хидматрасонӣ беҳ гарданд, аҳолӣ бо шуғл фаро гирифта шавад..

***Шаҳри Бухоро*** низ мисли шаҳри Самарқанд қадимӣ буда, дар



*Расми 117.* Қисмати куҳнаи шаҳри Бухоро.

гузашта пойтахт будааст. Шаҳр аз замонҳои қадим бо зардӯзӣ, шоҳибофӣ, заргарӣ, мисгарӣ, гаҷкорӣ, кандакории чӯб ва дигар ҳунарҳо машҳури дунё гаштааст. Дар шаҳр беш аз даҳ корхонаи муштарак, дар ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ, фаъолият дорад. Аз ҷумла, «Бух–Тел» (Исроил) майонез, «Омега–Ситора» (Юнон) маснуоти мӯйина, «Гуфик – Аветсенна» (Ҳиндустон) доруворӣ, «Мармар» (ИМА) масолеҳи бинокорӣ истеҳсол менамояд. Дар шаҳр аз соли 1996 стансияи телефонии сохти Ҷумҳурии Корея кор сар кард.

Дар шаҳри Бухоро Донишгоҳи давлатии Бухоро, донишкадаи муҳандисию технологӣ, донишкадаи тиббӣ ва филиали бухороии донишкадаи ирригатсия ва мелиоратсияи Тошканд фаъолият доранд. Ба мақсади ҳамоҳанг бо андозаҳои замон беш аз пеш риво̧ҷ додани анъанаҳои меъмории қадимӣ соли 2010 Маркази мадании Бухоро ташкил дода шуд, ки 107 гектарро дар бар гирифтааст. Маҷмӯъи мазкур чанд иншоотҳои бузургро, мисли Театри драмаи мусиқии дорои 700 ҷой, амфитеатри ба 2000 нафар тамошобин пешбинишуда, ёдгории «Бухорои кӯҳнаву ҷовид»-ро дар бар мегирад. Муҷассамаи 18 метраи маркази маҷмӯъ мероси илмию фарҳангӣ, таърихию фалсафии ин сарзаминро дар худ таҷассум намудааст. ***Когон*** шаҳракест, ки ба сифати истгоҳи роҳи оҳан қад рост кардааст. Баъди то Душанбе расидани роҳи оҳан ва сохта шудани роҳи оҳани Когон – Бухоро, Когон ба гиреҳи нақлиётӣ табдил ёфт. Шаҳри Газлӣ дар пойгоҳи кони газ бунёд гардидааст Ба Газлӣ аз Навоӣ нерӯи барқ ва тавассути қубур аз Амударё об оварда шудааст. Газлӣ дар ҳудуде ҷойгир шуда, ки иқлимаш беандоза хушк аст, биноан, сари чанд вақт боди тунде вазида, чангу гардро боло мебардорад, баъзан регкӯчӣ ба амал меояд.

1. Мавқеи географӣ ва шароити табиии вилоят барои хоҷагии он чӣ хел имкониятҳоро фароҳам меоварад?
2. Дар ноҳияҳои вилоят кадом навъҳои хунармандӣ ривоҷ ёфтаанд?
3. Дар хоҷагии қишлоқи вилоят чӣ дигаргуниҳо рӯй доданд? Сабабашро фаҳмонед.
4. Муайян намоед, ки кадом роҳи кӯтоҳтарин ноҳиятонро бо маркази вилоят мепайвандад.

# Дарси 53-ум МИНТАҚАИ ИҚТИСОДИИ ҶАНУБӢ




*Аз ҷадвали 1-уми қисми илова шумораи аҳолӣ ва майдони минтақаро муайян намоед.*

***Мавқеи иқтисодию географӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Минтақаи иқтисодии ҷанубӣ дар қисми ҷанубии мамлакат ҷойгир шуда, аз вилоятҳои Қашқадарёю Сурхондарё ташкил ёфтааст.

Минтақа бо се давлат – Афғонистон, Туркманистон, Тоҷикистон, дар шимол бо минтақаи иқтисодии Зарафшон ҳамсарҳад аст. Майдонаш қариб ба 1/10 қисми майдони Ӯзбекистон баробар буда, дар ин ҳудуд аз ҳафт як қисми аҳолии мамлакат зиндагӣ мекунад. Минтақаи иқтисодӣ дарвозаи ҷанубии мамлакат ба шумор меравад. Кӯпруки автомобилгузар ва роҳи оҳани дар болои дарёи Ому сохташуда, минтақаи иқтисодиро ба дараҷаи байналхалқӣ бардошт (расми 118). Аксарияти давлатҳои дар шимол ҷойгиршуда робитаҳои тиҷоративу иқтисодиро тавассути ин кӯпрук анҷом медиҳанд.

Дар минтақаи иқтисодӣ ба сабаби азхудкунии чарогоҳҳои сахроию кӯҳӣ, доираи чарогоҳҳои табиӣ торафт танг мегарданд. Барои аз ин зарар надидани қарокӯлипарварӣ дар даштҳо чорабиниҳои фитомелиоративӣ андешида мешаванд.

Дар минтақаи мазкур сарватҳои сӯзишворию энергетикӣ бисёранд. Гази Шӯртан ИБГ-и Сирдарё ва ҳатто ИБГ-и Ангренро бо сӯзишворӣ таъмин менамояд. Конҳои гази Муборак гази худро ба сартосари мамлакат ва давлатҳои хориҷӣ интиқол медиҳанд. Якчанд кони нафт ва сланеси даргиранда муайян карда шудаанд. Захираҳои намаки ош, мармар, оҳаксанг ва гаҷ (гипс) барои саноати кимиё ва масолеҳи бинокорӣ уфуқҳои истиқболиро мекушоянд.



*Расми 118.* Кӯпруке, ки Ӯзбекистонро бо Афғонистон мепайвандад.

***Аҳолӣ.*** Аҳолӣ дар сартосари минтақаи иқтисодӣ ноҳамвор ҷойгир шудааст. Дар ноҳияҳои обёришаванда аҳолӣ зич (дар ҳар км кв. 100 –250 нафар), аммо дар кӯҳу саҳро ва нимбиёбонҳо тунук ҷойгир шудааст. Шаҳрҳо васеъ шуда, шаҳракҳои нав пайдо мешаванд.

***Хоҷагӣ ва ташкили ҳудудии он.*** Дар

хоҷагии қишлоқи минтақаи иқтисодӣ чорводорӣ мавқеи алоҳида дорад. Минтақа аз рӯйи қарокӯлипарварӣ дар мамлакат аз пешсафон аст. Чарогоҳҳои фарох, парвариши ҷуворимаккаву беда, истифода аз партовҳои саноатӣ ба ривоҷёбии чорводорӣ имкон медиҳанд. Буз ва гӯсфандони дунбакалони барои гӯшту равған парваришёбанда дар чарогоҳҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ бонӣ карда мешаванд. Дар пастхамиҳои кӯҳҳо ва биёбонҳо бузу гӯсфандони пашмашон дарозу маҳин парвариш меёбанд.



Вазъи саноатии ду вилояте, ки як минтақаи иқтисодиро ташкил додаанд, аз якдигар куллан фарқ мекунад. Дар вилояти Қашқадарё саноат аз ҳисоби маъданҳои истихроҷӣ ривоҷ ёфта бошад, вале саҳми саноати Сурхондарё дар иқтисодиёти мамлакат хеле кам аст.

ИБГ-и Талимарҷон ва корхонаҳои азими Қашқадарё, мисли «Муборакгаз», натанҳо мояи ифтихори минтақаи иқтисодӣ, балки мамлакат низ мебошанд. Стансияи компрессории Кӯкдумалоқ (дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои ИМА ва Ҷопон сохта шудааст), ки дар зери фишори 600 атмосфера дар як шабонарӯз 4,2 млн. метрии мукааб газро истихроҷ мекунад ва маҷмӯъи аҳамияти стратегидоштаи «Шӯртангаз» аз он ҷумла аст.

***Нақлиёт.*** Дар минтақаи иқтисодӣ ҳама намудҳои нақлиёт мавҷуданд. Солҳои охир, ба мақсади беҳсозии таъмини нақлиёти боркашон ва рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии ҳар ду вилояти минтақа, роҳи оҳани «Тошғузор – Бойсун – Қумқӯрғон» сохта ба истифода дода шуд. Роҳи оҳани мазкур, ки тавассути ноҳияи Бойсун мегузарад, бобати ворид шудани саноат ба ноҳияву деҳаҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ кам ривоҷ ёфтаанд, истифодаи ҳамаҷониба аз сарватҳои зеризаминиву рӯйизаминӣ, бунёди муолиҷагоҳҳо, базаҳои сайёҳӣ ва хонаҳои истироҳатӣ дар кӯҳҳои ҳавояшон мусаффо имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Аз ҳама муҳимаш, барои бунёди объектҳои иҷтимоию иқтисодии наву замонавӣ, ба вуҷуд омадани ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳибкорӣ роҳи васеъ кушод. Ин аст, ки дар минтақаи иқтисодӣ ҳаҷми боркашонӣ бамаротиб зиёд шуд, дар асоси азнавкоркарди ашёҳои хоми маҳаллӣ, беш аз 100 корхонаҳои нав ба кор даромаданд, даҳҳо ҳазор нафар бо шуғл фаро гирифта шуданд.



1. Хусусиятҳои ба худ хоси мавқеи географии минтақаи иқтисодӣ дар чист?
2. Шумораи аҳолӣ ва миқёси қувваи кории минтақаро бо минтақаи иқтисодии Зарафшон муқоиса намоед.
3. Ҳангоми аз Тирмиз ба Тошканд омадан аз кадом вилоятҳо мегузаранд?

http://eduportal.uz

# Дарси 54-ум

## ВИЛОЯТИ ҚАШҚАДАРЁ

Қашқадарё 6,4 фоизи ҳудуди мамлакатро дар бар мегирад (расми 119). Дар он 9,6 фоизи аҳолии Ўзбекистон зиндагӣ мекунад. Конҳои асосии нафту гази ҷумҳурии мо дар ҳамин ҳудуданд. Қашқадарё бино ба ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати сўзишворӣ дар мамлакат пешсаф (дар ҷойи якум) аст. Ҳамчунин, аз даҳ як қисми нерўи барқи дар мамлакат истеҳсолшаванда ва 7 фоизи саноати сабукро медиҳад. Ба туфайли шароити мусоиди табиӣ майдонҳои кишташ зиёданд. Вилоят аз рўйи майдонҳои умумии кишт, хусусан майдонҳои пахтаю ғалла, дар мамлакат дар ҷойи якум меистад.

***Мавқеи иқтисодию географӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Дар вилояти мазкур ҳарорати миёнаи солона нисбат ба дигар мавзеъҳои Ўзбекистон як андоза баланд аст. Вилоят беш аз 1 млн гектар замини киштбоби обёришаванда дорад, вале об камчин аст.  Ҳатто, дар сурати пурсамар истифода бурдан ҳам, бисёр заминҳо аз об маҳрум мемонанд. Аз ин рў, дар қисми зиёди заминҳо зироатҳои донӣ бо усули лалмӣ кишт карда мешаванд. Водии Қашқадарё бо оби дарёи Қашқадарё ва шохоби чапи он – Оқсув, Танхоздарё, Яккабоғ ва Ғузордарё обёрӣ карда мешавад. Дар водӣ, баъди сохта шудани обанбори Чимқўрғон, дар натиҷаи ба тартиб даровардани сарфаи об дар миёнаву поёноби Қашқадарё ва тавассути канали Эски Анҳор оварда шудани об аз Зарафшон, майдони заминҳои обёришаванда васеъ шуданд (атласи таълимиро аз назар гузаронед).




*Расми 119.* Саҳми вилояти Қашқадарё дар Ҷумҳурии Ўзбекистон (фоиз, соли 2017).

Шароити хоку иқлим барои парвариши пахтаи маҳиннах, сабзавот, картошка ва мева мусоид аст. Вале Ғузордарё камоб буда, танҳо дар фасли баҳор (апрел) сероб мешавад. Барои ба тартиб андохтани маҷрои он обанбори Пачкамар сохта шуд. Барилова, дар воҳа обанбори Ҳисорак ва канали мошинии Аму – Қаршӣ, ки иқтидори обёрикунии қариб 1 млн. гектар заминро дорад, бунёд гардид. Дар роҳи ин канал обанбори Талимарҷони гунҷоишаш якуним миллиард метрии мукааб об, стансияҳои насосии муқтадир барпо



*Расми 120.* Савдои меваҳои шаҳдбор.

гардиданд. Насосҳо обро ба баландии 132 метр бароварда медиҳанд.

***Аҳолӣ.*** Шароити табиӣ, таърихӣ ва иқтисодӣ ба хурдиву бузургии шаҳру деҳот, зичии аҳолӣ ва характери хоҷагидорӣ таъсири ҷиддӣ расондааст. Манзилҳои аҳолинишин дар соҳили дарёҳо таркиб ёфтаанд. Деҳаҳои иборат аз чор–панҷ хонадон дар сартосари ҳудуд пахн шуда рафтаанд. То ба наздикиҳо хонаҳо аз ашёи хоми маҳаллӣ, мисли сафедор, арча, қайроғоч, сангу хок ва коҳ сохта мешуданд. Дар ҷараёни азхудкунии заминҳои нав шаҳру деҳаҳои нав қомат рост карданд. Дар минтақаи дашти Қаршӣ хоҷагиҳои ба пахтакорӣ, боғдорӣ (расми 120), чорвопарварӣ ихтисосонидашуда ташкил дода шудаанд. Маҷмӯъи пахтакорӣ ба минтақаи такомулёфта табдил ёфт. Дар хоҷагии қишлоқи вилоят хоҷагиҳои лалмикор (баҳорикор), чорводории чарогоҳӣ, хусусан қаркӯлипарварӣ, саҳми назаррас доранд. Вилоят, бино ба рӯёндани гандум, мавқеи пешинаашро баркарор менамояд. Кирмакпарварӣ, боғдорӣ ва сабзавоткорӣ соҳаҳои иловагии хоҷагиҳои ихтисосонидашудаанд.

Пахта, асосан, дар пастхамиҳои Китоб – Шаҳрисабз ва воҳаи Қаршӣ кошта мешавад. Кишти тирамоҳии ғалла рӯзҳои гарми тобистон фаро нарасида мепазад. Шароити табиӣ барои токпарварӣ ва дарахтони меваашон донакдор низ мусоид аст. Ангури Қаршӣ, хусусан навъи шаҳдбори «маска»-и он, машҳур аст. Себ, нок, анҷир, анор барин дарахтони мевадори гармидӯст низ нашъунамо меёбанд. Майдонҳои мевачот, сабзавот ва зироатҳои полезӣ низ дар пастхамиҳои Китоб – Шаҳрисабз воқеъанд. Аз онҳо дар ҷояшон шароб ва консерваҳои меваву сабзавот тайёр карда мешавад.



***Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ:*** зироатҳои донӣ, пахтакорӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ, чорводории гӯшту шир, гӯсфандпарварӣ, кирмакпарварӣ.

***Саноат.*** Қашқадарё такягоҳи саноати нафту гази мамлакат мебошад. Дар қисми ҷанубу ғарбии дашти Қаршӣ маркази калони саноати газ ҷойгир шудааст, ки гази сулфати водородро ҷудо карда мегирад. Дар вилоят қариб 150 корхонаи саноатӣ фаъолият доранд. Қисми асосии онҳо ба саноати нафту газ, пахтатозакунӣ, бинокорӣ ва саноати сабуку хӯроквcovорӣ ихтисосонида шудаанд.

http://eduportal.uz

***Соҳаҳои асосии саноат***: сӯзишворӣ (нафту газ), кимиё ва газу кимиё, электроэнергетика, саноати сабук ва хӯрокворӣ.

Корхонаҳои азими саноатӣ дар шаҳрҳои ***Қаршӣ, Шаҳрисабз*** ва баъзе деҳоту шаҳракҳои калон ҷойгир шудаанд (расми 121). Саноати маҳаллӣ чанд маҳсулоти миллии ҳунармандиро, аз қабили палос, тоқӣ, қандолот истеҳсол менамояд. Дар заминаи канданиҳои фоиданоки воҳа, мисли нафт, газ, намак маҷмӯъи сӯзишворию энергетика ташаккул меёбад. Дар таркиби соҳаҳое, ки маҳсулоти саноатӣ истеҳсол менамоянд, саҳми маҳсулоти сӯзишворӣ назаррас аст (расми 122). Дар натиҷаи ба кор даромадани конҳои нафту газ, ба роҳ мондани рафтуо дар роҳи оҳани «Тошғузор – Бойсун – Қумқӯрғон» дар дашту адирҳо низ объектҳои саноатӣ қад мекашанд. Аз ҷумла, дар Деҳқонобод заводе сохта шуд, ки соле 200 ҳазор тонна поруи калийдор тайёр мекунад. Оянда наздик завод қариб ними маҳсулоташро ба содирот мебарорад.




*Расми 121.* Вилояти Қашқадарё.




*Расми 122.* Таркиби соҳаи истеҳсолии маҳсулоти саноатӣ (соли 2017).

***Соҳаҳои ичтимоӣ***. Дар вилояти Қашқадарё беш аз 250 обидаҳои таърихӣ, зиёда аз 900 ёдгории меъморӣ мавҷуд буда, аксарияти онҳоро давлат ҳимоя мекунад.

***Шаҳрҳо***. Вилоят 12-то шаҳр дорад. Қаршӣ маркази маъмуриву фарҳангии вилоят аст. Шаҳри мазкур, ки дар сари роҳи қадимаи корвонгузар бунёд гардидааст, 2700-солагиашро таҷлил намуд. Майдони шаҳри Қаршӣ 75,5 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Қаршии имрӯза аз шаҳрҳои функсияаш зиёд аст. Дар таркиби соҳаҳои саноатӣ саноати сабуку хӯрокворӣ пешсафанд. Саҳми заводҳои пахтатозакунӣ, равғану шир, фабрикаи дӯзандагӣ, комбинатҳои масолеҳи бинокорӣ ва азнавкоркарди металл дар рушди иқтисодиёти вилоят назаррас аст. Ҳоло дар шаҳри Қаршӣ бисёр корхонаҳои муштарак фаъолият доранд. Корхонаҳои муштараки Ӯзбекистону Британия – «Мевалар камалаги» ва Ӯзбекистону Сингапур – «Қаршиёғ» бо роҳи азнавкоркарди ашёи хоми маҳаллӣ маҳсулот тайёр мекунанд.

Дар ***Қаршӣ*** ва атрофи он корхонаҳои пахта, абрешим, заводи равған, корхонаҳои азнавкоркарди металл, фабрикаҳои бофандагӣ, комбинати масолеҳи бинокорӣ сохта шуданд. Қарши ба гиреҳи саноатӣ табдил ёфтааст. Роҳҳои оҳану автомобилгард дар Қаршӣ муттаҳид шуданд. Дар натиҷа робитаҳои истеҳсолии шаҳру шаҳракҳое, мисли Нишон, Талимарҷон, Косон мустаҳкам гардид. Дар шаҳр Донишгоҳи давлатии Қаршӣ, донишкадаи муҳандисию иқтисодии Қаршӣ, филиали дар Қаршӣ будаи Донишгоҳи ахбору технологияҳои Тошканд ва дигар муассисаҳои таълимӣ мавҷуданд.

***Шаҳрисабз***. Шаҳрисабз аз қадим маркази калони ҳунармандон буд. Тоқии гилемии Шаҳрисабз дар намоишгоҳи Париж баҳои баланд гирифтааст. Шаҳрисабз зодгоҳи ҷаҳонгири бузург Амир Темур мебошад.

http://eduportal.uz

Қиёфаи шаҳрро меъмориҳои таърихӣ, аз ҷумла ёдгории Оқсарой оро медиҳад.

1. Кадом соҳаҳои қадимии ҳунармандиро медонед? Онҳо ба истеҳсолоти саноатии вилоят чӣ аҳамият доранд?
2. Дар вилоят кадом соҳаи саноат пешқадам аст? Сабаби ин дар чист?
3. Аз атласи таълимӣ марказҳои саноатии бузургро пайдо кунед ва ихтисоси онҳоро муайян намоед.

## Дарси 55-ум

## ВИЛОЯТИ СУРХОНДАРЁ

***Мавқеи иқтисодию географӣ ва сарватҳои табиӣ.*** Вилояти Сурхондарё дар ҷанубтари Ӯзбекистон ҷойгир шудааст. Ба ҷуз водиҳои Сурхон– Шерободи вилоят, ҳудудҳои боқимонда аз кӯҳҳо иборатанд. Кӯҳҳо пеши бодҳоеро, ки аз шимол мевазанд, мегиранд. Аз ин рӯ, вилоят диёри субтропикии Ӯзбекистон ба шумор меравад. Аз хусусиятҳои дигари ба худ хоси ҳудуд он аст, ки аз ҷануб «шамоли афғон»-и гарму хушк вазида, ба киштзор зарари ҷиддӣ мерасонад. Дар ташкили корҳои зироатӣ ин ҷиҳат ба назар гирифта мешавад. Сурхондарё низ мисли Қашқадарё канданиҳои фоиданоки бисёр дорад. Дар қаъри заминаш мавҷуд будани нафт, газ, ангишт, металли ранга ва масолеҳи бинокорӣ имкон медиҳад, ки соҳаҳои гуногуни саноат ривоҷ ёбанд. Доир ба рушди саноат, истифодаи оқилонаю пурсамар аз сарватҳои табиӣ як қатор лоиҳаҳо ба амал татбиқ мегарданд. Дар кони Хондизаи ноҳияи Сариосиё бино ба азнавкоркарди захираи калони маъдани металл – руҳ, қӯрғошим, мисс ва нуқра лоиҳаи бузург ба амал татбиқ гардид.

Дар давраи Иттифоқи собиқ, ба сабаби он ки дар таркиби нафти Сурхондарё омехтаи битиум зиёд буд, он асосан барои сохтмони роҳ истифода мегардид. Барои аз ин ашёи хом маҳсулоти иловагӣ гирифтан, заводи азнавкоркарди нафти Ҷарқӯрғон барпо гардид.




*Расми 123.* Саҳми вилояти Сурхондарё дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон (фоиз, соли 2017).

http://eduportal.uz

Завод соле 80 ҳазор тонна нафтро аз нав кор карда, бензин ва сӯзишвории дизелӣ ҳосил менамояд.

***Аҳолӣ***. Афзоиши табиии вилоят зиёд аст. Зичии аҳолӣ дар ҳар як километри мураббаъ (кв.) 112 нафарро ташкил медиҳад, яъне аз зичии миёнаи аҳолии Ӯзбекистон ду баробар зиёд аст (расми 123).

***Хоҷагии қишлоқ***. Дар хоҷагии вилоят маҷмӯъи агросаноатӣ нақши пешбарандагӣ дорад.

***Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ:*** ғаллакорӣ, пахтакорӣ (маҳиннах), боғдорӣ (меваҳои субтропикӣ), ангурпарварӣ, чорводории гӯшту шир, гӯсфандпарварӣ, кирмакпарварӣ.

Дар ҷанубтари вилоят, ки хеле гарм аст, пахтаи маҳиннах парвариш карда мешавад. Дар кишоварзӣ дарёҳои Сурхону Шеробод аҳамияти калон доранд. Бунёд гардидани обанборҳои Сурхони Ҷанубӣ ва Учқизил имкони аз худ кардани заминҳои зиёдеро дод. Дар фаъолияти хоҷагидории аҳолӣ боғдорӣ, полезкорӣ ва сабзавотпарварӣ аҳамияти муҳим дорад. Боғу ангурзорҳо, хусусан, дар ноҳияҳои Деҳнаву Олтинсой бисёранд.

Чорводорӣ соҳаи муҳими дигар аст. Дар заминҳои обёришаванда барои гӯшту шир чорвои калони ҷойдорӣ парвариш меёбад. Дар чарогоҳҳои кӯҳӣ барои гӯшту шир гӯсфандони ҳисорӣ бонӣ карда мешаванд. Баъзе гӯсфандони ҳисорӣ 150 – 160 (вазни зинда) кг вазн доранд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ барои гӯшт ва пашми маҳину дурушт бузҳои ангорӣ парвариш карда мешаванд. Дар минтақаҳои дашти вилоят парвариши гӯсфандони қарокӯлӣ хуб ба роҳ монда шудааст. Пӯсти қарокӯлии «Сури Сурхон», ки дар ҷаҳон машҳур аст, дар ҳамаи ҳудудҳо парвариш карда мешавад (расми 124).



*Расми 124.* Пӯсти қарокӯлии «Сури Сурхон».

***Саноат***. Дар миқёси мамлакат саҳми саноати вилоят он қадар зиёд нест. Вилоят ҳамагӣ 1–2 фоизи маҳсулоти саноатии дар Ӯзбекистон истеҳсолшавандаро медиҳад, ки оқибати дар гузашта ба он чун ба минтақаи кишоварзӣ




*Расми 125.* Вилояти Сурхондарё

муносибат кардан аст. Натиҷа ин буд, ки вилоят ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ шуд.

***Соҳаҳои асосии саноат:*** саноати сабук (пахтатозакунӣ), саноати хӯрокворӣ, орду ярма.

Дар вилоят ба мақсади ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, бо шуғл фарогирии аҳолӣ корхонаҳои нав ба нави саноатӣ, роҳҳои автомобилгард барпо карда мешаванд. Ба рушди саноати сабук, ки дар байни соҳаҳои саноати вилоят пешсаф аст, аҳамияти калон дода мешавад (расми 125). Пешбинӣ шудааст, ки солҳои наздик дар ноҳияҳои Қумқӯрғон, Сариосиё, Деҳнав ва Шӯрчӣ як қатор маҷмӯъҳои фарҳангӣ ташкил дода мешаванд, ҳаҷми азнавкоркарди пахтаи вилоят ба 20–25 фоиз расонда хоҳад шуд.



http://eduportal.uz

Саноати кон низ босуръат ривоҷ меёбад. Ҳоло дар наздикии Ховдоғ, Учқизил, Лалмикор ва Кӯкайдӣ конҳои нафту газ кор мекунанд. Аз се кони бузурги ангишти Ӯзбекистон дутоаш (конҳои ангишти Шарғуну Бойсун) дар Сурхондарёст. Аз ин конҳо ангишти хушсифат гирифта мешавад. Пешбинӣ шудааст, ки дар вилоят маҷмӯъи сӯзишвории замонавие барпо карда хоҳад шуд, ки дар як сол иқтидори истеҳсоли 900 ҳазор тонна ангиштро дорад.

***Шаҳрҳо.Тирмиз*** маркази маъмурию фарҳангии вилоят аст (аз мавзӯи аҳолӣ шумораи аҳолии шаҳрро муайян кунед).

Он аз шаҳрҳои бостонии Осиёи Миёна мебошад. Дар аввали асри гузашта Тирмиз шаҳри хурди ҳарбии сарҳадӣ буд. Дар он танҳо як заводи пахтатозакунӣ дар ҳолати нимҳунармандӣ вуҷуд дошт. Тирмизи имрӯза шаҳри ободест. Бандари Амударё ва роҳҳои оҳану автомобилгард сохта шудаанд. Шаҳр ба гиреҳи муҳими нақлиётӣ табдил ёфтааст. Соли 1995 дар шаҳри Тирмиз аэропорти нави замонавӣ сохта шуд. Қисми зиёди молҳои содиротиву воридотӣ ба Афғонистон ва ба воситаи он ба дигар давлатҳо тавассути бандари Тирмиз интиқол дода мешаванд. Пас, Тирмиз ба сифати маркази азнавкоркарди ашёи хом ва бандари бузурги дарёӣ, ривоҷ меёбад. Дар шаҳр заводи пахтатозакунӣ, комбинатҳои ширу равған ва нону гӯшт, заводи лимонад, корхонаҳои саноатии ба масолеҳи бинокорӣ ихтисосонидашуда ва дигар корхонаҳои маҳаллӣ мавҷуданд. Донишгоҳи давлатии Тирмиз, ки орои замонавӣ дорад, дар вилоят маркази илмию маърифатӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад (расми 126). Дар шаҳр, ҳамчунин, музейи кишваршиносӣ, кинотеатр ва китобхонаҳо фаъолият доранд. Дар Тирмиз боғи ҳайвонот мавҷуд аст.

Шаҳри ***Деҳнав*** дар ҷойи деҳаи калони бостонии тиҷоратию ҳунармандӣ бунёд шудааст. Соли 1929, баъди аз Деҳнав убур кардани роҳи оҳан, истеҳсолот ривоҷ ёфт. Саноати Деҳнав ба азнавкоркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ ихтисосонида шудааст. Дар ин ҷо заводҳои пахтатозакунӣ, равғану шир, таъмири мотор ва гӯшт мавҷуданд. Стансияи таҷрибавии институти илмию тадқиқотии ҷумҳурявии ба номи Шредер доир ба боғдорию ангурпарварӣ ва шаробпазӣ дар ҳамин шаҳр аст.



*Расми 126.* Донишгоҳи давлатии Тирмиз.

http://eduportal.uz

1. Аз ҷадвали 2-юми қисми илова маълумотҳои ба сарватҳои заминии вилоят хос бударо муайян намоед.
2. Саҳми аҳолии шаҳру деҳоти вилояти Сурхондарёро аз ҷадвали 1-уми қисми илова муайян созед.
3. Дар хоҷагие, ки мактабатон дар он ҷост, маҳсулоти рӯёндашуда ба кадом шаҳрҳо фиристонда мешавад? Агар сокини шаҳр бошед, муайян намоед, ки кадом навъи маҳсулоти кишоварзӣ аз кадом ноҳия оварда мешавад.
4. Бо истифода аз харитаи бематн супоришҳоро доир ба минтақаи иқтисодию географии Сурхондарё иҷро кунед.

## Дарси 56-ум

# МИНТАҚАИ ИҚТИСОДИИ АМУДАРЁИ ПОЁН

***Мавқеи иқтисодию географӣ.*** Минтақаи Амударёи поён дар шимолу ғарбии Ўзбекистон ҷойгир шудааст. Ин минтақа аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм иборат аст.




***Аҳолӣ***. Аҳолӣ дар заминҳои обёришавандаи минтақаи иқтисодии Амударёи Поён аз қадим зич ҷойгир шудааст. Дар воҳаи Хоразм аз замонҳои қадим бо деҳқонӣ шуғл меварзанд. Аҳолӣ дар ҳудуди минтақа ноҳамвор ҷойгир шудааст. Тафовутҳои табиӣ ба ҷойгиршавии аҳолӣ таъсир расондааст. Аҳолӣ ба самти баҳри Арал торафт кам мешавад. Бар асари рушди шаҳрҳои Нукус, Чимбой, Урганч, Мўйноқ, Тахиатош, Хўҷайлӣ ва аз ҳисоби ривоҷёбии тиҷорати хурду соҳибкорӣ дар деҳот, ба вуҷуд омадани шаҳрҳои нав аҳолии шаҳр торафт зиёд мешавад.

***Хоҷагӣ.*** Асоси минтақаи иқтисодиро хоҷагии қишлоқ ташкил медиҳад. 6 фоизи заминҳои коршоями кишоварзии Ўзбекистон дар ин минтақа аст. Қариб 90 фоизи заминҳои мавриди истифодаи хоҷагии қишлокро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд. Заминҳои шўрхок, кўлу регзор ва ботлоқ низ майдонҳои зиёдро ишғол намудаанд. Аҳолӣ, ба ҷуз пахтакорӣ, бо кирмакпарварӣ, қарокўлипарварӣ, боғдорӣ, ангурпарварӣ, полезкорӣ, рӯёндани шолӣ сарукор дорад. Минтақаи иқтисодӣ аз нисф зиёди шолии дар мамлакат рӯёндашударо медиҳад (расми 127).

Дар доманаҳои Амударё дар заминаи деҳқонӣ чорводорӣ низ ривоҷ ёфтааст. Аз соҳаҳои қадимию сердаромад – кирмакпарварӣ дар алоқамандӣ бо пахтакорӣ дар заминҳои обёришаванда ба роҳ монда шудааст Дар



http://eduportal.uz



*Расми 127.* Дарави шолӣ.

чарогоҳҳои саҳроӣ тӯли сол гӯсфандони қарокӯлӣ парвариш карда мешаванд. Дар тӯқайзорон галаҳои асп мечаранд.

***Саноат.*** Саноати минтақаи иқтисодиро соҳаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ ташкил медиҳанд. Дар саноати сабук саҳми заводи пахтатозакунӣ назаррас аст. Ба мақсади аз байн бурдани танқисии энергия, бо энергия таъмин намудани саноат ва хоҷагии қишлоқиривоҷёфтаистода, НБГ-и Тахиатош ва гидроузели дорои НБО барпо карда шуд. Минтақаи иқтисодии Амударёи Поён энергияро аз шабакаи ягонаи мамлакат мегирад.

Тӯли солҳои истиқлолият дар ин сарзамин дигаргуниҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ рӯй доданд, корҳои сохтмонию ободонии зиёде анҷом дода шуданд. Имрӯз маҷмӯъҳои замонавие, мисли заводи содаи дар Осиёи Миёна ягонаи Қӯнғирот, ки номи мӯъҷизаи саҳроро гирифтааст, заводи шишаи Хӯҷайлӣ, корхонаи муштараки «Марказий Осиё безак тошлари», заводҳои карбиди Қӯнғирот, мармару кабели Нукус, кони гази Ӯрга, маҷмӯъҳои «Элтекс» ва «Катекс», роҳи оҳани (345 км) Навоӣ – Нукус, кӯпруки азиме, ки Нукусро бо Хӯҷайлӣ мепайвандад, роҳи автомобилгарди Қӯнғирот, даҳҳо мактабҳои миёнаи таълими ҳамагонӣ, литсейу коллеҷҳо, варзиши бачагон, мактабҳои мусиқӣ ва санъати бачагон фаъолият доранд, ки ин ҳама меваи истиқлолиятанд.

Яке аз ҳодисаҳои бузурге, ки дар сохтмони шоҳроҳи автомобилгард рӯй дод, бунёди кӯпруку чорраҳа дар даромадгоҳи шаҳри Нукус буд.

Панҷ заводе, ки газро ба маҷмӯъи газу кимиёи Устюрт тақсим мекунанд, этилен, полиэтилен, полипропилен истеҳсол менамоянд ва аҳолиро бо энергия таъмин месозанд, ҳамчунин, объектҳои инфрасохтори замонавӣ бунёд гардиданд.

Минтақаи иқтисодӣ дар робитаҳои дохиливу берунӣ аз ҳамаи намудҳои нақлиёт истифода мебарад. Дар баробари афзудани нақлиёти роҳи оҳану автомобилгард, нақлиёти обӣ аҳамияташро гум мекунад. Робитаҳои минтақаи иқтисодӣ бо ҳудудҳои дигари мамлакатамон ва давлатҳои хориҷӣ хуб ба роҳ монда шудааст.

1. Таъсири мавқеи географӣ ва шароити табиии минтақаро ба минтақаи иқтисодӣ чӣ хел арзёбӣ мекунед?
2. Дар харитаи бематн супоришҳои ба минтақаи иқтисодии Амударёи Поён дахлдорро иҷро кунед.
3. Омилҳои ба ҷойгиршавии ҳудудии аҳолӣ таъсиррасонро номбар кунед.



http://eduportal.uz

# Дарси 57-ум

## ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ

Вилояти Хоразм ҳудуди басе хурди мамлакатамонро дар бар мегирад (расми 128). Сатҳи замини Хоразм ҳамвор аст. Дар хоҷагидории вилоят дарёи Ому аҳамияти калон дорад. Каналҳои Полвон, Ермиш, Шовот ва Қиличниёзбой оби Омуро ба саросари вилоят тақсим мекунанд. Вилоят, ба ҷуз обу хок ва иқлими мусоид, кӯлҳои шӯри давоӣ, ашёи хоми бинокорӣ (рег, санг, най) низ дорад.

***Аҳолӣ.*** Вилоят аз ҷиҳати саршумори аҳолӣ дар байни вилоятҳои ҷумҳурӣ дар яке аз ҷойҳои охирин меистад. Хоразмиён бо назардошти ҳавои гарму хушки тобистон, хонаҳоро бо девори сербари похсагин, ки то 4–5 м. баландӣ доранд, месозанд. Девори ғафси похсагин ҳарорат ва нами дохили биноро мӯътадил нигоҳ медорад. Ба сабаби ба сатҳи замин наздик будани обҳои зеризаминӣ, заминканҳо вуҷуд надоранд.




*Расми 128.* Саҳми вилояти Хоразм дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

***Хоҷагӣ.*** Иқтисодиёти вилоятро, асосан, маҷмӯъи агросаноатӣ ташкил медиҳад. Саҳми пахта, хусусан, дар ноҳияҳои Хева, Шовот, Янгиариқ калон аст. Дар ноҳияи Гурлан шолипояҳо майдони зиёдро ишғол менамоянд. Дар заминҳои обёришаванда, дар баробари пахта, зироатҳои донӣ, беда, ҷуворимакка, картошка ва полезиҳо парвариш карда мешаванд. Бо соҳаҳои дигари иқтисодиёт якҷо пеш бурдани пахтакорӣ имкон медиҳад, ки аз об ва қувваи корӣ оқилона истифода бурда шавад. Дар ҳамаи ноҳияҳои вилоят полезиҳо кошта мешаванд.



***Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ:*** пахтакорӣ, зироатҳои полезӣ, шоликорӣ, чорводории гӯшту шир, кирмакпарварӣ.
***Соҳаҳои асосии саноат:*** электроэнергетика, мошинсозӣ, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабуку хӯрокворӣ, орду ярма.

Ба туфайли селексияи халқие, ки асрҳо боз идома дорад, дар Хоразм навъҳои аҷиби харбузаҳои пешпазаку дерпазак ба вуҷуд оварда шудаанд.

http://eduportal.uz




*Расми 129.* Вилояти Хоразм.

Дар замонҳои қадим онҳоро ба зарфҳи махсус андохта, тавассути шутурҳо ба Бағдоду Ҳиндустон (дар бадали се моҳ) бурдаанд. Дар ноҳияҳои Хева, Янгиариқ, Гурлан, Ҳазорасп боғҳо бештаранд. Дар оянда васеъ кардани майдони боғу ангурзорҳо пешбинӣ шудааст. Соҳаи дигари муҳими хоҷагии қишлоқ чорводорист. Сахми гӯсфандони қарокӯлие, ки аз танқисии обу чарогоҳҳои тобистона ба шароити дашт мутобиқ шудаанд, назаррас аст. Ин гӯсфандон, асосан, барои пӯсту пашм ва гӯшташон парвариш карда мешаванд. Ба сабаби кам будани чарогоҳҳо, баъзе хоҷагиҳо гӯсфандонашонро дар чарогоҳҳои Қароқалпоқистон бонӣ мекунанд.

***Саноат***. Дар вилоят беш аз сад корхонаи саноатии сабуку хӯрокворӣ мавҷуд аст (расми 129). Саноат бо азнавкоркарди пахта, пилла, мева, сабзавот ва маҳсулоти чорво сарукор дорад. Барилова, корхонаҳои саноатии дӯзандагӣ, пойафзорбарорӣ, гилембофӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва хӯрокворӣ мавҷуданд. Корхонаҳои мазкур дар шаҳр ва маркази ноҳияҳо ҷойгир шудаанд.

***Сайёҳӣ***. Ба афзун гардондани иқтидори сайёҳии Хоразм ва ҷалби

ҳар чӣ бештари сайёҳон эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Ташкил додани минтақаи сайёҳии хурди «Шовот» дар соҳили канали Шовот, «Ғовук кўл» дар шаҳри Хоразм, бунёди маҷмўъи меҳмонхонаҳои замонавӣ, объектҳои аҳамияти сайёҳӣ доштаи маданию солимгардонӣ ва тиҷоратию дилхушкунанда пешбинӣ шудаанд.



*Расми 130.* Шаҳри Хева.

***Шаҳрҳо. Урганҷ*** маркази маъмурию иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят аст. Дар шаҳр саноати хўрокворӣ, бино ба аҳамияти худ, баъди саноати сабук дар ҷойи дуюм меистад. Шаҳр нерўи баркро аз ИБГ-и Тахиатош ва ИБО-и Туямўйин мегирад. Дар қисми шимолии шаҳр, асосан, манзилҳи истиқоматӣ, муассисаҳои илмӣ ва маданию маърифатӣ, дар қисми ҷанубияш корхонаҳои истеҳсолӣ ҷой гирифтаанд. Дар шаҳр Донишгоҳи давлатии Урганҷ, филиалҳои Донишгоҳи ахбору технологияҳои Тошканд ва Академияи тиббии Тошканд мавҷуданд. Хева шаҳри бостониест, ки ёдгориҳои меъмории миллияш бисёр аст (расми 130). Хева маркази муҳимии ҳунармандии миллист. Дар ин ҷо ҳунари ҳайратангези кандакории сангу чўб, заргарӣ, наққошӣ, кишидадўзӣ, мисгарӣ ва кулолгарӣ аз насл ба насл мегузарад. Хева ватани математик, астроном ва географи машҳури ўзбек Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмист.

1. Кирмакпарварӣ, шоликорӣ ва чорводорӣ дар кадом ноҳияҳо хуб ривоҷ ёфтаанд? Дар харитаи bematн ба ин ишора кунед.
2. Урганҷу Хеваро қиёсан таъриф намоед.
3. Доир ба таъсири равшани табиӣ ба иқтисодиёт мисолҳо биёред.

## Дарси 58-ум

## ҶУМҲУРИИ ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН

Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар шимолу ғарбии мамлакатамон ҷойгир шудааст. Роҳандозӣ гардидани нақлиёти роҳи оҳан, автомобил ва ҳавоӣ ба ривоҷёбии муттасили қувваҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ замина фароҳам овард. Қароқалпоқистон ба сифати вилояти мухтор соли 1925 ташкил гардид, соли 1932 ба ҷўмҳурии мухтор табдил ёфт. Соли 1936

http://eduportal.uz



*Расми 131.* Комбинате, ки дар Нукус аз пашм юрт тайёр мекунад.

ба таркиби Ўзбекистон дохил шудааст. Ба таркиби Ўзбекистон дохил карда шудани Қароқалпоқистон дўстиву бародарии дерина, муштаракоти ҳудудӣ, забонӣ ва фарҳангии халқҳои қароқалпоқу узбекро пойдортар сохт.

***Аҳолӣ.*** Дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон беш аз 1,8 млн. нафар аҳолӣ умр ба сар мебарад. Аз 1/3 қисми аҳолиро ўзбекҳо, қариб ҳамин қадар қароқалпоқҳо, боқимондаашро қазоқ ва намояндагони дигар миллатҳо ташкил медиҳанд (расми 132). Дар муассисаҳои таълими олӣ ҳазорҳо мутахассисон тайёр карда мешаванд. Дар Нукус филиали Фарҳангистони улуми Ўзбекистон ва як қатор муассисаҳои таълими олӣ фаъолият доранд. Дар Қароқалпоқистон гурўҳи калони олимон ба камол расидаанд. Онҳо дар соҳаҳои гуногуни илм ва иқтисодиёт машғули коранд. Аз ҷумла, дар соҳаи хоҷагии қишлоқ сари усулҳои гуногуни обёрикунии заминҳо тадқиқотҳо анҷом медиҳанд.

***Хоҷагӣ.*** Асоси хоҷагидории Қароқалпоқистонро маҷмўъи агросаноатӣ ташкил медиҳад. Дар ин ҷо деҳқонии обёришаванда меҳнат ва маблағи зиёдро талаб мекунад. Аз ҷумла, кофта шудани канали обёрикунанда водор намуд, ки барои об пахш накардани заминҳо сарбандҳо бунёд гарданд ва баҳри гурезондани оби ботлоқҳо заҳбурҳо канда шаванд.Тўли солҳои гузашта шабакаҳои ирригатсионӣ аз нав сохта ва фарохтар гардонда шуданд. Каналҳое, мисли Қизкетган ва Пахтаарна бунёд гардиданд. Дар ҳар ду соҳили дарё сарбандҳое, ки пеши обхезиро мегиранд, сохта шуданд. Иншооти азими гидротехникӣ – гидроузели Тахиатош соли 1973 ба кор даромад.




*Расми 132.* Таркиби миллии аҳолии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон (ба ҳисоби фоиз).

http://eduportal.uz

Дар қисми зиёди майдонҳои кишти Қароқалпоқистон пахта ва ғалла парвариш карда мешавад. Дар резишгоҳи Амударё беда ва шолӣ хуб нашъунамо меёбад. Қароқалпоқистон натанҳо дар Ӯзбекистон, балки дар Осиёи Миёна бобати рӯёндани бедаи тухмӣ аз минтақаҳои бузургтарин аст. Сифати навъи қароқалпоқистонии бедаи тухмӣ хеле баланд аст. Зироатҳои донӣ: шолӣ, ҷувории сафед ва ҷуворимакка бисёр кишт карда мешавад (расми 133). Шоликорӣ мавқеи калон дорад. Қисми зиёди майдонҳои шолӣ дар Қароқалпоқистон аст.



***Соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқ***: шоликорӣ, пахтакорӣ, полезиҳо, гӯсфандпарварӣ.

Чорводорӣ аз соҳаҳои муҳими хоҷагии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон мебошад. Чарогоҳҳои фарох ва марғзорони резишгоҳи Амударё аз қадим пойгоҳи ему хошок будаанд. Барои парвариши чорво, ба ҷуз беда, ҷувории сафед ва ҷуворимакка, аз партови корхонаҳои саноатии пахтатозакунӣ, равған, ширу равған низ истифода бурда мешавад. Дар чарогоҳҳо чор фасли сол гӯсфандони қарокӯлӣ парвариш меёбанд. Дар хоҷагиҳои саҳроӣ қисман шутур низ бонӣ карда мешавад. Чорвои калони шохдор дар минтақаҳои обёришаванда – резишгоҳи Амударё барои ширу гӯшт парвариш меёбад. Дар Қароқалпоқистон барои зиёд кардани парранда, хусусан мурғони обӣ, имкониятҳо фароҳанд. Дар ноҳияи Тӯрткӯл фермаи байнихоҷагии паррандапарварӣ ташкил дода шуд. Кирмакпарварӣ дар ноҳияҳои Тӯрткӯл ва Амударё ривоҷ ёфтааст. Ин ду ноҳия қисми асосии пиллаи Қароқалпоқистонро медиҳанд.

***Саноат.*** Ба кор даровarда шудани роҳи оҳани Чорҷӯй – Қӯнғирот дар рушди саноати Қароқалпоқистон нақши муҳим дорад. Соҳаҳои нави саноатӣ, мисли энергетика, металлсозӣ, кимиё, бинокорӣ арзи ҳастӣ карданд (расми 134). Дар Қӯнғирот заводи азиме, ки соле иқтидори истеҳсоли 160 ҳазор тонна содаи калсий, 150 ҳазор тонна содаи каустикӣ, 20 ҳазор тонна содаи хӯрокворӣ ва 400 ҳазор тонна намаки ошро дорад, ба кор даромад.




*Расми 133.* Саҳми Қароқалпоқистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

http://eduportal.uz




*Расми 134.* Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.

Саноати хӯрокворӣ ривоҷ меёбад. Дар Қароқалпоқистон истгоҳҳои барқии мавриди истифодаи умум ва ба баъзе корхонаҳои дахлдор мавҷуданд. НБГ-и Тахиатош дар байни онҳо аз бузургтаринҳост. Корхонаву манзилгоҳҳои аҳолӣ, асосан, бо газ таъмин шудаанд. Дар ноҳияи Тахтакӯпир дастгоҳи обро ширинкунанда (оби шӯрро ба оби хӯрданӣ табдил медиҳад) ба кор даромад.

Мошинсозӣ барои қонеъ гардондани эҳтиёҷи хоҷагии қишлоқ, саноат ва наклиёт хидмат мекунад. Дар заводи механикаи Тахиатош насосҳои шиновари обкашӣ таъмир мегарданд. Дар пойгоҳи гази Бухоро ва нафти аз он ҷудошуда, конҳои калий ва намаки калийдору магнийдор, конҳои фосфориту оҳак, саноати кимиё ривоҷ меёбад.



***Соҳаҳои асосии саноат***: электроэнергетика, кимиё ва газу кимиё, масолеҳи бинокорӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ, орду ярма.

***Шаҳрҳо***. Дар ҷумҳурӣ 12-то шаҳр мавҷуд аст. Пойтахти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон – Нукус маркази саноатию фарҳангӣ ба шумор меравад (Аз мавзӯи манзили аҳолинишин муайян намоед, ки дар шаҳр чӣ қадар аҳолӣ зиндагӣ мекунад).

http://eduportal.uz

Шаҳр соли 1932 дар ҷойи овули хурд барпо гардидааст. Соли 1939 ба туфайли мусоид будани мавқеи географиаш пойтахти ҷумҳурӣ аз Тӯрткӯл ба Нукус кӯчонда шуд. Тавассути сарбанди гидротехникие, ки дар Амударё сохта шудааст, ба Нукус роҳи оҳану автомобилгард кашида шуд. Дар шаҳр комбинати полиграфӣ, заводҳои таъмири мотору хишт, саноати сабуку хӯрокворӣ мавҷуданд.

Дар ***Нукус*** шашто муассисаи таълими олӣ, Донишгоҳи давлатии Қароқалпоқ, Донишкадаи давлатии педагогии Нукус, филиалҳои дар Нукус будаи Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд, Донишкдаи тиббии педиатрияи Тошканд ва Донишкадаи давлатии санъат ва маданияти Ӯзбекистон фаъолият доранд.

***Мӯйноқ*** замоне шаҳри бандарӣ буд. Дар натиҷаи паст шудани сатҳи оби Арал, аз баҳр дур монд. Ин аст, хоҷагидории он куллан тағйир ёфт.

***Берунӣ*** маркази муҳими саноатиест, ки дар соҳили рости Амударё ҷойгир шудааст. Шаҳр тавассути роҳи автомобилгард бо Нукус мепайвандад. Заводҳои пахтатозакунию равған аз корхонаҳои асосии шаҳранд.

1. Аз атласи таълимӣ муайян намоед, ки шаҳрҳои Тӯрткӯлу Урганч, ки дар ду соҳили Амударё ҷойгир шудаанд, бо ҳам чӣ иртибот доранд?
2. Ба ҷойгиршавӣ ва таркиби миллии аҳолӣ кадом омилҳо таъсир кардаанд?
3. Шаҳрҳои Қароқалпоқистон бо кадом хусусиятҳояшон аз якдигар фарқ мекунанд?
4. Дидани кадом шаҳрҳоро орзу мекунед? Барои чӣ?
5. Барои аз Нукус ба Тошканд рафтан бояд аз кадом шаҳрҳо гузашт?

## Дарси 59-ум

## МАШҒУЛОТИ АМАЛӢ

1. Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 1-уми қисми илова зичии аҳолии вилоятҳои Андиҷону Навоиро муайян ва муқоиса намоед.

2. Дар харитаи бематни синфи 8 минтақаҳои хоҷагии қишлоқи вилояти Бухороро ранг кунед, минтақаҳои васеъ паҳншудаи гандум, ҷав, ҷуворимакка, ҳамчунин, паррандапарварӣ ва занбӯрпарвариро ба қайд гиред.

3. Дар вилояти Самарқанд 11,1 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад. Ин вилоят 17 фоизи зироатҳои дониеро, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол мешаванд, медиҳад. Ин маҳсулот оё метавонад дар вилоят соҳаи иқтисодӣ гардад?

4. Нақшаи таснифи географии минтақаи иқтисодиро дар дафтаратон қайд намоед.

http://eduportal.uz

5. Омилҳоеро, ки ихтисосондашавии ҳудудро муайян менамоянд, номбар кунед.

6. Бобати тақсимоти ҳудудии меҳнат дар мамлакат фарқ ва ҷиҳатҳои ба ҳам монанди минтақаҳои иқтисодии Тошканду Мирзочўл ва Фарғонаву Амударёи Поёнро муқоиса намоед.

7. Кадом минтақа, бино ба самаранокии меҳнати саноат, пешсаф аст?

8. Хоҷагии қишлоқи кадом минтақа бо роҳи интенсивӣ ривоҷ меёбад?

9. Кадом минтақа бо нақлиёт хуб таъмин аст?

10. Дар мисоли ягон минтақаи иқтисодӣ аз ҷойгиршавии оддӣ ба ҷойгиршавии мураккабу прогрессивитарин гузаштани хоҷагидориро шарҳ диҳед.

11. Таърифи иқтисодию географии шаҳратон (ноҳиятон, вилоятатон)-ро тартиб диҳед. Дар он тарҳи робитаҳои истеҳсолии ҳудудии таркиби хоҷагиро аз рўйи ашёи хом, энергия ва маҳсулоти тайёр кашед, ҳамчунин, чорабиниҳоеро, ки доир ба ҳифзу азхудкунии табиат анешида мешаванд, баён намоед.

## Дарси 60-ум

## ТАКРОРИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Доир ба робитаи мошинсозӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт мисолҳо оред.

2. Дар маҷмўъи мошинсозӣ нисбати (ҳолат) соҳаҳо дар оянда чӣ хел хоҳад шуд? Гўед, ки кадом соҳаҳо босуръат ривоҷ меёбанд?

3. Робитаи соҳаҳои иқтисодӣ ва маҷмўъи металлургиро дар дафтаратон қайд намоед ва нишон диҳед.

4. Дар вилояти шумо кадом корхонаҳои саноатӣ ҷойгир шудаанд?

5. Дар харитаи бематн аз куҷо гузаштани муҳимтарин қубурҳои нафту газро ишора намоед.

6. Кадом шаклҳои ташкилии истеҳсолот мавҷуданд?

7. Ба шаклҳои ҷойгирсозии истеҳсолот мисолҳо оред.

8. Аз харитаи вилояти Самарқанди атласи географияи синфи 8 мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳоро муайян намоед. Эътибор диҳед, ки дар шаҳрҳо кадом соҳаҳои саноат мавҷуданд.

9. Дар Ўзбекистон соле ба ҳисоби миёна 51 млрд. КВс нерўи баркро нерўгоҳҳои барқии гармӣ истеҳсол менамоянд, 8 миллиард КВс нерўи барқ аз ҷониби нерўгоҳҳои барқии обӣ истеҳсол карда мешавад. Саҳми онҳоро бо фоиз ифода намоед.

http://eduportal.uz

*Иловаи 1*

## Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ аз рӯйи ҳудудҳо

(Ҳолати 1-уми январи соли 2017)

| Ҷумҳурӣ ва вилоятҳо | Майдон (ҳазор км кв.) | Шумораи аҳолӣ (ба ҳисоби ҳазор нафар) | | | Сохта маъмурию ҳудудӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷамъ | Аҳолии шаҳр | Аҳолии даҳа | Ноҳия-ҳо | Шаҳрҳо | Шаҳр-чаҳо |
| **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** | **448,9** | **32656,7** | **16532,7** | **16 124,0** | **170** | **119** | **1071** |
| Ҷумҳурии Қароқалпоқистон | 166,6 | 1 842,3 | 905 | 936,8 | 15 | 12 | 26 |
| Вилояти Андиҷон | 4,2 | 3 011,7 | 1 576 | 1 435,7 | 14 | 11 | 79 |
| Вилояти Бухоро | 40,3 | 1 870,2 | 698,6 | 1 171,6 | 11 | 11 | 69 |
| Вилояти Ҷиззах | 21,2 | 1 325,0 | 622,2 | 702,8 | 12 | 6 | 42 |
| Вилояти Қашқадарё | 28,6 | 3 148,4 | 1 357,5 | 1 790,9 | 13 | 12 | 117 |
| Вилояти Навоӣ | 111,0 | 958,0 | 467,6 | 490,4 | 8 | 6 | 47 |
| Вилояти Намангон | 7,4 | 2 699,6 | 1 743,7 | 955,9 | 11 | 8 | 115 |
| Вилояти Самарқанд | 16,8 | 3 720,1 | 1 390,8 | 2 329,3 | 14 | 11 | 88 |
| Вилояти Сурхондарё | 20,1 | 2 514,2 | 893,3 | 1 620,9 | 13 | 8 | 114 |
| Вилояти Сирдарё | 4,3 | 815,9 | 350 | 465,9 | 8 | 5 | 25 |
| Вилояти Тошканд | 15,3 | 2 861,2 | 1 411,5 | 1 449,7 | 15 | 16 | 95 |
| Вилояти Фарғона | 6,7 | 3 620,2 | 2 049,9 | 1 570,3 | 15 | 9 | 197 |
| Вилояти Хоразм | 6,1 | 1 805,0 | 601,2 | 1 203,8 | 10 | 3 | 56 |
| Шаҳри Тошканд | 0,3 | 2 464,9 | 2 464,9 | – | 11 | 1 | 1 |

*Иловаи 2*

## Таркиби майдони кишт аз рӯйи ҳудудҳо

(Аз рӯйи ҳисоби моҳи декабр, ҳолати соли 2017)

| Aymaqlar | Картошка | Пахта | Сабзавот – ҷамъ | Полези ғизоӣ –ҷамъ | Дон |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 78772 | 1201182 | 189696 | 52271 | 1655629 |
| Ҷумҳурии Қароқалпоқистон | 4764 | 94028 | 11342 | 12297 | 110653 |
| Вилоятҳо: | | | | | |
| Вилояти Андиҷон | 6875 | 89259 | 17762 | 1978 | 90882 |
| Вилояти Бухоро | 4324 | 106124 | 10355 | 2276 | 91182 |
| Вилояти Ҷиззах | 1610 | 90308 | 8444 | 6879 | 212545 |
| Вилояти Қашқадарё | 6588 | 153394 | 15730 | 6315 | 256673 |
| Вилояти Навоӣ | 1966 | 34538 | 4165 | 1340 | 49819 |
| Вилояти Намангон | 5634 | 76348 | 14496 | 1901 | 92012 |
| Вилояти Самарқанд | 12873 | 87649 | 29068 | 2524 | 185778 |
| Вилояти Сурхондарё | 9899 | 94539 | 14611 | 2788 | 118219 |
| Вилояти Сирдарё | 2001 | 96752 | 4352 | 3280 | 95563 |
| Вилояти Тошканд | 7418 | 84079 | 25698 | 2899 | 142266 |
| Вилояти Фарғона | 9912 | 98313 | 20304 | 2181 | 129316 |
| Вилояти Хоразм | 4881 | 95851 | 13075 | 5613 | 81021 |
| Шаҳри Тошканд | 27 | | 294 | | |

http://eduportal.uz

**Дар соли 2017 таркиби МЯҲА аз рӯйи соҳаҳо (ба ҳисоби фоиз нисбат ба ҳаҷм)**




http://eduportal.uz

## МУНДАРИҶА

### БОБИ I. МАВҚЕИ ГЕОГРАФӢ ВА СОХТИ МАЪМУРИВУ ҲУДУДИИ ЎЗБЕКИСТОН


Дарси 1-ум. Пешгуфтор ....................................................................3
Дарси 2-юм. Мавқеи географии Ўзбекистон.............................................5
Дарси 3-юм. Сохти маъмурию ҳудудии Ўзбекистон...............................8
Дарси 4-ум. Харитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ...........................................11


### БОБИ II. САРВАТҲОИ ТАБИӢ, АҲОЛӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ ЎЗБЕКИСТОН


Дарси 5-ум. Шароит ва сарватҳои табиии Ўзбекистон ..............................13
Дарси 6-ум. Аҳамияти шароит ва сарватҳои табиӣ дар иқтисодиёти Ўзбекистон.........................................................15
Дарси 7-ум. Аҳолии Ўзбекистон ..............................................................18
Дарси 8-ум. Таркиби аҳолии Ўзбекистон....................................................20
Дарси 9-ум. Манзилҳои аҳолинишин ........................................................22


### БОБИ III. СОХТИ ТАРКИБИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


Дарси 10-ум. Сохти таркибии иқтисодиёти миллии Ўзбекистон.......................27
Дарси 11-ум. Саноат – соҳаи такядори иқтисодиёти миллӣ.........................30
Дарси 12-ум. Маҷмўъи сўзишворию энергетика.........................................33
Дарси 13-ум. Саноати нафту кимиё.......................................................35
Дарси 14-ум. Саноати ангишт.............................................................38
Дарси 15-ум . Электроэнергетика..........................................................40
Дарси 16-ум Саноати кимиё................................................................45
Дарси 17-ум. Металлургияи сиёҳ...........................................................48
Дарси 18-ум. Металлургияи ранга..........................................................51
Дарси 19-ум. Мошинсозӣ ва соҳаҳои он......................................................54
Дарси 20-ум. Автомобилсозӣ...................................................................58
Дарси 21-ум. Саноати азнавкоркарди чўб..................................................62
Дарси 22-юм. Саноати масолеҳи бинокорӣ...................................................64
Дарси 23-юм. Саноат ва мушкилиҳои экологӣ ...........................................67
Дарси 24-ум. Маҷмўъи агросаноатӣ .........................................................69
Дарси 25-ум. Хоҷагии қишлоқ...................................................................71




http://eduportal.uz

Дарси 26-ум. Деҳқонӣ........................................................................................73
Дарси 27-ум. Чорводорӣ .....................................................................................76
Дарси 28-ум. Типҳои географии хоҷагии қишлоқи Ўзбекистон.................78
Дарси 29-ум. Саноати сабук ..............................................................................80
Дарси 30-ум. Саноати хўрокворӣ ...................................................................83
Дарси 31-ум. Шаклҳои ҷойгирсозӣ ва ташкили ҳудудии саноат...........86
Дарси 32-юм. Географияи нақлиёт.....................................................................88
Дарси 33-юм. Рушди замонавии нақлиёти Ўзбекистон...................................90
Дарси 34-ум. Соҳаҳои хидматрасонӣ ба аҳолӣ................................................95
Дарси 35-ум. Сайёҳӣ ва рекреатсия дар Ўзбекистон.......................................99
Дарси 36-ум. Робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.....................................................102
Дарси 37-ум. Машғулоти амалӣ........................................................................105

## БОБИ IV. ТАВСИФИ МИНТАҚАВИИ ЎЗБЕКИСТОН

Дарси 38-ум. Ташкили ҳудудии иқтисодиёти Ўзбекистон...........................106
Дарси 39-ум. Минтақаи иқтисодии Ўзбекистон..........................................110
Дарси 40-ум. Вилояти Тошканд.......................................................................113
Дарси 41-ум. Шаҳри Тошканд .........................................................................117
Дарси 42-юм. Минтақаи иқтисодии Мирзочўл..............................................121
Дарси 43-юм. Вилояти Сирдарё.......................................................................123
Дарси 44-ум. Вилояти Ҷиззах .........................................................................125
Дарси 45-ум. Минтақаи иқтисодии Фарғона ...............................................128
Дарси 46-ум. Вилояти Андиҷон.......................................................................130
Дарси 47-ум. Вилояти Фарғона .......................................................................132
Дарси 48-ум. Вилояти Намангон.....................................................................135
Дарси 49-ум. Минтақаи иқтисодии Зарафшон........................................ 138
Дарси 50-ум. Вилояти Самарқанд ..................................................................140
Дарси 51-ум. Вилояти Навоӣ...........................................................................144
Дарси 52-юм. Вилояти Бухоро ...................................................................... 148
Дарси 53-юм. Минтақаи иқтисодии Ҷанубӣ.................................................151
Дарси 54-ум. Вилояти Қашқадарё...................................................................153
Дарси 55-ум. Вилояти Сурхондарё...................................................................157
Дарси 56-ум. Минтақаи иқтисодии Амударёи Поён...................................161
Дарси 57-ум. Вилояти Хоразм ........................................................................163
Дарси 58-ум. Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.....................................................165
Дарси 59-ум. Машғулоти амалӣ ....................................................................169
Дарси 60-ум. Такрори ҷамъбастӣ ...................................................................170
Иловаҳо ................................................................................................................171



http://eduportal.uz

*O‘quv nashri*

MUSAYEV PAYOZ G‘IYOSOVICH
pedagogika fanlari nomzodi, katta ilmiy xodim
MUSAYEV JAHONGIR PAYOZOVICH,
geografiya fanlari nomzodi, dotsent

# GEOGRAFIYA

## O‘ZBEKISTONNING IQTISODIY VA IJTIMOIY GEOGRAFIYASI

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining
8-sinfi uchun darslik

*To‘ldirilgan oltinchi nashr*

*(Tojik tilida)*

«Sharq» nashriyot-matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2019

Darslikda A.Jumayev, R.Sharipov, B.Rizoqulov, A.To‘rayev slaydlaridan foydalanildi. Undagi statistik ma’lumotlar O‘zbekiston Respublikasi Davlat Statistika qo‘mitasidan olindi. Qayta nashrda darslikdagi aksariyat raqamli ma’lumotlar mazkur qo‘mita materiallari asosida yangilandi.

Муҳаррир *Хусрав Ҳамидов*
Муҳаррири бадеӣ *Б.Бобожонов*
Муҳаррири техникӣ *Р.Нафасов*
Саҳифабандон *О.Фозилова, М.Атхамова*
Мусаҳҳеҳ *Саодат Бекназарова*

**Nashr litsenziyasi AI № 201, 28.08.2011**

Ба чопаш иҷозат дода шуд 30.07.2019. Андозааш 70x90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи «Times». Кегли 12 шипондор. Бо усули офсет чоп шуд. Ҷузъи чопии шартӣ 11,70. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 13,83. Теъдод 6 431. Фармоиши № 455.

**Чопхонаи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq»,**
**100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Тӯрон, 41.**

http://eduportal.uz

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| Т/р | Ному насаби хо-нанда | Соли хониш | Ҳолати ки-тоб ҳангоми гирифтан | Имзои роҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супо-ридан | Имзои роҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |
| 4 | | | | | | |
| 5 | | | | | | |
| 6 | | | | | | |

**Китоби дарсӣ ба иҷора дода шуда, дар охири соли хониш ҷадвали болоӣ аз тарафи роҳбари синф дар асосии меъёрҳои зерин пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоби дарсӣ ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Мӯқовааш бутун, аз қисми асосии китоби дарсӣ ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш дар ҷояш, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳояш навиштаҷот нест |
| Қаноатбахш | Муқова фарсуда шудааст, чанд хати кашида ва ҷойи аз қисми асосӣ ҷудошуда дорад, табъи дил таъмир нашудааст. Варақҳои кандааш ширеш шудаанд. |
| Ғайриқа-ноатбахш | Муқова хатҳои кашида дорад, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё тамоман нест, таъмир ғайриқаноатбахш аст. Саҳифаҳо даридаанд, варақҳояш нестанд, хат кашидаву ранг карда шудааст, аз китоб наметавон истифода кард. |

http://eduportal.uz

*O‘quv nashri*

MUSAYEV PAYOZ G‘IYOSOVICH
pedagogika fanlari nomzodi, katta ilmiy xodim
MUSAYEV JAHONGIR PAYOZOVICH,
geografiya fanlari nomzodi, dotsent

# GEOGRAFIYA

## O‘ZBEKISTONNING IQTISODIY VA IJTIMOIY GEOGRAFIYASI

Umumiy o‘rta ta’lim maktablarining
8-sinfi uchun darslik

*To‘ldirilgan oltinchi nashr*

*(Tojik tilida)*

«Sharq» nashriyot-matbaa
aksiyadorlik kompaniyasi
Bosh tahririyati
Toshkent – 2019

Darslikda A.Jumayev, R.Sharipov, B.Rizoqulov, A.To‘rayev slaydlaridan foydalanildi. Undagi statistik ma’lumotlar O‘zbekiston Respublikasi Davlat Statistika qo‘mitasidan olindi. Qayta nashrda darslikdagi aksariyat raqamli ma’lumotlar mazkur qo‘mita materiallari asosida yangilandi.

Муҳаррир *Хусрав Ҳамидов*
Муҳаррири бадеӣ *Б.Бобожонов*
Муҳаррири техникӣ *Р.Нафасов*
Саҳифабандон *О.Фозилова, М.Атхамова*
Мусаҳҳеҳ *Саодат Бекназарова*

**Nashr litsenziyasi AI № 201, 28.08.2011**

Ба чопаш иҷозат дода шуд 30.07.2019. Андозааш 70x90 $^{1}/_{16}$. Гарнитураи «Times». Кегли 12 шипондор. Бо усули офсет чоп шуд. Ҷузъи чопии шартӣ 11,70. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 13,83. Теъдод 914. Фармоиши № 455-А.

**Чопхонаи Ширкати саҳҳомии табъу нашри «Sharq», 100000, шаҳри Тошканд, кӯчаи Буюк Тӯрон, 41.**

http://eduportal.uz